ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**УДК:** 332.133.6
**ББК** 65.30-18+65.049 (2 Рос)
**А-** 81

**АСКАРОВА САНАВБАРХОН СУЛТОНХОҶАЕВНА**

# ТАКМИЛИ СИЁСАТИ САНОАТӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА РУШДИ СОҲАИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050607 – “Иқтисодиёти саноат ва энергетика”

**Душанбе - 2023**

**Мундариҷа**

САРСУХАН ........................................................................................... 3

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДИИ ТАШАККУЛИ СИСТЕМАИ САНОАТ ВА РУШДИ СОҲАҲОИ САНОАТӢ

1.1. Асосҳои назариявии фаъолият ва рушди системаи саноати кишвар ва проблемаҳои коркард кардани сиёсати саноат дар он ........................ 14

1.2. Равишҳои технологии таъсиррасонӣ ба сохтори системаи саноат.... 34

1.3. Тараққиёти техникӣ-инноватсионии ҳамчун унсури рушди сиёсати саноатӣ ........................................................................................... 49

БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ТАМОЮЛҲОИ РУШДИ СОҲАҲОИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ........................................................................ 64

2.1. Таҳлили ҳолати муосир ва тамоюли рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................................................................................... 64

2.2. Заминаҳои асосии ташкили системаи инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................................................................... 79

2.3. Тамоюлҳои рушди инноватсионии соҳаҳои саноати истихроҷ ва саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон .............................................. 93

БОБИ 3. САМТҲОИ СТРАТЕГИИ ТАКОМУЛИ МУҶТАМАЪҲОИ САНОАТӢ ВА СИЁСАТИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ........................................................................................... 111

3.1. Методикаи ташаккулёбии стратегияи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ....................................... 111

3.2. Мукаммалгардонии механизмҳои рушди сиёсати саноатӣ ва соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................................................... 126

3.3. Модели иқтисодӣ-риёзии фаъолият ва самаранокии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................................................... 151

ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ ............................................................. 164

РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА ........................................ 174

# САРСУХАН

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Рушди устворӣ иқтисодиёти миллӣ бештар аз самаранокии амалишавии сиёсати саноатӣ асос меёбад. Бояд роҳҳои беҳтарини ҳалли масъалаҳо пайдо карда шаванд, ки онҳо бо таъмини рақобатпазирии истеҳсолоти саноатӣ ва рушди устувори инноватсионии он мусоидат намоянд. Масоили мукаммалгардонии механизмҳои коркард ва амалисозии сиёсати саноатӣ дар ин росто, аҳамияти хоса пайдо мекунад. Ислоҳотҳои гузаронидашуда сабабгори зуҳур намудани шаклҳои гуногуни муносибатҳои истеҳсолӣ гардиданд, ки манфиатҳои тарафҳои мухталифро муттаҳид сохтанд. Ҳамзамон ба таври комил коркард нагардидани асосҳои назариявию методии идораи муносибатҳои истеҳсолӣ омили калидии боздорандаи самаранокона амлисозии сиёсати саноатӣ дар бештари кишварҳои пасошӯравӣ гардиданд, ки ба онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон низ шомил мебошад.

Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ, омода набудани субъектонаш барои ҳамкориҳои баробарҳуқуқ бо шарикони хориҷӣ, ҳавасмандии сусти фаъолияти сармоягузорӣ ва сатҳи пасти рушди равандҳои ҳамгиройӣ фаъолият мекунад. Масоили ташаккули сисёсати саноатии самаранок дар остонаи гузариш ба тартиби технологии навин аҳамият ва мубрамияти хоса пайдо мекунад. Бояд аз чаҳорчӯбаи равишҳои дар умум қабул гардидаи ташаккулёбии сиёсати саноатӣ ва амалисозии он берун шуда, ба усулҳои навине такя кард, ки барои давра ба давра аз ҳолатҳои бухронӣ берун шудани он мусоидат карда тавонанд. Ба чунин равиш айни замон метавон консепсияи кластеркунонии бахши саноатиро шомил намуд, ки он дорои принсипҳои истифода ва татбиқи принсипҳои воридотивазкуниро доро мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки зарурати мукаммалсозии системаи идораи ташаккулёбии самтҳои нави рушди соҳаҳои саноат дар пояи усулҳои

муосир ба монанди сиёсати кластерӣ ва консепсияи воридотивазкунӣ аз мӯҳтавои сенарияи индустриалию инноватсионии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» бармеояд, ки тибқи он «... ба истифодаи оқилонаи имкониятҳои нави ҳамгирой ва рушди инфрасохтори транзитии кишвар, диверсификатсияи иқтисоди миллӣ ва афзоиши назарраси содироти молу хизматрасониҳо оварда мерасонад. Аз рӯи сенарияи мазкур манбаъҳои рушди иқтисодиёт ин истифодаи самараноки сармояи инсонӣ, имкониятҳои инфрасохтори нави транзитӣ ва долонҳои иқтисодӣ, инкишофи рушди ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, густариши содироти хизматрасониҳо ва маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда … шуда метавонанд»[1].

Ақидаҳои дар боло зикргардида ба зарурати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муҷтамаъҳои саноатӣ дар кишвар, мукаммалгардонии сиёсати саноатӣ тавассути коркард ва татбиқи механизмҳои самаранок, ки дар таҷрибаҳои ҷаҳонӣ татбиқ гардидаанд, ишора менамояд ва ба мубраму аҳамиятнок будани таҳқиқоти диссертатсионӣ далолат медиҳад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ҷанбаҳои назариявии омӯзиши масъалаи такмили равандҳои саноатӣ ва ташаккули сиёсати саноатӣ ҳанӯз дар осори муҳаққиқони классикии назарарияи иқтисодӣ, аз қабили А.Смит, Д. Рикардо, В.С. Прайс, Ҷ. Милтон ва дигарон инйикос гардида аст. Дар таҳаққуқи муайян сохтани мафҳуми «сиёсати саноатӣ» ва мафҳумҳои ба он алоқаманд дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба корхои олимони хориҷӣ, аз ҷумла М.А. Вайкок, С.Ю. Глазйев, З.В. Вдовенко, Е.В. Верещагина, З.А. Водождокова, Н.А. Воробева, Г.И. Идрисов, Д.В. Мантуров, В.Д. Маркова, Т. Е. Наганова, И.А. Полешук, О. А. Романова, Е.Н. Стариков, Е.Н. Стрижакова, О.С. Сухарев, А.И

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1 октябри соли 2016. - № 392. - Душанбе: «КОНТРАСТ», 2016. - С.18-19. (103 с.)

Татаркин, З.К. Челдиева, М.Н.Яньшина ва диг. такя карда шуда аст. Аз шумори корҳои муҳақиқони ватанӣ осори Қ.Қ. Давлатзода, М.Т. Каримова, С.Ҷ. Комилов, Н.К. Қаюмов, Е.Ш. Мирзоева, А.Б. Мирсаидов, О.Қ. Муртазоев, П.А. Муҳсинова, Т.Д. Низомова, И.Р. Пулатова, Ҷ. Раҳмонов, Л.Х. Саидмуродов, М.К. Файзуллоев, Н.Х. Хоналиев, Ф.К. Шамсиев Солеҳзода А.А., Қодиров Ф. ва дигарон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Масоили равишҳои технологии таъсиррасонӣ ба сохтори низоми саноат дар корҳои муҳақиққони хориҷӣ, аз ҷумла А.А. Вдовина, А.О. Доманина, И.Р. Низамова, В.П. Василенк, Е.Ю. Семенов, С.А. Козин, В.П. Воробйёв, Н.Н. Тихомиров, П.С. Селезнев, А.И Соснило, Н.В. Светник, Е.Ю. Семенов, И.Б. Калашников, А.В. Вавилина, Т.Н. Якубова, А.В. Козачек, А.Ю. Пинчук, Р.А. Камаев, Ю.А. Левин, М.А. Соколников, Д.В. Ланская, А.Е. Яковленко, Е.С. Садовая, В.А. Сауткина, А.Р. Зенков, А.А. Пороховский, К.А. Хубиева, С.В. Кайманакова ва дигарон таҳқиқ гардидаанд.

Равандҳои воридотивазкунии маҳсулоти саноатӣ дар корҳои олимони ватанӣ Ҷ.А. Аличонов, Ш.Р. Наимов, равандҳои кластеркунонии соҳаҳои саноатӣ дар осори Т.Д. Низомова, П.А. Муҳсинова, Қ.Қ. Давлатзода, Д.А., Ҳодиев, Ҳ.А. Ҳофизов, М.И. Ҳайдарзода, Б. Ҷумъаев ва дигарон, баъзе равандҳои ҳисобкунии хароҷоти санотӣ дар асарҳои Қ.Х. Хушвахтзода, С.Ф. Низомов, Д.У. Уроқов, Б. Каримов ва дигарон инъикоси худро ёфтаанд.

Новобаста аз ин ҷанбаҳои ҷудогонаи масоили коркард ва амалисозии сиёсати саноатӣ ва мукаммалсозии барномаҳои стратегию минтақавии рушди соҳаҳои саноатӣ дар шароитҳои тахассусии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври аниқ муайян карда нашудаанд. Ғайр аз ин ҷудо намудани роҳҳои афзалиятноки таъмини рушди инноватсионии ситемаи саноатӣ, чун пештара ба таҳқиқотҳои мушаххаси илмию

назариявӣ зарурат доранд. Ҳамаи ин аҳамиятнокӣ ва мубрамии мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиониро муайян намуда аст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат, ва як қатор барномаву стратегияҳои соҳавӣ иртибот дорад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот асосноккунии равишҳои назариявӣ-методии такмили сиёсати саноатӣ ва коркарди тавсияҳои амалии самаранокона амалӣ сохтани он дар мисоли системаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Раванди таҳқиқот дар доираҳои ҳадафҳои гузошташуда имкон медиҳад, ки вазифаҳои зерин ҳалли худро ёбанд:

- омӯзиши асосҳои назариявии коркард ва амлисозии сиёсати рушди саноат;
- муайянсозии равишҳои технологии таъсиррасонӣ ба сохтори системаи истеҳсолӣ ва рушди инноватсионии он;
- таҳлили ҳолати муосир ва муайян кардани тамоюлҳои рушди инноватсионии системаи саноат;
- асоснок намудани самтҳои стратегии мукаммалгардонии механизмҳои сиёсати саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- татбиқи методҳои баҳодиҳии фаъолият ва самарнокии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот.** Ба ҳайси объекти таҳқиқот механизмҳои коркард ва амлисозии сиёсати саноати дар Ҷумҳурии баромад мекунанд.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** муносибатҳои иҷтимой-иқтисодие мебошанд, ки ҳангоми коркард ва амлисозии сиёсати саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот.** Фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар назар дорад, ки дарки нав ва коркарди равишҳои консептуалии равандҳои сиёсати саноатӣ бо дарназардошти самаранокона амалӣ шудани он имконият медиҳд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба параметрҳои рақобатпазирии системаи саноатӣ дар пояи таҷдидсозии технологӣ ноил гардад.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро** асарҳои олимону иқтисоддонҳои хориҷию ватанӣ, ки ба омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили сиёсату низоми саноат, истифодаи самаранокии бахшҳои саноатӣ нигаронида шудаанд, ташкил мекунанд. Асоси методологии таҳқиқот ба маҷмуи усулҳои муосири таҳлил ва синтез ва як қатор усулҳои махсус, ба монанди абстрактӣ-мантиқӣ, иқтисодӣ-оморӣ, графикӣ, арзёбии қиёсӣ, иқтисодӣ-риёзӣ ваояндабинӣ, инчунин соҳаҳои дониши ба онҳо алоқаманд такя мекунад.

**Сарчашмаи маълумотҳоро** ҷамъбасткуниҳо ва хулосаҳои назариявӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, додаҳои омори расмӣ, ҳисоботҳои Вазорати саноат ва технологияҳои навин, додаҳои ниҳодҳои илмӣ-тадқиқотӣ, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттилооти нашрияҳо ва интишороти даврӣ, маълумоти Интернет ташкил додаанд

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар тӯли солҳои 2019-2023 анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асосноккунии равишҳои назариявию методии ҳолатҳои мукаммалгардонии сиёсати санотӣ ва коркарди тавсияҳои амалии татбиқи самараноки он дар мисоли системаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад.

Натиҷаҳои нисбатан аҳамиятноки таҳқиқоти диссератсионӣ, ки дорои навгониҳои илмӣ мебошанд, инҳоанд:

- равишҳои назариявии ташаккулёбии сиёсати саноатӣ ҳамчун системаи фаъолияти алоқаманд, ки ба амалигардонии тадбирҳои приментивии рушди бахши саноатӣ равона гардида, фарогири дарки принсипҳои ҷойгиркунӣ, тахассусият, кооператсия, ҳамгирой ва кластеркунонии соҳа буда, бо мақсади таъмини ҳамоҳангкунии рушди саноат ва бо дарназардошти қонуниятҳои тамоюлҳои рушди саноат дар тартиби технологияш, ки барои ба ҳадафҳои стратегии рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ноил гардидан имконият фароҳам оварда метавонад, муайян карда шудаанд;

- тавсифи қонуниятҳои рушди соҳаи саноат дар замони муосир асоснок карда шудаанд, ки нақш ва аҳмияти омили «инноватсия»-ро ҳамчун драйвери калидии тағйиротҳои судманд ва гузаштан ба тартиботи технологии нави босифати рушди иқтисодӣ муайян месозад. Ҳамзамон дар пешниҳоди таърифи муаллифӣ тартиби технологӣ дар ҳолати мавҷудияти тамоюлҳои ҷаҳонии печидагӣ ва мураккабии фазои иттилоотӣ ҳамчун сатҳи нави рушди системаи саноате, ки аз дараҷа ва сатҳи талаботи истеъмолӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ вобаста намебошад, пешниход мешавад;

- самтҳои асосии мукаммалсозии сиёсати саноатӣ дар мисоли кишварҳои рушдкунанда, ки равиши кластериии ташкили истеҳсолоти саноатиро хамчун шакли афзалиятноки низомнокии он дар назар доранд, ки бо дарназардошти таъминшавии ҳадафҳои дохилӣ, мақсад, принсипҳо ва воситаҳои таъсиррасонӣ, ки ба ноил гардидан ба

параметрҳои рақобатпазирии системаи саноати миллӣ равона гардидаанд, муайян шудаанд;

- тамоюлҳои тавсифии рушди бахши саноати Тоҷикистон ҳамчун системаи кушодаи алоқамандиҳои соҳаҳои мухталиф, ки рушди динамикиашон (новобаста аз тренди мусбати нишондиҳандаҳояш дар солҳои охир) тавассути камбудии таъминоти методии равандҳои идораи давлатӣ, норасоии захираҳои сармоягузорӣ, рушд наёфтани асосҳои инфрасохтории ҳамкориҳои миёни илму истеҳсолот ва ғ. муайян карда шудаанд, ки дар маҷмуъ қафомондагии технологии он аз сатҳи муосирро афзун мекунад;

- механизмҳои самараноки амалисозии сиёсати саноатии дорои тағйиротҳои ниҳодӣ дар сохтори идораи соҳа, ки ба самти таъмини ҳамкориҳои судманди мақомотҳои гуногуни давлатӣ равона гардидаанд, бо дарназардошти унсурҳои зерин пешниҳод мегарданд:

✓ амалисозии комплекси тадбирҳои ташаккулёбии кластерҳои минтақавии саноатӣ;

✓ коркарди механизми рушди консепсияи воридотивазкунӣ дар бахши саноати иқтисодиёти Тоҷикистон, ки дорои алгоритми амалисозии пайдарпайи табдирҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва маъмурии дастгирии истеҳсолкунандаи ватанӣ дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ мебошад;

✓ тавассути моделсозии риёзӣ муайян кардани қимматҳои ояндабинии нишондиҳандаҳои асосӣ дар даварҳои дарозмуддат.

**Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия.** Ба ҳимоя нуқтаҳои зерин пешниҳод мегарданд:

- равиши аз ҷониби муаллиф коркардшудаи системавии инъикоси муҳтавои комили сиёсати саноатӣ ҳамчун системаи тадбирҳои ташаккулёбии шароитҳои мусоид, ки ҷумбиши сохтории мутавозун ва ҳамоҳангкунии соҳаҳои гуногуни системаи саноатиро таъмин месозад;

- принсипҳои таҳлил ва назорати сатҳи технологии рушди системаи саноат, ки дараҷаи кушодии иттилоотӣ ва таъмин будан бо сармоягузориро ҳамчун меъёрҳои калидии баҳогузорӣ ба ҳисоб мегирад;

- модели консептуалии қафомондагии технологии системаи саноати миллӣ аз сатҳи тартиботи технологии икшварҳои рушдкарда;

- схемаи тағйиротҳои ниҳодии назорати давлатии системаи саноат, ки миконият медитҳад ҳамкориҳои ниҳодҳои гуногун беҳтар гарданд:

- механизмҳои амаликунонии равиши кластерӣ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон бо дарназардошти параметрҳои рушди инноватсионии соҳа.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз, хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, принсипҳои аз тарафи муаллиф пешниҳод шуда, равишҳо ва механизмҳо ҳамчун асоси коркарди масъалаҳои мукаммалсозии сиёсати саноатӣ ва амалисозии самараноки он дар мисоли системаи саноати кишварҳои рушдкарда иборат аст

**Аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомада.** Муқаррароти назариявии таҳқиқот, равишҳои методологӣ, тавсия ва пешниҳодҳои илмиии таҳқиқот доир ба самаранокии системаи саноатӣ ва такомули сиёсати саноатӣ дар фаъолияти амалии Вазорати саноат ва технологияҳои навини Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҳангоми омӯзиши курсҳои «Иқтисодиёти корхонаҳо», «Иқтисодиёти саноат», ва «Асосҳои фаъолияти инноватсионии корхона» мавриди иифода қарор гирифта метавонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо корбасти усулҳои махсуси илмӣ-назариявии дар рафти иҷрои таҳқиқот истифодагардида, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқгардида, коркарди илмӣ-оморӣ, назариявӣ, риёзӣ ва абстрактии натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳои муаллиф дар асоси

омӯзиши илмӣ ва натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия аз рӯи бандҳои зерини шиносномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шудааст: 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика 5. Равишҳои методологӣ ва методӣ нисбат ба масоили иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии соҳаи саноат ва энергетика. Қонуниятҳо ва тамоюли амалкард ва рушди соҳаи саноат ва энергетика, 11. Асосҳои назариявӣ ва методии таъминоти рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ, ташаккулёбӣ ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба саноат нигаронида шуда, 12. Ҷойгирсозӣ, принсипҳои ташкил ва баландбардории самаранокии истеҳсолоти саноатӣ ва энергетикӣ, 15. Сиёсати саноатӣ ва энергетикӣ: механизмҳои таҳия, татбиқ, назорат. Идоракунии ислоҳотҳои сохторӣ дар саноат ва энергетика, 24. Ташаккулёбӣ ва рушди сохторҳои кластерӣ дар саноат ва энергетика, тавсеаи инфрасохтори инноватсионии рушди саноат ва энергетика. Муаммоҳо ва дурнамои рушди кластерҳо дар саноат ва комплекси сӯзишворию-энергетикӣ, 33. Моделҳои рақамӣ дар иқтисодиёт ва идоракунии корхонаҳои саноатӣ ва энергетикӣ. Арзёбии самаранокии рақамикунонии равандҳои идоракунӣ ва технологӣ дар корхонаҳои саноат ва комплекси сӯзишворию-энергетикӣ. Таҳияи стратегияҳои рақамӣ дар саноат ва энергетика, 35. Асосҳои назариявӣ ва методии ташаккулёбӣ ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотиивазкунанда ва ба содирот нигаронида шуда.

**Саҳми шахсии довталаб.** Саҳми шахсии муаллиф дар асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ-методии таҳқиқи такмили ташаккулёбии сиёсати саноатӣ ва низоми саноат дар доираи назарияиҳои илмӣ, коркарди қиёсии додаҳои оморӣ, муайянсозии равишҳои технологии

таъсиррасонӣ ба сохтори низоми саноат ва роҳҳои тараққиёти техникӣ-инноватсионии саноат, дар доираи гузариш ба тартиботи технологии навини муосир, таҳқиқи вазъи муосир ва муайян кардани тамоюлҳои рушд, заминаҳои асосии ташкили низом инноватсионии саноат ва такмили ташаккули низом ва сиёсати саноат, таҳияи модели маҷмуавии коррелиятсионӣ ва регрессионии корхонаҳои саноатӣ ва татбиқи усулҳои арзёбии фаъолият ва самаранокии онҳо, инчунин тавсияҳои мушаххаси муаллиф вобаста ба татбиқи роҳу равишҳои ба низом ва сиёсати саноатӣ таъсиррасон ифода меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии нитиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2017-2023), инчунин дар дигар чорабиниҳои илмӣ-амалӣ ироа гардидаанд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқоти методологию назариявии диссертатсия ва тавсияҳои амалии он дар раванди таълим ва омодасозии мутахассисони зинаи бакалавр ва магистратура дар самти ихтисоси иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ истифода бурда мешаванд.

**Интишори натиҷаҳои тадқиқот.** Муқаррароту хулосаҳо ва нуктаҳои муҳимми диссертатсия дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар конференсияҳои ҳарсолаи ҳайъати профессорону устодон ва кормандони МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ироа гардидаанд. Ғайр аз ин натиҷаҳои таҳқиқот дар равандҳои тадрис ва омодасозии мутахассисони бакалавр ва магистратура дар бахши иқтисодиёти корхона ва соҳибкорӣ истифода мегардад.

Аз рӯи маводи тадқиқотшудаи диссертатсия 22 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Сохт ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки 178 номгӯйро дарбар мегирад, 14 расм, 33 ҷадвал иборат мебошад. Кори диссертатсионӣ дар маҷмуъ 196 саҳифаи чопи компютериро дарбар гирифтааст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДИИ ТАШАККУЛИ СИСТЕМАИ САНОАТ ВА РУШДИ СОҲАҲОИ САНОАТӢ

## 1.1. Асосҳои назариявии фаъолият ва рушди системаи саноати кишвар ва проблемаҳои коркард кардани сиёсати саноат дар он

Дар айни замон иқтисодиёти миллӣ таъминоти устувору мутавозини рушди тамоми соҳаҳои истеҳсолоти саноатиро талаб мекунад, ки барои қонеъ гардонидани талаботҳои аҳолии кишвар ва истеҳсоли маҳсулоти ракобатпазир равона гардидааст. Дар натиҷаи амалисозии ислоҳоти иқтисодӣ дар соҳаҳои саноати кишвар, дар пояи як қатор ташкилотҳову корхонаҳо тағйиротҳои куллие гузаронида шудаанд ва шаклҳои ташкилии хоҷагидориҳое ба вуҷуд омадаанд, ки ба такмили механизмҳои иқтисодию ташкилотӣ эҳтиёҷ доранд. Иқтисодиёти муосири бозорӣ равандест, ки ҳамчун система ба таҷҳизоту механизмҳои рушди устувор ниёз дорад, ки онҳоро баҳри бештар ва самараноктар истифода намудани захираҳо равона бисозад.

Бештари корхонаҳои ватанӣ на танҳо бо куҳна будани фондҳои асосиашон рӯ ба рӯ гардидаанд, балки сохтори идоракунии онҳо ба талаботи муосир ҷавобгӯ нестанд, вале бо ҳар роҳу восита кушиш менамоянд, ки аз усулҳои гуногуни иқтисодӣ истифода намуда, ба шароитҳои муосир мутобиқ шаванд. Ба ин ваҷҳ онҳо усулҳоеро, ба монанди кам нишон додани маблағҳои дар гардиш буда, афзоиш додани қарзҳо, напардохтани андозҳо, мавқуф гузоштани пардохтҳо тибқи ӯҳдадориҳояшон, ба иҷора додани моликияти худ ва дигар намудҳоро истифода менамоянд, ки одатан фоидаи кӯтоҳмуддат доранду самараи стратегӣ надоранд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон майли азнавсозии тамоми соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро пеш гирифта, ба ҳайси мақоми махсус ҷойгоҳи давлатро дар баробари дигар субъектон дар ҷои аввал монда аст, то ки он дар таҷдидсозии соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ нақши асосиро бозида тавонад. Ғояҳои муносибатҳои бозорӣ натавонистанд, ки

бештари мушкилоти ҷойдоштаро бартараф созанд. Соҳибкорон бошанд аз ӯҳдаи ҳалли масоиле, ки ба онҳо вогузор карда шуда буданд, баромада натавониста истодаанд. Сабабҳои ин ҳама ноқисӣ, аз як тараф, таъсири боқимондаи сохти системаи фармоишию маъмурӣ дар сохтори иқтисодиёт, рақобатнопазирӣ, хусуситяҳои иқлимиву сатҳу дараҷаи зеҳнияти аҳолии кишвар ва амсоли инҳо бошад, аз тарафи дигар, мукаммал набудани сиёсати саноатии кишвар низ мебошад.

Аз нигоҳи мо, дар навбати аввал омӯзиш ва таҳлили муҳтавои мафҳуми «сиёсати саноатӣ» ба мақсад мувофиқ мебошад, зеро сиёсати саноатии давлат ҳамчун як қисми сиёсати умумии иқтисодӣ яке аз мафҳумҳои ба таври васеъ муҳокимашаванда дар байни олимону муҳаққиқони ҳам соҳаи иқтисодиёт ва ҳам соҳаҳои ҳуқуқӣ мебошад.

Масалан, Е.Н. Стариков дар монографияаш ҷанбаҳои гуногуни мафҳуми «сиёсати саноатиро» мавриди таҳлил қарор дода, онро вобаста аз дарки нав ба чунин тавсифҳо хулоса карда аст «… сиёсати саноатӣ – ин тамоми амалиётҳое мебошад, ки ба таҷдидсозии саноат равона карда шуда, ба рушди саноати навин мусоидат менамояд ва он на танҳо дастгирии давлатӣ мебошад, балки маҷмӯи амалҳое аст, ки бо воситаи таҷҳизотҳо ба роҳ монда мешавад ва он динамикӣ буда, ба самтҳои гуногуни рушд равона гардида, тамоми омилҳо ва параметрҳое, ки ба рушд таъсир мерасонанд ба ҳисоб мегирад….»[2]. Аз нигоҳи аввал ин таъриф сода бошад ҳам, аммо муаллиф хостааст, ки тамоми ҷанбаҳои омӯхтаашро дар як фикри том ифода кунад ва аз ин лиҳоз ӯ бештар ба омилҳои таъсиррасони рушд такя намуда, таъсири дигар омилҳоро нодида мегирад. Масалан, дар таърифи муаллиф омилҳои бартарафсозандаи проблемаҳо дида намешавад. Аз ин лиҳоз дар таърифи мазкур самтҳои асосии сиёсати саноатӣ дарҷ гардида бошанд

[2] Стариков, Е.Н. Промышленная политика: подходы к формированию и управлению реализацией / Е.Н. Стариков // Монография. – Екатеринбург: Урал. гос. лесотехн. ун-т, 2017. – 72 с. – С. 12. ISBN 978-5-94984-621-6

ҳам, мо наметавонем такя ба он кунем, зеро ин таъриф томияти мафҳумро ба пуррагӣ ифода карда наметавонад.

Аммо ҳанӯз дар охирҳои асри XX В.С. Прайс сиёсати саноатиро ҳамчун маҷмӯи чорабиниҳое таъриф дода аст, ки «…дар сатҳи миллӣ ба самти амалисозӣ равона гардида ва ё баракс барои пешгирӣ намудан аз ҷунбишҳои сохторӣ дар иқтисодиёт равона гардидаанд»[3]. Дар фарқият аз таърифи пешина, чи хеле ки мебинем таърифи додаи Прайс фарохтар аст, чунки дар он омилҳои таъсири манфидошта низ ба назар гирифта шудаанд. Аз дигар тараф, ба ақидаи мо, дар таърифи мазкур аз ҷониби муаллиф вобастагиҳои сиёсати саноатӣ бо дигар шаклҳои сиёсат тасвир карда нашудаанд ва дар натиҷа чунин таъриф наметавонад комилан пуррагии мафҳуми таҳлилшавандаро ифода кунад. Аммо чи тавре, ки Идрисов Г.И. зикр мекунад, мафҳуми муосири сиёсати саноатӣ хело васеъ буда, «ба таври мустақим бо миқдори зиёди сиёсатҳо (гумрукӣ, андозӣ, пулию қарзӣ, танзими техникӣ, сиёсат дар соҳаи хизматрасонӣ ва ғ.) ва таҷҳизотҳои онҳо алоқаманд буда, дар маҷмӯъ бо самараи интегралии таъсиррасонӣ ба иқтисодиёт тавсиф дода мешавад, ки ба рушд ва афзоиш ёфтани бартариятҳои рақобатӣ мусоидат мекунад»[4]. Дар ақидаи муаллиф вобастагии зичи сиёсати саноатӣ бо дигар шаклҳои сиёсат инъикос мегардад, ки дар бархӯрди якдигарӣ метавонанд боиси такон додан ба иқтисодиёт гарданд. Албатта барои таъсири амиқи сиёсати саноатӣ дар рушд додани сатҳи рақобатпазирии соҳаҳо нақши он дар ҳамгироии дигар намудҳои сиёсат бештар хоҳад афзуд, аммо аз нигоҳи мо ин тавсиф наметавонад маънои фарохи мафҳуми сиёсати саноатиро диҳад. Аз ҳамин лиҳоз мо таҳлили ин мафҳумро амиқтар мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

Тибқи таърифи З.К. Чилдиева ва З.О. Гониева «Сиёсати саноатӣ – ин маҷмӯи чорабиниҳои давлатӣ-ҳуқуқии танзими фаъолияти

---

[3] Price, V.C. Industrial policies in the European Community // Macmillan for the Trade Policy Research Centre. 1981. Vol. 4.

[4] Идрисов, Г.И. Промышленная политика России в современных условиях / Г.И. Идрисов // Научные труды. – М., 2016. – (160 с.) – С.9.

субъектони хоҷагидорӣ (корхона, ташкилот, соҳибкорон ва ғ.) буда, инчунин ҷанбаҳои ҷудогонаи ин фаъолият мебошад, ки ба гирифтани омилҳои истеҳсолот, ташкили истеҳсолот, тақсимкунӣ ва фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳо дар тамоми давраҳои ҳаётии субъекти хоҷагидорӣ ва тамоми давраҳои ҳаётии маҳсулоти истеҳсол мекардаи онҳо тааллуқ дорад»[5].

Аз ҷониби академик Раҳимов Р.К. қайд мегардад, ки сиёсати саноатӣ ин «маҷмӯи чорабиниҳои иқтисодӣ, молиявӣ, пулию қарзӣ, ҳуқуқӣ ва институтсионалии давлат, ки ба танзими фаъолият ва рушди минбаъдаи саноат равона шудаанд, мебошад»[6]. Бояд қайд намоем, ки дар бештари корҳои олимони ватанӣ ба ақидаҳое вохӯрдан мукин аст, ки ба он равона гардидаанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаҳмиши тахассусии сиёсати саноатӣ ба вуҷуд омада, онро ҳамчун мафҳумҳои ба ҳам монанди «сиёсати давлат дар соҳаҳои саноат», «дастгирии давлатии соҳаи саноат», «сиёсати рушди иқтисодӣ», «ҳавасмандгардонии давлатии соҳаи саноат», «низоми саноатӣ», « танзими давлатии соҳаи саноат» ва ба амсоли инҳо таъриф медиҳанд[7]. Аммо дар маҷмӯъ мутахассисон

---

[5] Чельдиева, З.К. Промышленная политика как часть экономической политики государства / З.К. Чилдиева, З.О. Гониева // Управление экономическими системами: электронный научный журнал. 2014. - № 4 (64). - С. 8. Захираи электронӣ. URL: https://www.elibrary.ru/download/elibrary_21505218_33444497.pdf (Санаи мурочиат: 02.04.2021)

[6] Рахимов, Р.К. Вопросы повышения эффективности экономики (микроэкономический аспект) / Р.К. Рахимов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. — Душанбе, 2007. — № 1. -35 с.

[7] Ниг. масалан ба: Файзуллоев, М.К. Индустриализация как базис инновационно-промышленной политики и драйвер модернизации экономики Таджикистана / М.К. Файзуллоев // Таджикистан: экономика и управление. – Душанбе, 2020. - № 1. - С. 60-67.; Комилов, С.Д. Теоретические аспекты инновационно-инвестиционного развития промышленных предприятий в Республике Таджикистан / С.Д. Комилов, Е.Ш. Мирзоева // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – Душанбе, 2019. - № 1 (65). - С.12-21; Низамова Т.Д. Инновационные аспекты развития промышленности Республики Таджикистан // Материалы II международной научно-практической конференции / Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства / Т.Д. Низамова. – Душанбе, 2016. - С.352-354; Низомова, Т.Д. Роль государственной промышленной политики в развитии промышленных предприятий Республики Таджикистан / Т.Д.Низамова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и

қариб якдилона қайд менамоянд, ки мафҳуми «сиёсати саноатӣ» мафҳуми мураккаб, душворфаҳм, бисёрҷабҳа ва айни замон мубоҳисанок мебошад.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таснифи ин мафҳум оварда шудааст. Аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат» қайд карда мешавад, ки «Сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат – маҷмӯи чораҳои таъсиррасонии давлатӣ ба фаъолият дар соҳаи саноат, ки ба рушди мутаносиб ва устувори иқтидорҳои саноатӣ, таъмини пешрафти истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазир ва ғанигардонии бозори истеъмолӣ равона шудаанд»[8]. Муҳтавои таснифоти мазкури мафҳуми «сиёсати саноатӣ» тибқи қонуни мазкур дар он ифода меёбад, ки сиёсати саноатӣ – ин маҷмӯи чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилотӣ ва дигар намудҳои чорабиниҳо мебошад, ки баҳри рушди иқтидори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмин намудани рақобатпазирии маҳсулоти саноатии истеҳсолмешуда равона гардида аст.

Ҳамин тариқ мафҳуми сиёсати саноатӣ аз ҷониби муаллифон аз нигоҳҳои гуногун тафсир карда шуда аст (ҷадвали 1.1).

Ҳамин тавр, таҳлилҳои мафҳуми мазкур аз ҷониби муаллифони гуногуни ватаниву хориҷиро хулосабандӣ кунем, пас чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар маҷмуъ онҳо ишора ба чунин ҷанбаҳо мекунанд:

- субъекти сиёсати саноатӣ танҳо давлат мебошад;

---

общественных наук. – Душанбе, 2012. - № 2/5 (92). – С. 3-9.; Шамсиев, Ф.К. Баҳодиҳии низоми саноати Вилояти Суғд дар шароити ташаккулёбии муносибатҳои корпоративӣ / Ф.К. Шамсиев, М.Т. Каримова // Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2019. - № 1. - С.38-43; Шамсиев, Ф.К. Теоретические аспекты региональной промышленной системы в условиях становления корпоративных отношений / Ф.К. Шамсиев, Д.А. Ходиев // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – Худжанд, 2019. - № 1 (78). - С.71-83.

[8] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 272). ш. Душанбе, 18 майи соли 2017, № 384

**Ҷадвали 1.1. – Тафсири мафҳуми сиёсати саноатӣ аз нигоҳи муаллифони гуногун**

| Муаллиф | Таъриф |
|---|---|
| Романова О. А. | Сиёсати саноатӣ – ҳамчун таҷҳизоти ба миён оварандаи ташаккулёбии фазои дастгирикунӣ, технологӣ, экологӣ ва иҷтимоию дӯстиоварандае мебошад, ки пурра ба талаботҳои муосири иқтисодиёт ҷавобгӯ мебошад ва он бояд на танҳо ба тағйир додани сохтори иқтисодиёт равона карда шавад, балки ба талаботҳои афзуншавандаи одамон низ ҷавобгӯ бошад[9] |
| Яньшина М.Н. | Сиёсати саноатӣ – фаъолияти системавии пайвастаи аз ҷониби давлат ба амал оварда мешудае мебошад, ки онро нисбат ба мақомотҳои давлатӣ, субъектони хоҷагидорӣ, ташкилотҳои ҷамъиятию илмӣ барои ноил гардидан ба мақсадҳои дар пешгузошташудаашон бахри рушди устувори соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ истифода менамояд, ки он бо мавҷудияти пояи моддиву техникии худ ҳолатҳои ҷории иқтисодиёти миллиро ба назар мегирад[10] |
| Татаркин А.И. | Дар шароити муосир сиёсати саноатӣ аз худ қисмати ташкилдиҳандаи стратегияи рушди ҷамъиятро инъикос мекунад, ки ба системаи муносибатҳои байни мақомотҳои давлатӣ ва мақомотҳои мунисипалӣ, субъектони хоҷагидор, ташкилотҳои илмӣ ва ҷамъиятӣ асос ёфта, бо мақсади ташаккул додани саноати рақобатпазир, сохтораш мутавозин ташкил дода шуда, мағзи он тариқи низоми технологии навин нишон дода мешавад ва механизми амалисозии он системаи чорабиниҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва дигар намуди чорабиниҳоро доро буда, ба ташаккулёбии рақобатпазир гардидани комплекси саноатӣ ва таъмин намудани фаъолияти самараноки он мусоидат мекунад[11] |
| Воробьева Н.А. | «Сиёсати саноатӣ» - ин ниҳодест, ки дастаи таҷҳизотҳои худро доро мебошад ва ҳамзамон вай ҳамчун системае дониста мешавад, ки ризоияти тамоми ҷузъҳо ва алоқамандиҳо бо дигар намудҳои сиёсатро бояд ба назар гирад[12] |
| Маркова В.Д., Плужник М.В. | Сиёсати саноатӣ чорабиниҳои мақсадноки ҳамроҳшавии давлат ба соҳаи саноат буда, мақсади дигаргун сохтани сохтори иқтисодиёти ҷамъиятӣ бо роҳи тағйир додани назми бозори меҳнат ва сармоя, бахри рақобатпазир намудани кишварро дорад[13] |
| Верещагина Е.В. | Сиёсати саноатӣ ташкилдиҳандаи муҳимми сиёсати иқтисодӣ дар маҷмуъ буда, аҳамиятнокии он тариқи маҷмуи чорабиниҳои давлатӣ, ки ба тақсимкунии захираҳо алоқамандӣ доранд, муайян гашта, барои мукаммал гардонидани сохтори иқтисодиёти миллӣ равона гардида аст… [14] |

**Аз ҷониби муаллиф таҳия шуда аст**

---

[9] Романова, О. А. Промышленная политика как современный инструмент формирования экологически и социально дружественного пространства / О.А. Романова // Известия уральского государственного горного университета. – Екатеринбург, 2018. - № 2(50). - С. 135-141.

[10] Яньшина, М.Н. Плюралистическая основа понятия «промышленная политика» / М.Н. Яньшина // Актуальные проблемы экономики и права. – Казань, 2012. - № 1. – С. 168-173.

[11] Татаркин, А.И. Промышленная политика как основа системной модернизации экономики России / А.И. Татаркин // Вестник Челябинского государственного университета. – Челябинск, 2008. - № 19. – С. 5-17.

[12] Воробьева, Н.А. Роль промышленной политики в территориальной организации национальной экономики / Н.А. Воробьева // Вестник Иркутского государственного технического университета. – Иркутск, 2012. - № 7 (66). - С. 177-181.

[13] Маркова, В.Д. Индустриализация и промышленная политика / В.Д. Маркова, М.В. Плужник // Известия Дальневосточного федерального университета. Экономика и управление. – Владивосток, 2015. - № 4 (76) - С. 40-52.

[14] Верещагина, Е.В. Сущность промышленной политики государства / Е. В. Верещагина // Academy. - Иваново, 2016. - № 8(11). – С. 40-45.

- сиёсати саноатӣ масъалаҳои рушди танҳо саноатро фаро мегирад, ки он саноати коркард, истихроҷ, энергетика, сохтмон, таъминоти обу газ ва ғайраро дар бар мегирад;

- сиёсати саноатӣ–ин маҷмӯи чорабиниҳои давлатӣ, дастаи таҷҳизотҳои ба соҳаи саноати кишвар таъсиррасонанда мебошад.

Ҳамин тариқ, аз нигоҳи мо, ба моҳияти ин мафҳум эътибор додани муҳақиқонро ва дар асри XIX пайдо гардидани он дар шакли «*industrialpolicy*» дар кишварҳои аврупоиро ба назар гирифта, дар маҷмуъ метавон қайд намуд, ки моҳияти он аз нигоҳи муҳаққиқин дар ду самт ташаккул ёфта аст:

1. Гурӯҳи якуми муҳаққиқин кушиш намудаанд, ки таърифи ибораи «сиёсати саноатӣ»-ро диҳанд, ки ба нишон додани саноати миллӣ ба ҳайси объекти ягонаи сиёсати саноатӣ шаҳодат медиҳад;

2. Гурӯҳи дуюм бошад–таҷрибаи кишварҳоеро, ки «*industrialpolicy*» ва самтҳою механизмҳои онро татбиқ намудаанд, мавриди таҳқиқот қарор дода, чунин хулоса баровардаанд, ки новобаста аз номаш «сиёсати саноатӣ» нисбат ба таърифи танҳо аз он берун меомада, объектҳои таъсиррасони фарохтарро доро мебошад.

Ҳамчунин бештари онҳо бар ин ақидаанд, ки мафҳуми «сиёсати саноатӣ» мураккаб буда, даркаш бисёрҷанба, инчунин душворфаҳм низ мебошад. Аз ин лиҳоз айни замон низ тафсири ин мафҳум баҳснок мебошад.

Ҳамин тавр, таърифҳои муаллифон оид ба мафҳуми сиёсати саноатиро таҳлил ва баррасӣ намуда, аз нигоҳи мо ***сиёсати саноатӣ ва ё бо дигар ибора сиёсат дар соҳаи саноат – ин маҷмӯи ташаббусҳо ва таҷҳизотҳои бо дигар шаклҳои сиёсат алоқаманде мебошад, ки аз ҷониби давлат ҳамҷоя бо субъектони хоҷагидорӣ роҳандозӣ карда шуда, барои рушд додани иқтидори саноати кишвар, бартараф кардани монеъаҳои рушд, мукаммал гардонидани сохтори иқтисодиёти миллӣ, ташаккул додани истеҳсолот ва маҳсулоти рақобатпазир, таъмин намудани***

***афзалиятнокӣ ва сармоягузорӣ дар тамоми сохторҳои саноатӣ, таъмин намудани бехатарии иқтисодии равандҳои саноатии кишвар ва минтақаҳои он равона мегардад.***

Дар шароити муосир барои рушд ёфтани соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии кишварҳо системаҳои саноатӣ ташаккул дода шуда, рушд меёбанд, ки онҳо дар маҷмӯъ ҳамчун маҳаки рушди ин соҳаҳои кишвар ҳисобида мешаванд. Барои ҳамин зарур мешуморем, ки мафҳуми системаи саноатро аниқтар ва равшантар таҳқиқ кунем ва муайян намоем, ки то чи андоза ақидаҳо дар корҳои таҳқиқотии олимони ватаниву хориҷӣ бараъло инъикос гардида аст. Масалан Е.Н. Стрижакова дар мақолаи илмиаш таҳти унвони «Системаи саноати Россия: омилҳо ва рушд» зикр мекунад, ки «Дар адабиётҳои иқтисодӣ системаи саноатиро бештар ҳамчун истеҳсолоти саноатӣ мегӯянд ва бо ин мақсад онро аз комплекси кишоварзӣ ҷудо мекунанд…»[15]. Аммо дар ин ҷо аз ҷониби муаллиф таърифи системаи саноат дода намешавад. Фақат қайд карда мешавад, ки асоси методикаи муаллифии вобаста ба системаи саноатро назарияи омилҳои истеҳсолот, назарияи технологикунонии истеҳсолот ва усули таҳлили сохторӣ ташкил медиҳанд. Чи тавре, ки мушоҳида мекунем дар ин мақола муаллиф мазмуни мафҳуми системаи саноатро кушода намедиҳад ва дар асоси назария ва усули таҳлил тамоми фаъолиятҳои вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти саноатиро дар гурӯҳҳои сохторҳои агрегиронишуда тибқи принсипҳои монандии равандҳои технологӣ ва истеҳсолоти якхела гурӯҳбандӣ мекунад. Муалифони мақолаи «Мафҳуми системаи истеҳсолоти корхонаҳои саноатӣ ва давраҳои рушди он» вобаста ба системаи истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ маълумот оварда, ақидаҳои якчанд муаллифон дар бораи ин мафҳумро мавриди омӯзиш қарор дода, аммо вобаста ба системаи саноат бошад таъриф надодаанд. Танҳо аз

[15] Стрижакова, Е.Н. Промышленная система России: факторы развития / Е.Н. Стрижакова // Вестник Института экономики РАН. Москва, 2016. - № 4. - С. 53 (С. 53-70).

ҷониби онҳо қайд карда шуда аст, ки «…системаи истеҳсолӣ дар соҳаи саноат яке аз фаъолиятҳои бавуҷудоварандаи системаи саноатӣ дар маҷмуъ мебошад ва ба вуҷуд омадани ин ё он намуди системаи истеҳсолӣ бо ташаккул ёфтани талабот ба маҳсулот дар бозор асоснок карда мешавад, ки онро баҳри қонеъ гардонидани талаботҳои харидорон равона месозанд»[16].

Муҳаққиқони соҳаи иқтисодиёт дар маҷмуъ аҳамияти бунёдӣ доштани саноат дар рушди иқтисодиро қайд намуда, ишора ба он мекунанд, ки системаи саноати муосир дар худ на танҳо соҳаҳои истеҳсолӣ, корхонаҳои саноатӣ ва шабакаҳои истеҳсолиро дар бар мегирад, балки элементҳои инфрасохтории самтҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро низ фаро мегирад, ки барои рушди саноат поя мегузоранд. Масалан олими машҳури рус О.С. Сухарев дар мақолаи «Сиёсати иқтисодӣ: стратегия ва маҳорат» технологиякунонии системаҳои иқтисодиро таъриф дода, қайд менамояд, ки «Системаи саноатӣ рушд мекунад ва технологикунонии худро дар асоси техникаи ташкил дода мешуда дар таркибёбии хазираҳои инсониву техникӣ таъмин менамояд. Барои ҳамин бештари хусусиятҳои системаҳои техникӣ, принсипҳои эволютсияи онҳоро метавон дар маҷмӯъ дар ситемаҳои саноатӣ татбиқ намуд».[17] Аммо, чи тавре ки мебинем, аз ҷониби муаллиф оид ба таърифи аниқи системаи саноатӣ пешниҳод нашудааст.

Чи хеле ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, дар корҳои олимони ватанӣ низ таърифи системаи саноатро ба таври возеҳ ва мушаххас пайдо кардан мушкил бошад ҳам, аммо дар баъзе корҳои олимони ватанӣ оид ба комплексҳои саноатӣ сухан меравад. Масалан Н. Қаюмов шарҳи

[16] Вайкок, М.А., Водождокова З.А. Понятие производственной системы промышленного предприятия и этапы ее развития / М.А. Вайкок, З.А. Водождокова // Инновации и инвестиции. – М., 2016. - № 11. – С.48-52.

[17] Ниг. ба: Сухарев, О.С. Экономическая политика: стратегия и тактика // «Технологичность» российской экономики и новые меры промышленной политики. Захираи электронӣ. URL: https://inecon.org/docs/Sukharev_PTPU_2016-05-8-22.pdf. (санаи муроҷиат 12.04.2021); Сухарев, О.С. Экономическая политика и развитие промышленности / О.С. Сухарев. - М.: «Финансы и статистика», 2011. – С. 48. (216 с). ISBN: 9785279035007

механизми хоҷагидории саноатиро дода, ба равишҳои системавии таҳқиқот ва идоракунии комплексҳои саноатии минтақаҳо ишора мекунад. Муаллиф вобаста ба комплексҳои саноатӣ тавсиф дода бошад ҳам, аммо мафҳуми системаи саноатро аниқ намекунад[18].

Дар бештари корҳои муҳаққиқони ватанӣ, ки аз ҷониби мо мавриди таҳлили амиқ қарор дода шуданд, ҳарчанд ба мафҳуми «системаи саноат» дучор ҳам гардем, аммо таърифи аз ҷониби муаллифон дода шуда ва кушодани таърифҳои мавҷудбуда дида нашуд. Дар баъзеи онҳо вобаста ба комплексҳои ҳудудӣ–истеҳсолӣ, ки равиши системавиро истифода мебарад, суханронӣ карда шуда, дар якеаш бошад оид ба ҳалқаҳои саноат ва марказҳои саноат, дар дигараш бошад моделҳои рушди саноатӣ-инноватсионӣ сухан меравад[19]. Аз ҷумла дар бештари корҳои олимони ватанӣ нақши муҳими системаҳои саноатии минтақавӣ дар рушди иқтисодии кишварро дидан мумкин асту аммо шарҳи пурраи системаи саноати минтақаҳо дида намешавад. Таҳлили ақидаҳои олимони ватанӣ нишон медиҳад, ки дар онҳо бештар назарияҳоеро дидан мумкин аст, ки дар шароитҳои муосир дар фазои минтақавӣ нақши муҳимми на танҳо активҳои моддиро баррасӣ

[18] Каюмов, Н.К. Переходная экономика Таджикистана: концепции, цели и механизмы развития / Н.К. Каюмов. - Душанбе, ИЭ и Д АН РТ, 2013. - 661с.

[19] Ниг. масалан ба: Низомова, Т.Д. Реструктуризация промышленных предприятий переходной экономики / Т.Д. Низомова // Монография. - Душанбе: «Ирфон», 2005. -130 с.; Низомова, Т.Д. Роль государственной промышленной политики в развитии промышленных предприятий Республики Таджикистан / Т.Д.Низамова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2012. - № 2/5 (92). – С. 3-9.; Пулатова, И.Р. Формирование и развитие промышленного узла города в условиях перехода к рыночной экономике (на примере города Худжанда Ленинабадской области Республики Таджикистан) / И.Р. Пулатова // Автореф. дисс. барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ - Душанбе, 1999. - 25 с.; Саидмуродов, Л.Х. Долгосрочное видение развития Республики Таджикистан / Л.Х. Саидмуродов // Таджикистан и современный мир. - Душанбе, 2015. - № 6 (49). - С.20-25.; Мирсаидов, А.Б. Кластер как рыночный институт развития пространственной экономики / А.Б. Мирсаидов // Экономика Таджикистан. - Душанбе, 2016. - № 1. - С.61-75. Шамсиев, Ф.К. Теоретические аспекты региональной промышленной системы в условиях становления корпоративных отношений / Ф.К. Шамсиев, Д.А. Ходиев // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – Худжанд, 2019. - № 1 (78). - С.71-83.

намудаанд, балки нақш доштани активҳои ғайримоддӣ, ба монанди иттилоот, инноватсия, инфрасохтор, комуникатсия ва дигарҳоро зарур медонанд, ки дар навбати худ ба ташаккул ёфтани шароитҳои мусоиди рушди системаҳои саноатӣ мусоидат мекунанд. Аммо дар ин корҳо низ аз ҷониби муаллифон шароитҳову шартҳои ташаккулёбии ситемаҳои саноатӣ баррасӣ гардида, оид ба мафҳуми системаи саноатӣ маълумот дода намешавад.

Ҳамин тавр таҳлили ақидаҳои олимони ватаниву хориҷиро ҷамъбаст намуда, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки чи дар адабиёти хориҷӣ ва чӣ дар адабиёти ватанӣ таърифи мушаххаси системаи саноат хело кам ба назар мерасад ва аз ин лиҳоз месазад, ки ба ин мафҳум равшанӣ андозем.

Бояд қайд намуд, ки ба мафҳуми системаи саноатӣ мафҳуми «системаи идустриалӣ» хело наздик мебошад. Чи хеле ки муаллифони мақолаи «Системаи идустриалӣ дар шароити ноустувории иқтисодӣ» қайд менамоянд «Вобастагии зиччи системаи индустриалӣ аз давлат ва тавсифи ҳамкориҳо бо мақомотҳои давлатӣ, яъне нисбияти элементҳои баробаршавандаи ҳокимияти давлатӣ бо мақсадҳои ҷамъият шарти асосии мутавозинии системаи давлат ва ҷамъият мебошад ва тағйиротҳову рушд, мутобиқшавӣ ба талаботҳои тағйирёбиҳо дар муҳити берунаро муайян месозад… Дар ҷамъияти муосири иттилоотӣ системаи индустриалӣ қисми ҷудонопазири системаи давлатдорӣ мебошад»[20]. Бояд қайд намоем, ки категорияи «системаи индустриалӣ» ҳанӯз аз ҷониби А. Смит ба доираи илмӣ ворид карда шуда буд ва вай муҳтавои иқтисодӣ-сиёсии системаи саноатиро муайян карда буд.

Консепсияи рушди системаҳои саноатӣ дар назар дорад, ки дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ мақоми калидиро истеҳсолоти моддӣ касб намуда аст, ки дар натиҷаи саноатикунонӣ ё худ «индустриализатсия» саноатро

[20] Вдовенко, З.В. Индустриальная система в условиях экономической нестабильности / З.В. Вдовенко, Д.Н. Клепиков, А.В. Лукьянова // Транспортное дело России. – М, 2014. - № 6. - С. 48-51.

ташкил медиҳад. То охирҳои асри XX мафҳуми системаи саноатӣ бо муҳтавову ҷавҳари истеҳсолоти саноатии корхона якхела фаҳмида мешуд. Асоси модели чунин намуди корхонаро функсияи мақсад ташкил медиҳад, ки натиҷаҳо, хароҷот ва захираҳоро миқдоран ба ҳамдигар алоқаманд месозад. Дар назарияи неоклассикӣ аз ҷониби инъикоскунандагони назарияи рақобати комил истеҳсолоти саноатӣ ҳамчун системаи ба таври автоматӣ идорашаванде инъикос карда мешуд, ки корхонаи саноатӣ элементи он мебошад. Барои ҳамин ҳам дар шароитҳои рушд кардани бозор ба чунин элементе, ба мисли корхонаи саноатӣ ҳам омилҳои беруна ва ҳам омлиҳои даруна ва ё элементҳои фарққунанда таъсир мерасонанд[21].

Дар равандҳои ташаккул додан ва ба таври комил идора намудани истеҳсолот дар соҳаи саноат аз равишҳо ва принсипҳои гуногун истифода менамоянд. Чи хеле ки олимон қайд менамоянд, дар замони муосир дар раванди ташаккул додан ва идора намудани истеҳсолоти саноатӣ, махсусан дар сатҳи иқтисодиёти кишварҳо ва минтақаҳои онҳо принсипи «якпорчагии системавӣ» ва равишҳои кластерии ташаккулёбии иқтисодиёт хело фарох истифода мешаванд. Мутобиқ ба ин равиш ва ин принсип ситемаи саноати кишварҳо ва минтақаҳои ҷудогонаи онҳо ҳамчун сохтори ситемавии дохилии элементҳои ба ҳам алоқаманд ва ҳамкор дида мешаванд, ки барои иҷро гардидани функсияҳои мақсадноки баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар заруранд. Ҳамин тариқ метавон тазаккур дод, ки асосҳои ба вуҷуд омадани системаҳои санотии муосир дар маҷмуъ ба назарияҳои мукаммалии системавӣ, равишҳои кластерии ташкилдиҳии истеҳсолот,

[21] Муртазоев, О.К. Совершенствование организационно-экономического механизма развития региональной инновационной промышленной системы (на материалах Центрального региона Республики Таджикистан) / О.К. Муртазоев // Дисс. на соис. уч. степени канд. экон. наук. 08.00.05. – Душанбе, 2018. – С.20. (194 с.)

назарияи синергетика бунёд гардида, дар навбати худ дорои зерсистемаҳои гуногунҷабҳаи фарққунанда мебошанд[22].

Асосҳои консептуалӣ ва назариявии ташаккул додан ва рушд ёфтани системаҳои саноатӣ аз ҷанбаҳои ташаккулёбии системаҳои саноатӣ ва зерсистемаҳои саноатии системаи саноатӣ иборат мебошанд, ки онҳоро мо ба гурӯҳҳои истеҳсолӣ, ғайриистеҳсолӣ ва истеъмолӣ ҷудо намудем (расми 1.1). Ба зерсистемаи аввал субъектони истеҳсолкунандаи система дохил мешаванд, ки ба онҳо корхонаҳои саноатӣ шомил мебошанд. Ба зерсистемаи ғайриистеҳсолӣ бошад тақсимкунандагон ва интиқолкуннадагони маҳсулот дохил мешаванд, ки хизматрасониҳои ба фурӯш баровардани маҳсулотро мерасонанд. Маҳсулоти истеъмолмешудаи таъиноти техникиву истеъмолидошта низ зерсистемаи системаи саноатӣ мебошад[23].

Умуман ин зерсистемаҳо аз рӯи таъиноти функсионалиашон ва натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидориашон фарқ карда мешаванду дар системаи иқтисодиёти миллӣ системаи алокамандиҳои мураккабро ташкил медиҳанд. Чи хеле ки аз маълумотҳои дар модели 1.1 овардашуда мебинем, системаҳои истеъмолкунанда ва истеҳсолкунанда ба системаи истеҳсолоти моддӣ ва системаи ғайриистеҳсолӣ бошад ба соҳаи муомилот тааллуқ доранд.

Бояд қайд намоем, ки баъзе субъектони истеҳсолкунандаи система ҳамзамон ба ҳайси истеъмолкунанда низ баромад мекунанд, ки онҳо истеъмолгарони захираҳои ашёҳо, маводҳо, меҳнат, таҷҳизот мебошанд. Дар навбати худ системаҳои истеъмолкунанда гоҳо нақши

[22] Ниг. ба: Полещук, И.А. Анализ принципа системности и принципа целостности / И.А. Полещук // Наука, техника и образование. – Иваново: «ОЛИМП», 2015. - № 11 (17). – С. 110-113; Михайлова, Н.В. // Системная целостность концепции обоснования современной математики / Н.В. Михайлова // Вестник Вятского государственного университета. - Киров, 2016. - № 2. - С. 16-19; Муртазоев, О.К. Совершенствование организационно-экономического механизма развития региональной инновационной промышленной системы (на материалах Центрального региона Республики Таджикистан) / О.К. Муртазоев // Дисс. на соис. уч. степени канд. экон. наук. 08.00.05. – Душанбе, 2018. – С.18-25.

[23] Наганова, Т. Е. Основы правового регулирования маркетинговой деятельности / Т. Е. Наганова // Учебное пособие. – Минск, 2018. – С.152-155. (212 с.)

истеҳсолкунандаро низ мебозанд, зеро онҳо азнавкоркардкунӣ ва бартараф кардани камбудиҳоро иҷро мекунанд.




**Расми 1.1. Модели консептуалии асосҳои ташаккулёбӣ ва рушд ёфтани системаҳои саноатӣ**

*Аз ҷониби муаллиф таҳия шуда аст*

Зерсистемаи тақсимкунанда ва ба фурӯш бароранда бо ташкили хизматрасониҳо бошад, гардиши воситаҳо дар системаи саноатӣ ва рушди устуворро суръат мебахшад. «Аммо бояд қатъиян қайд намоем, ки ғайри ин зерсистемаҳо инчунин зерсистемаи экологӣ вуҷуд дорад, ки нақши он дар тамоми зерсистемаҳо муҳим мебошад ва он дохил намудани давлат ба системаи саноатӣ ва муттаҳидшавии ниҳодиро талаб мекунад, ки дар ин талаботаш ҷуброни зарари заҳролудкунии муҳити атроф ва тақсим намудани таваккалҳо (хатарҳо) дар байни иштирокчиёни системаи саноати миллиро дохил менамояд. Дар маҷмуъ чунин тасвири содаи схематикии элементҳо ва ё зерсистемаҳои системаи саноати миллӣ имконият медиҳад, ки сохтор ва алоқамандиҳои система хубтару афзалтар дида баромада шавад»[24]. Дар доираи муҳтавои мантиқии системаи саноати милливу минтақавӣ мувозинати динамикӣ ҷой дорад, ки бо самараи синергетикии ҳамкориҳои элементҳои ҳамдигарро пурракунанда ва ё зерсистемаҳо тавсиф дода мешавад.

Ташкили алоқаҳои системаи саноатии корхонаҳои алоҳидаи саноатӣ бо истеъмолкунандагони маҳсулоти онҳо хусусияти хоси ташаккулёбии пояи моддиву техникии саноат мебошад. Айни замон бошад корхонаҳо алоқаҳои худро бо истеъмолгарон гум кардаанд.

Чи тавре ки тамоюли рушди системаи саноати кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ба системаи саноатӣ як қатор элементҳои инфрасохторӣ, аз қабили озмоишгоҳҳои илмӣ, ки рушди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ, амалисозии натиҷаҳои онҳо дар амалияро таъмин менамоянд, ниҳодҳои махсуси илмӣ-тадқиқотӣ, макотиби олӣ ва ғ. дохил мешаванд[25]. Бо ибораи дигар, комил будани системаи саноати миллӣ бо сатҳу дараҷаи алоқаҳои истеҳсолот бо дигар соҳаҳои саноат,

---

[24] Муртазоев, О.К. Совершенствование организационно-экономического механизма развития региональной инновационной промышленной системы (на материалах Центрального региона Республики Таджикистан) / О.К. Муртазоев // Дисс. на соис. уч. степени канд. экон. наук. 08.00.05. – Душанбе, 2018. – С.22. (194 с.)

[25] Мантуров, Д.В. О промышленной политике россии на перспективу 2018-2030 гг. / Д.В. Мантуров // Вестник МГИМО-Университета. - М., 2018. - № 4(61). – С. 7-22.

иқтисодиёти миллӣ, соҳаҳои илму маориф муайян мегардад, ки дар маҷмуъ дорои алоқаҳои васеи байни мақомоти маҳаллии давлатӣ, корхонаҳои саноатӣ, таъминкунандагони захираҳо ва ашёи хом, инфрасохтори соҳаҳои иҷтимоӣ, соҳаҳои таъминоти иттилоотии фаъолияти система, сектори истеъмолӣ, корхонаҳои тақсимкунанда ва ба фурӯш баровarандаи маҳсулоти истеҳсолмешуда, инфрасохтори истеҳсолӣ мебошад.

Ҳамин тавр системаи саноати кишвар бо рушд додани ҳамкориҳои байни корхонаҳои саноатӣ, истеҳсолот, бо дигар соҳаҳои иқтисодии кишвар, бо соҳаҳои илму маърифат комил мегардад ва самаранокиву маҳсулнокии он бо сохтори он муайян мегардад, яъне бо ҷудо намудани соҳаҳои локомотивӣ, пешбаранда, омодасозанда, ба фаъолиятоваранда муайян мегардад. Соҳаҳои ба фаъолиятоваранда рушди саноатро ҳавасманд месозанду соҳаҳои локомотивӣ дар маҷмӯъ ба пешрафти тамоми системаи саноати миллӣ мусоидат мекунанд. Саноати пешраванда тараққиёти мутамаддинро таъмин намуда, маҳсулоти беҳтарини миллиро муайян мекунад. Соҳаҳои таъминоти захиравии саноатӣ истеҳсоли бунёдии хоҷагидориро таъмин менамоянду соҳаҳои умумии саноатӣ бошанд соҳаҳои хизматрасонӣ ва истеъмоли ниҳоиро таъмин мекунанд. Зарур аст, ки схемаҳои мушаххаси рушди саноати миллӣ маҳз бо таҷаммӯи ин сохторҳо ҳамчун элементҳои сохтори системаи саноати миллӣ коркард карда шаванд.

Ҷанбаҳои татбиқӣ ва консептуалии назарияи системаҳои саноати миллӣ дар шароитҳои ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти махсус дорад. Зеро айни замон ҳукумати кишвар ба таври фаъол ислоҳоти иқтисодӣ гузаронида истодааст, ки пеш аз ҳама самтҳои таъмини рушди устувори кишвар ва минтақаҳои он дар асоси гузаштан ба роҳҳои саноатикунонии рушдро дарбар мегирад. Дар алоқа ба ин ташкили шароитҳо барои ташаккул ва рушд додани системаҳои саноати миллӣ, ки табиати инноватсионӣ доранд, яке аз масъалаҳои асосии сиёсати саноатии миллии муосир дар кишвар мебошад. Ташаккул додан ва

сохторбандӣ намудани соҳаҳову комплексҳои саноатӣ, ки ҳамкориҳои судманди субъектону соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллиро таъмин менамоянд, бояд ҳамчун самти асосии коркардҳои стратегии усулҳои рушди кишвар ва сохторҳои он баромад кунанд (расми 1.2).




**Расми 1.2. Ташаккулёбии соҳаи сиёсати саноатӣ**

***Аз ҷониби муаллиф таҳия шуда аст.***

Аммо бояд тазаккур дод, ки ҳалли ин масъала бо якчанд проблемаҳо рӯ ба рӯ мегардад. Пеш аз ҳама, ба ин проблеммаҳо мавҷуд набудани инфрасохтори ташаккулёбии системаи саноатӣ ва рушди инноватсионии он дохил шуда, баъдан коркарди механизмҳои сиёсати саноатӣ дар мартабаи асосӣ қарор гирифтаанд.

Вобаста ба ин қайд кардан зарурат, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар созмон додани давлати бозорӣ бо ду консепсияи ғоявӣ бархӯрд мекунад. Консепсияи якум бар он назар аст, ки гузаштани кишвар аз тоталитаризм ба демократия ва иқтисодиёти хусусӣ маҳдуд намудани фаъолияти давлатро талаб мекунад. Консепсияи дуюм бошад ба таҷрибаи дигар кишварҳо такя намуда, дар назар дорад, ки

иқтисодиёти муосири нав бидуни иштирок ва ҳавасмандгардонии давлат рушд карда наметавонад ва ҳамзамон талаб мекунад, ки функсияҳои аҳамиятноки давлат ҳамчун қувваи ташкилдиҳандаи ҷомеа ва иқтисодиёт аз бознигарӣ шаванд. Консепсияи якум инъикоси худро дар сиёсати иқтисодиёти рақобатӣ мебинад, дуюм бошад дар сиёсати саноатӣ. Чунин ҳолат наметавонад дар равишҳои методологии сохтани механизмҳои идоракунии кишвар, махсусан ҳангоми коркарди сиёсати саноатӣ инъикос нагардад. Гузашта аз ин, ба ин ҳолат сохтори муосири хоҷагидории халқ, сохтори соҳибмулкӣ ба воситаҳои истеҳсолӣ ва сохтори идоракунӣ мусоидат мекунад.

Таҷрибаи ҷаҳонии ислоҳоти соҳаҳо рад кардани парадигмаи маъмули «монополияҳои табиӣ»-иро талаб мекунад, ки айни замон барои Тоҷикистон имконнопазир аст. Воқеан алъон дар кишвар бахши бозории моликияти хусусие, ки дар кишварҳои рушдкарда ба назар мерасад, ташаккул дода нашуда аст.

Ҳамин тавр, айни замон мутахассисон ҳарчанд дар сохтани сиёсати саноатӣ гуногунандешӣ дошта бошанд ҳам, ба он нуқтаи назаранд, ки дар кишвар сиёсати саноатӣ ва таҷҳизоту воситаҳои амалисозии он зарур аст. Аммо новобаста аз ҷой доштани нуқтаҳои назари гуногуни истилоҳи «сиёсати саноатӣ» дар маҷмӯъ тавсифҳои умумии он дида мешаванд. Имрӯз бештари олимони иқтисоддон ба ақидаи ягонае омадаанд, ки сиёсати саноатӣ на танҳо зарур аст, балки дар маҷмӯъ элементи марказии фаъолияти мақомотҳои давлатӣ мебошад ва, пеш аз ҳама, ҳамчун инъикоскунандаи тараққиёт ва пешрафти давлат мебошад. Инчунин баъзе фикрҳоеро дидан мумкин аст, ки дар онҳо сиёсати саноатӣ ҳамчун қисми табиӣ, аммо ҳамчун қисми марказии сиёсати давлатӣ баромад мекунад. Вобаста ба ин се ҳолатро қайд намудан мувофиқ ба мақсад мебошад: дар ҳолати якум то ба ҳол ягон назарияи мувофиқи сиёсати саноатӣ коркард карда нашуда аст, ва дар ҳар ҳолати мушаххас ва ҳар як давлат коркарди мутобиқ ба худи ҳамон давлат дида

мешавад ва ё нусхабардории моделҳои дигарон дида мешавад. Дар ҳолати дуюм, ҳангоми коркарди сиёсати саноатии мушаххас як қатор омилҳои тахассусияти ин ё он кишварро инъикос- кунанда, таърихи он, рушди иқтисодиву саноатии он бояд ба назар гирифта шаванд. Маълум аст, ки дар ин ҷо проблемаи то чи андоза назария ва методология ин тахассусиятро қабул мекунад, ба миён меояд. Ҳолати сеюми то ҳол пурра ҳалношуда ин набудани ягонагии ақидаҳо дар байни назария ва амалия дар бораи он, ки оё принсипи чунин сиёсати саноатиро таҳия кардан зарур аст ва ё ин танҳо як оқибати табиии сиёсати иқтисодии ҳар давлат дар маҷмӯъ аст?

Ин проблемаҳо сабаби мавҷуд набудани ақидаи ягона оид ба объекти сиёсати саноатӣ гардида, ҳамчунин ба самти сохтани пояи назариявию методологии сиёсати саноатӣ низ мусоидат нахоҳанд кард.

Ҳамин тавр мубоҳисаҳои назариявӣ ва амалӣ дар соҳаи сиёсати саноатӣ, пеш аз ҳама, ҳангоми ташаккулёбии сиёсати саноатӣ бояд ба назар гиранд, ки барои дуруст ташаккул ёфтани он, омилҳо ва шароитҳои бунёдӣ мавҷуд ҳастанд ё не? Аз нигоҳи мо, дар маҷмуъ системаи онҳо ва дар алоҳидагӣ элементҳои ҷудогонаи алоқамандиҳои онҳо яке аз масъалаҳои муҳимми назарияи ташаккулёбии сиёсати саноатӣ мебошад.

Ҳамин тавр, шароитҳои буҳрони ҷаҳонӣ ва натиҷаҳои манфии бо он алоқаманд, инчунин зарурати гузаштани иқтисодиёт ва ҷомеа ба тартиби нави ҷаҳонӣ муайян кард, ки маҳз давлат бояд як қатор функсияҳои рушди бахши воқеии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, истеҳсолоти саноатиро бояд ба зимма гирад. Дар алоқа ба ин яке аз проблемаҳои муҳимми назариявӣ, методологӣ ва амалӣ ин ташаккулёбӣ ва амалишавии сиёсати саноатии давлатии ба воқеъиятҳои ҷорӣ ҷавобгӯ дар сатҳи умумимиллӣ мебошад.

Дар маҷмуъ таҳлили тахассусияти Тоҷикистони муосир нишон медиҳад, ки афзалиятҳои сиёсати саноати давлатӣ бояд, пеш аз ҳама, дар

доираи васеи иштирокчиёни чорабиниҳои асосии сиёсати саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне давлат, ниҳодҳои он, сохтори тиҷорат, намояндагони ҷамъиятҳо ва дигарон мавриди муҳокимаи кушод қарор гирад. Баъдан сиёсати саноатӣ манфиатҳои қонунии ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти саноатиро, новобаста аз иқтидори молиявиашон, шакли моликияташон, мақомашон дар ҷомеа бояд баробар ба инобат гирад ва, дар ниҳоят, сиёсати саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба таври афзалиятнок сарчашмаҳои маблағгузориҳои давлатии чорабиниҳои худро дошта бошад. Ин имконият медиҳад, ки сиёсати саноатӣ аз ифодаҳои субъективӣ, вобастагиҳои равандӣ ва манфиатҳои муғризона орӣ бошад. Ҳамин тавр тахассусияти сиёсати саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он ифода меёбад, ки барои гузаронидани он танҳо як механизми бозорӣ нокофист. Идоракунии бомаҳорати давлатӣ, алоқамандиҳои чандирии ин идоракунӣ ва танзими бозор зарурати хоса доранд. Сухан оид ба системаи нави самтҳои иқтисодие меравад, ки субъектони хоҷагидориро баҳри рушди тавсияи тартиби нави технологӣ ҳавасманд месозад.

## 1.2. Равишҳои технологии таъсиррасонӣ ба сохтори системаи саноат

Таорузи тамоми бuҳронҳои иқтисодӣ дар тағйирёбиҳои парадигмаҳо ва ё моделҳои технолгии рушд зоҳир мегардад. Аслан бuҳронҳои иқтисодӣ дар замоне ба вуқӯъ меоянд, ки ҷамъият якҷоя бо тиҷорату сиёсат аз дарки зарурати ба назар гирифтани тағйирёбиҳои рушди технологияҳо ва азхуд кардани тартиботи нави технологӣ қафо мемонанд. Охирин бuҳрони иқтисодӣ – бuҳрони ҷаҳонӣ мебошад, зеро таъсири он ба тамоми ҷаҳони ҳамгирошуда мерасад. Бояд тазаккур дод, ки барои раҳоӣ ёфтан аз бuҳрон пеш аз ҳама дарки даврият ва ногузир будани он зарур буда, бояд давраҳои маҳдудкунанда ва омилҳои азхуд намудани технологияҳои пешрафта ҷудо карда шаванд. Зеро нақши асосӣ ва марказиро дар ин раванд технологияҳо ё ба истилоҳи муосир

инноватсияҳо (навоварӣ) мебозанд, ки дар маҷмуъ онҳоро ба инқилобӣ ё пешрафта ва эволютсионӣ ё идомаёбанда ҷудо мекунанд.

Дар алоқа ба ин ва тибқи вазифаи дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда, мавриди омӯзиш қарор додани мафҳуми «тартиби технологӣ» ба мақсад мувофиқ хоҳад буд. Дар адабиётҳо таърифҳои сершумори ин истилоҳ оварда шудаанд. Чи хеле ки И.Р. Низамова қайд менамояд, «Аввалин маротиба истилоҳи «парадигмаи техникӣ-иқтисодӣ»-ро Фриман К. дар корҳояш истифода намуда, олимони рус бошанд, онро ҳамчун истилоҳи «тартиби технологӣ» истифода кардаанд.[26]

Истилоҳ ё мафҳуми «тартиби технологӣ» дар доираи илмӣ солҳои 80-уми асри XX дар натиҷаи таҳқиқоти олимони рус С.Ю. Глазев, Д.С. Львов, Г.Г. Фетисов ва Ю.В. Яковетс ба маъраз гузошта шуд. Тартиби технологӣ бо сатҳи техникии ташкилдиҳандагони истеҳсолии он тавсиф дода мешавад, ки бо маҷроҳои амудиву уфуқии захираҳои якҷинса алоқаманд буда, ба тахассусияти умумии қувваҳои корӣ, иқтидорӣ техникӣ ва ғ. такя мекунад[27].

Масалан А.А. Вдовина тартиби технологиро таъриф дода, зикр мекунад, ки «… тартиби технологӣ – ин пайваста баромадан ба сатҳи нави рушди системаи иқтисодии ҷамъиятӣ (бо табдилёбии пайвастаи тамоми соҳаҳои функсионалӣ: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавӣ) мебошад, ки тавассути иваз намудани усулҳои мавҷудаи технологии истеҳсолот ба нисбатан тараққикарда ва муосир, дар алоқа бо рушди

[26] Низамова, И.Р. Положение мировой экономики и экономики России в системе технологических укладов / И.Р. Низамова // Управление экономическими системами: электроннный научный журнал. - Кисловодск, 2014. - № 11(71). – С. 20. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/polozhenie-mirovoy-ekonomiki-i-ekonomiki-rossii-v-sisteme-tehnologicheskih-ukladov (санаи муроҷиат ба сомона: 27.06.2021).

[27] Глазьев, С.Ю. Эволюция технико-экономических систем: возможности и границы централизованного регулирования / С.Ю. Глазьев, Д.С. Львов, Г.Г. Фетисов. - Москва: «Наука», 1992. - 208 с.

техникию технологӣ ва илмии тараққиёт асоснок карда мешавад»[28]. Дар ин таъриф муҳаққиқ кушиш намуда аст, ки тамоми ҷанбаҳои мафҳуми тартиби технологиро фарогирӣ намояд. Аммо зарур аст, ишора намоем, ки ин таъриф мукаммал нест, зеро, дар он ба ҷанбаҳои ташкилдиҳандаҳои технологӣ ба назар гирифта шуда бошанд ҳам, аммо ба навъҳои соҳибмулкӣ аҳамият дода нашуда аст.

Муҳаққиқи дигари руссиягӣ А.О. Доманина тамоман тарафи дигарро интихоб намуда, барои муайян намудани мафҳуми «тартиби технологиро» якчанд равишҳо ҷудо намуда, қайд мекунад, ки «Тартиби технологӣ – ин контури макроиқтисодии истеҳсолие мебошад, ки тамоми давраҳои омилҳои истеҳсолот ва навъҳои мувофиқи истеъмолоти ғайриситеҳсолӣ, маҷмуи донишҳои технологиро дар бар гирифта, намуди муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки дар асоси шакли муайяни соҳибмулкӣ ташкил карда мешавад»[29]. Лозим ба зикр аст, ки таърифи мазкур муҳтаво ва мазмуни мафҳуми тартиби технологиро нисбатан пурра ва мақсаднок инъикос менамояд, зеро дар он, ҳам давраҳои истеҳсолӣ ва ҳам муносибатҳои иқтисодӣ, инчунин омилҳои истеҳсолӣ низ ба назар гирифта шудаанд ва имконият медиҳад, ки рушди иқтисодиёт ва рафтори субъектони иқтисодӣ дар шароитҳои тартибҳои гуногуни технологӣ нисбатан боақлона ба нақша гирифта шаванд ва шароитҳои пешгӯи намудан фароҳам оварда шаванд.

Дар иттилоотҳои ба намуди электронӣ пешниҳодшаванда низ маълумотҳои сершуморе оид ба таърифи «тартиби технологӣ»-ро вохӯрдан мумкин аст. Масалан дар яке аз онҳо гуфта мешавад, ки «Тартиби технологӣ – ин маҷмӯи технологияҳое мебошад, ки барои сатҳи муайяни истеҳсолот таъйин гаштаанд. Тавассути рушди пояҳои

---

[28] Вдовина, А.А. Понятие «технологический уклад» в системе экономических категорий и новые технологические уклады общественного развития / А.А. Вдовина // Креативная экономика. – М., 2019. - № 4. Том 13. – С.608. (С. 605-618).

[29] Доманина, А.О. О подходах к трактовке понятия «Технологический уклад» / А.О Доманина // Проблемы современной экономики. – СПб., 2016. - № 4(60). – С.76-79.

технологӣ ва илмӣ гузариш аз тартибҳои куҳна ба нисбатан пешрафта ба вуҷуд меоянд»[30]. Аммо бояд тазаккур дод, ки чунин таърифҳо сода ба назар мерасанд, зеро фарогири тамоми омилҳову равишҳои ба мақсад наздик нестанд.

Ҳамин тавр баъд аз мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додани якчанд равишҳои гуногуни муайян кардани мафҳуми «тартиби технологӣ», бояд қайд намоем, ки ҳар як равиш дорои аломати ҳам мусбат ва ҳам манфӣ мебошад, ки он аз кушишҳои таърифи муҷтамаъ додани муаллифон берун меояд ва воқеияти он, ки муаллифон дар таҳқиқотҳояшон дар баробари пешниҳод кардани таорифи гуногун ба якчанд гурӯҳ ҷудо шудаанд, шаҳодат аз он медиҳад ки, пеш аз ҳама, омӯзиши ин мафҳум мураккаб буда, баъдан дар пояи донишҳои назариявии маллифон гуногунандешӣ ба назар расида, мавҷудияти ақоиди ягона вобаста ба ин мафҳум ба назар намерасад. Гузашта аз ин, дар доираи илмӣ ҳатто мафҳуми ягонаи истилоҳҳои асосӣ (бунёдӣ) ба монанди технология ва инноватсия низ мавҷуд нест. Аммо бояд дар назар дошт ва мутмаин буд, ки инъикоси нисбатан пурра (фарогир) ва аниқтари мафҳуми «тартиби технологӣ» ба ташкили таъсиррасонии фишангҳо ба рушди техникӣ бо мақсади баланд бардоштани некӯаҳволии ҷамъият ёрӣ мерасонад. Аз ҳамин сабаб омӯзиши амиқтари онро ба хотири пурратар муайян намудани ҷойгоҳу мақомаш идома медиҳем.

И.Р. Низамова таърифҳои мафҳуми «тартиби технологӣ»-ро дар маҷмӯъ дар чор гурӯҳ мутаҳҳид намуда аст[31]:

1. Тартиби технологӣ – ин модели пешрафтаи рушди иқтисодиёт мебошад, ки ба татбиқ намудани технологияҳои навин асос ёфта аст;

---

[30] https://viafuture.ru/katalog-idej/tehnologicheskij-uklad (санаи муроҷиат ба сомона: 26.06.2021)

[31] Низамова, И.Р. Положение мировой экономики и экономики России в системе технологических укладов / И.Р. Низамова // Управление экономическими системами: электроннный научный журнал. - Кисловодск, 2014. - № 11(71). – С. 20. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/polozhenie-mirovoy-ekonomiki-i-ekonomiki-rossii-v-sisteme-tehnologicheskih-ukladov (санаи муроҷиат ба сомона: 27.06.2021).

2. Тартиби технологӣ – ин маҷмӯи технологияҳо ва принсипҳои ташкилотие мебошад, ки барои сатҳи муайяни рушди истеҳсолот тавсия дода мешаванд;

3. Тартиби технологӣ – консепсияи аз ҷониби ҷамъият ҷудо карда шудае мебошад, ки иқтидори технологиро ба инобат мегирад;

4. Тартиби технологӣ – ин шакле мебошад, ки дар чаҳорчӯбаи он давраҳои истеҳсолӣ амалӣ карда мешавад.

Аммо бояд тазаккур дод, ки муаллиф дар ин маҷмуи ҷудокардаи мафҳуми мавриди таҳлил ба ин ақида аст, ки «тартиби технологӣ – ин модели пешрафтаи рушди иқтисодиёт мебошад, ки бо татбиқи маҷмуи технологияҳои навин ва принсипҳои ташкилотӣ асос ёфта аст, ки онҳо ба сатҳи рушди муайяни истеҳсолот тавсиф мешаванд ва дар доираи онҳо давраҳои истеҳсолӣ амалӣ карда мешаванд». [32]

Бояд қайд намоем, ки тартиби технологӣ давраҳои муайяни ба худ хосро доро мебошад, ки мавриди таҳқиқот қарор додани онҳо ба мақсад хело мувофиқ хоҳад буд. Умуман ва маъмулан дар ибтидо муҳаққиқон чор тартиби технологиро ба таври аниқ ҷудо намуда, вобаста ба давраҳои панҷум ва шашуми он фарзияҳо пешниҳод намудаанд. [33] Баъзе муҳаққиқони соҳаи иқтисодиёт бар он назаранд, ки давраҳои панҷуму шашум ва дигар давраҳо танҳо дар фарзияҳои олимон вуҷуд доранду халос.[34] Муҳаққиқони дигар бошанд бар он он ақидаанд, ки айни замон ҳафт давраи тартиби технологиро ҷудо кардан мумкин аст.[35]

---

[32] Ҳамон ҷо. – С.29.

[33] Глазьев, С.Ю. Мирохозяйственные уклады в глобальном экономическом развитии / С.Ю. Глазьев // Экономика и математические методы. – М., 2016. - № 2, том 52. - С. 3–29.

[34] Ниг. масалан ба: Василенко, В.П. Технологические уклады в контексте стремления экономических систем к идеальности / В.П. Василенко // Соціально-економічні проблеми і держава. – Киев, 2013. - № 1(8). - С.65-72. [Електронний ресурс]. Режим доступа: http://sepd.tntu.edu.ua/images/stories/pdf/2013/13vvoski.pdf. (санаи муроҷиат ба сомона: 05.07.2021); Perez, C. Technological revolutions and techno-economic paradigms // Working Papersin Technology Governance and Economic Dynamics №.20. URL: http://hum.ttu.ee/wp/paper20.pdf (санаи муроҷиат ба сомона: 06.07.2021); Семенов, Е.Ю. Технологические уклады в экономике и инновационный потенциал развития России / Е.Ю. Семенов, С.А. Козин // Вестник Иркутского

Ҳамин тавр ақидаҳои олимонро дар бораи давраҳои тартиби технологӣ таҳлил намуда, асосҳои пайдоиш ва зуҳуроти онҳоро мавриди таҳлил ва тадқиқ қарор медиҳем, ки чунин тавсифҳоро доро мебошанд[36]:

Давраи якум солҳои 1770-1830, ки дар ин давра мошинаҳои нассоҷӣ ва саноати коркарди пӯлоду оҳан, мошинсозӣ ва истифодаи муҳаррики обӣ ба миён омада, дар ин замина пешсафиро кишвари Англия (баъд Фаронса ва Белгия) касб намуд. Дар ин давра таҷаммуи истеҳсолот, пайдо гардидани корхонаҳои гуногун, ки бо ҳамдигар рақобат менамуданд, ташкили равандҳои нисбатан калони тадқиқоти илмӣ дар донишгоҳҳо ва доираҳои илмӣ ба вуҷуд омад.

Давраи дуюм фарогири солҳои 1830-1880 буда, муҳаррики буғӣ асоси ин давра ба ҳисоб рафта, пешсафиро дар ин самт Англия, Фаронса

---

государственного технического университета. – Иркутск, 2010. - № 5(45). - С.327–331; Воробьев В.П. Проблемы перехода экономики Российской Федерации на шестой технологический уклад минуя пятый: методические аспекты / В.П. Воробьев, Н.Н. Тихомиров // Известия Санкт-Петербургского государственного экономического университета. – СПб, 2016. - № 3(99). - С. 41–42.

[35] Ниг. масалан ба: Низамова, И.Р. Положение мировой экономики и экономики России в системе технологических укладов / И.Р. Низамова // Управление экономическими системами: электроннный научный журнал. - Кисловодск, 2014. - № 11(71). – С. 20. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/polozhenie-mirovoy-ekonomiki-i-ekonomiki-rossii-v-sisteme-tehnologicheskih-ukladov (санаи муроҷиат ба сомона: 27.06.2021); Глазьев, С.Ю. Теория долгосрочного технико-экономического развития / С.Ю. Глазьев. – М., 1993. – 310 с.

[36] Ниг. ба: Селезнев, П.С., Соснило А.И. Шестой технологический уклад и индустриализация / П.С. Селезнев, А.И Соснило // Власть. – М.,2014. - № 10. – С.14-23; Светник, Н.В. Оценка готовности хозяйства региона к ответам на вызовы и угрозы шестого технологического уклада / Светник Н.В. // Экономика и предпринимательство. – М., 2018. - № 5 (94). – С. 330-338; Светник, Н.В. Обоснование и моделирование эффектов от реализации промышленной политики в условиях смены технологических укладов / Н.В. Светник // Известия Байкальского государственного университета. – Иркутск, 2018. - № 4. -Т. 28. - С.661–673; Глазьев, С.Ю. Теория долгосрочного технико-экономического развития / С.Ю. Глазьев. – М., 1993. – 310 с; Семенов, Е.Ю. Технологические уклады в экономике и инновационный потенциал развития России / Е.Ю. Семенов, С. А. Козин // Вестник Иркутского государственного технического университета. – Иркутск, 2010. - № 5(45). - С.327–331; Воробьев В.П. Проблемы перехода экономики Российской Федерации на шестой технологический уклад минуя пятый: методические аспекты / В. П. Воробьев, Н.Н. Тихомиров // Известия Санкт-Петербургского государственного экономического университета. – СПб, 2016. - № 3(99). - С. 41–42; Глазьев, С.Ю. Мирохозяйственные уклады в глобальном экономическом развитии / С.Ю. Глазьев // Экономика и математические методы. – М., 2016. - № 2, том 52. - С. 3–29.

Белгия, Олмон ва ИМА ишғол намуданд. Дар ин давра тавсифи зуҳуроте ба мисли афзоиш ёфтани миқёси истеҳсолот, пайдо гардидани саҳҳомон, озодии тиҷорат, пайдо шудани иттифоқҳои касаба, маҳдуд гардидани дахолати давлат ба фаъолиятҳои хоҷагидорӣ, ташаккулёбии лоиҳаҳои қонунгузории ба қавонини иҷтимоӣ нигаронидашуда, рушди таҳсилоти тахассусӣ, ташкили ниҳодҳои тадқиқотӣ, ба вуҷуд омадани патент ва ҳимояи ҳуқуқҳои муаллифиро қайд намудан мумкин аст.

Муҳаррики электрикӣ омили ба вуҷуд омадани тартиби технологии сеюм ба ҳисоб меравад, ки ин давра солҳои 1880-1930 – ро дар бар мегирад. Дар ин давра аз лиҳози техникӣ нисбатан ИМА, Англия ва Олмон рушд карда буданд ва баъдан ба қатори онҳо кишварҳои Белгия, Швейтсария, Ҳоланд низ дохил гаштанд. Хусусиятҳои хоси соҳаи саноати онҳо бо афзоиш ёфтани чандирияти истеҳсолот, ташкили он тибқи стандартҳои муайян ва фарогирии онҳо дар доираи шаҳрҳои калон, таъсири бештар пайдо намудани амалиётҳои бозорӣ, пайдоиши монополияву олигополия, таҷаммуи маблағҳо дар сохторҳои бонкӣ, ҷудо намудани моликият аз дороиҳо, ташаккулёбии лабараторияҳои аввалини илмӣ-тадқиқотӣ дар истеҳсолот бо ҷалб намудани олимону мутахассисоне, ки маълумоти олӣ доранд, тавсиф дода мешавад.

Давраи чоруми тартиби технологӣ дар солҳои 1930-1970 арзи вуҷуд намуда, асоси онро ихтирои муҳаррики дарунсӯз ташкил медод ва саноат самтҳои автомобилсозӣ, тракторсозӣ, металургияи ранга, истеҳсоли маводҳои синтетикӣ, истихроҷ ва коркарди нафтро фарогир буд. Кишварҳои пешсафи ин давра ИМА, Олмон, Италия, Канада, Фаронса, Ҷопон, Шветсия ба ҳисоб рафта, рушди саноати онҳо дар истеҳсоли ҳаҷман калони масолеҳҳо, рушди ниҳодҳои таъминоти комплексҳои ҳарбию иҷтимоӣ, ташкили шуъбаҳои ҳаҷман калони илмиву тадқиқотӣ дар бештари корхонаҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта тариқи ба фурӯш гузоштани моликияти зеҳнӣ бо воситаи литсензия ва патентҳо, сармоягузориҳои давлатӣ ба коркардҳои илмӣ-тадқиқотии ба самтҳои ҳарбӣ равона гардида зоҳир мегардид.

Давраи панҷуми тартиби технологӣ бошад, солҳои 1970-2010 арзи вуҷуд намуда, самти асосӣ, ё ба ҳайси асоси ташкили давр, саноати техникиву электронӣ ё ба истилоҳи имрӯза рушди технологияи иттилоотӣ баромад менамояд, ки дар ин давра пешсаф кишварҳои Ҷопон, ИМА, Олмон, Шветсия, Тайван, Кореяи Ҷанубӣ, Канада ба ҳисоб рафта, дар ин давра саноат ба коркарди техникаҳои ҳисоббарор, таъминотҳои барномавӣ, роботсозӣ, хизматрасониҳои иттилоотӣ, телекомуникатсия, саноати ҳаво ва кайҳоннавардӣ равона гардида буд. Вежагиҳои хоси соҳаи саноати ин давраро пайдоиши компонентҳои микроэлектронӣ, инфиродишавии истеҳсолот ва истеъмолот, чандирияти боз ҳам зиёди истеҳсолот ва татбиқи пайдарпайии принсипҳои рушди устувори соҳаҳо, аз доираи шаҳрҳо берун рафтани системаҳои истеҳсолӣ, назорати давлатии соҳаҳои махсуси телекомуникатсионӣ ва иттилоотии стратегӣ, ҳамгироиҳои байналмилалӣ дар асоси технологияҳои итилоотиву комуникатсионӣ, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии тадқиқотҳо ва татбиқи технологияҳои навину иннноватсионӣ аз ҷониби давлат инъикос мекунанд.

Давраи шашуми тартиби технологиро фарогири солҳои 2010-2040 медонанд. Ҳарчанд, ки марҳилаи асосии тартиби шашуми саноатӣ пурра ворид нагардида бошад ҳам, аммо маълум аст, ки нанотехнологияҳо, технологияҳои ҳуҷайравӣ ва усулҳои муҳандисии генӣ асоси рушди ин давра буда, самтҳои асосии он дар ояндаи наздик дар баробари истифодабарии нано ва био-технологияҳо истифодабарии сарчашмаҳои нерӯи барқароршаванда, аз қабили нерӯи гелио, нерӯи шамол (бод), бионерӯ ва ғ. буда, ҳамчунин истифодаи нерӯи ядроиро низ дар назар дорад. Хоса, дар давраи мазкур истифодаи зеҳни сунъӣ, микромеханика, технологияҳои сеҳаҷма, муҳандисии генӣ дар назар дошта шуда аст. Дар ин давра баъзе хусусиятҳои пешбинишудаи соҳаи саноат амалӣ шуданду баъзе бояд амалӣ шаванд, ки ба онҳо чунин хусусиятҳоро дохил намудан мумкин аст: саноатикунонӣ ва азнавсаноатикунонӣ, ҷорӣ шудани корхонаҳои виртуалӣ ва пурра автоматикунонида, идоракунии давлатӣ,

пурзӯр гардидани ниҳодҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои танзими сатҳҳои гуногун ва ғ.

Аммо бояд доир ба давраи ҳафтуми тартиби технологӣ ҳаминро зикр намоем, ки чи гунае, ки дар боло мо қайд намудем, дар баъзе таҳқиқотҳои илмии баъзе муҳаққиқон шаш давраи тартиби технологӣ муайян шудаанд. Аммо дар доираи илмӣ вобаста ба давраи ҳафтуми тартиби технологӣ маълумотҳои сершумореро дучор шудан мумкин аст[37]. Масалан А.В. Козачек мегӯяд, ки «Ихтироъкори амрикоӣ Р. Куртсвел ақида дорад, ки сингулярнокии технологӣ (ибораи дигари тартиби технологӣ, *шарҳи муаллифи диссертатсия*) тақрибан бояд солҳои 2045 ба миён ояд. Ин сана бо санаи ба охир расидани давраи шашум ва ибтидои давраи ҳафтум вобастагии коррелятсионӣ дорад».[38] Ҳамин тавр асоси давраи ҳафтуми технологиро тибқи гуфтаҳои олимон технологияҳои когнитивӣ ташкил хоҳанд дод. Яъне ақли инсон ҳамчун захираи асосии рушди иқтисодиёт ба инобат гирифта хоҳад шуд.

Ҳамин тавр зуҳуроти асосие, ки тартиби технологӣ дар худ доранд, бештар бо чунин тавсифҳое инъикос карда мешаванд, ки иборат аз пайдо гардидани воситаҳои навини ба баланд гардидани ташкили самаранокии истеҳсолот мусоидкунанда ва пайдо гардидани модели нави мукаммали сохтори идоракунӣ ва ташкилдиҳии корхона мебошанд. Ғайр аз ин, тавассути тағйир додани тахассусияти қувваи корӣ талабот ба он нисбат

---

[37] Ниг. масалан ба: Калашников, И.Б Новый технологический уклад на пути становления инновационной экономики / И.Б. Калашников, А.В. Вавилина, Т.Н. Якубова // Креативная экономика. – М., 2018. - № 9, Том 12. – С.1307-1320; Седьмой технологический уклад // Проектное государство / Портал общественных действий по развитию страны. URL: http://www.proektnoegosudarstvo.ru/project/sedmoj_tehnologicheskij_uklad/ (санаи мурочиат: 07.07.2021); Козачек, А.В. Седьмой технологический уклад: возможные глобальные экологические проблемы и соответствующие аспекты профессиональной подготовки инженера-эколога / А.В. Козачек // Известия Самарского научного центра Российской академии наук. – Самара, 2015. - № 5(2), Том 17. - С. 477-489; Федулова, Л.И. Седьмой технологический уклад: мифы, реальность и перспективы / Л.И. Федулова // Экономическая теория и право. – Киев, 2012. № 1(8). – С. 7-18.

[38] Козачек, А.В. Седьмой технологический уклад: возможные глобальные экологические проблемы и соответствующие аспекты профессиональной подготовки инженера-эколога / А.В. Козачек // Известия Самарского научного центра Российской академии наук. – Самара, 2015. - № 5(2), Том 17. - С. 477-489

ба воҳиди маҳсулоти истеҳсолшаванда кам мегардад ва инчунин омили нави асосии инноватсияҳои технологӣ ба вуҷуд омада, ивазшавии бахшҳои ба омилҳои калидии инноватсияҳои технологӣ алоқаманд ба таври мустақим ва ғайримустақим ба миён меоянд ва дар натиҷа ба шиддат гирифтани сармоягузориҳо мусоидат хоҳанд кард. Ҳамчунин ҳамҷояшавии географии ҷараёнҳои сармоягузориҳои муштарак ба миён омада, дар сохтори истеъмолоти ҷамъиятӣ тағйиротҳо ба вуҷуд меоянд, ки ба рушди босуръати бахшҳое меоварад, ки ба омилҳои рушди тартиботи технологӣ муносибат доранд. Инчунин дар ҳаҷми истеҳсолоти корхонаҳои хурду миёна ва калон самтҳои ба беҳтар гардонидани равандҳои истеҳсолӣ мароқдошта ба вуҷуд омада, соҳаҳои нави таҷаммуи корхонаҳое пайдо мешаванд, ки бо татбиқ намудани тартибҳои технологӣ пешсафиро касб хоҳанд кард.

Ҳамин тавр тағйиротҳои технологию саноатие, ки дар асрҳои XX ва XXI ба вуҷуд омадаанд бо ду раванди ба ҳам алоқаманд бархӯрд доранд, ки яке зуд фарсуда шудани технологияҳо ва дигаре бошад, танг гаштани мавқеи технологияҳои дуюмдараҷа ва фарсудашудаи аз марказҳо дур ҷойгиршуда, ки дар онҳо ҳам музди меҳнати кормандон кам буда, ҳам захираҳои табиияшон камарзиш мебошанд[39]. Барои ҳамин ҳам дар байни соҳаҳои маъмулӣ бо маблағҳояшон, ки асоси некӯаҳволии ҳудудҳои кишвар мебошанд ва намудҳои пешсафи фаъолиятҳое, ки ба иқтидори рушд дар сатҳҳои иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, иҷтимоӣ ва ғ. такон медиҳанд, барқарор намудани мутавозунӣ зарур мебошад.

Дар раванди рушд кардани соҳаҳои иқтисодӣ таърихан қувваҳои истеҳсолӣ дар маҷмӯъ ба таври доимӣ иваз (нав) шуда меистанд ва дар вобастагии функсионалӣ мавқеъгирӣ менамоянд. Барои ҳамин ҳам бо рушд ёфтани техникаву технология на танҳо сатҳи воситаҳои истеҳсолӣ, яъне техника ва технология иваз мешаванд, балки қуввваи корӣ низ бояд

[39] Пинчук, А.Ю. Национальная безопасность России: к изучению взаимодействия ее политических и технологических факторов на рубеже XX - XXI веков / А.Ю. Пинчук // Новый исторический вестник. – М.: «ИЗДАТЕЛЬСТВО ИППОЛИТОВА», 2020. - № 4 (66). – С.66-75.

тағйир ёбад. Гап дар бораи он аст, ки захираҳои меҳнатӣ бояд бархӯрдори маҷмӯи донишҳову маҳорату малака ва таҷрибаҳое бошанд, ки ба талаботҳои усулҳои навини техникиву технологии истеҳсолот ҷавобгӯ ҳастанд. Ҳамзамон рушд кардани қувваи корӣ (аз лиҳози донишу маҳорат ва малакаи касбӣ) ба пайдо гардидани касбҳои наве мусоидат хоҳад кард, ки ба равандҳои технологии навини истеҳсолӣ мутобиқ хохад буд (расми 1.3).

Айни замон ҷамъияти ҷаҳонӣ дар остонаи гузаштан ба тартиби технологии шашум қарор дорад[40]. Алъон на танҳо тартиботи технологӣ иваз мешавад, балки давраҳои ҷамъоварии дар тӯли асрҳо ба вуҷуд омада, низ тағйир меёбанд, ки дар натиҷа сохтори иқтисодиёт дар асоси технологияҳо ва механизмҳои ҷадидтарини истеҳсоли маблағгузориҳо иваз мешавад. Технологияҳои навини пешқадам ва коркардҳое ба майдон ворид мешаванд, ки барои дастрас намудани онҳо кишварҳои нибатан рушдкарда кушиш ба ҳарҷ хоҳанд дод, зеро ки дастрас намудани онҳо имконият медиҳад, ки рушди иқтисодӣ ва рушди соҳаҳои саноати ин кишварҳо якчанд солҳои оянда рақобатпазир гардида, то ба миён омадани ягон тартиби дигар иқтисодиёташон устувор боқӣ хоҳад монд.

[40] Камаев, Р.А. Формирование технологических укладов в текстильной промышленности: производственные и региональные аспекты / Р.А. Камаев, Ю.А. Левин, М.А. Сокольников // Известия высших учебных заведений. Технология текстильной промышленности. – Иваново, 2019. - № 1 (379). – С.5-12.




**Расми 1.3. Сохтори системаи иқтисодӣ ва тартиби технологии рушди ҷамъиятӣ ва таъсири он ба рушди саноат**

***Аз ҷониби муаллиф таҳия карда шуда аст.***

Чи хеле ки Вдовина А.А. зикр мекунад «Айни замон ҷамъияти дунявӣ дар давраи гузариш ба давраи пасосаноатӣ ва ё давраи тартиби шашуми технологӣ қарор дорад, ки зинаи ниҳоии онро ҷамъияти иттилоотӣ ташкил медиҳад.... Дар назар дошта мешавад, ки тартиби технологии шашум (2010-2040) бо гузариш ба истеҳсолоти чандири автоматикунонидашуда тавсиф меёбад. Дар ин давра системаҳои

ҷаҳонии иттилоотӣ ва ҳамгирошудаи калонсуръат, технологияҳои кайҳонӣ ба таври васеъ истифода хоҳанд шуд».[41]

Аз рӯи тавсифҳои олимон айни замон тартиби технологии шашум ба ҳисоби миёна 30 % дар сол афзоиш намуда истодааст.[42] Бояд тазаккур дод, ки ба ҳайси ҳалқаи пайвасткунандаи байни тартибҳои пешина ва тартиби шашум технологияҳои иттилоотӣ- коммуникатсионӣ баромад мекунанд, ки онҳо бо миқёси калони тағйирёбиҳояшон имконият медиҳанд, ки дилхоҳ соҳа ба таври инқилобӣ рушд намояд. Ба миён омадани тартиби пешрафта бо тафаккурнокии истеҳсолот, равандҳои пайвастаи ташаккули инноватсияҳо ва гирифтани донишҳо дар тамоми соҳаҳо ҳамроҳ буда, гузариш аз иқтисодиёти истеҳсолоти оммавӣ ба иқтисодиёти донишҳо, аз истеъмолоти ҷамъиятӣ ба ҷамъияти рушдкарда ба вуҷуд меояд, ки афзалият дар онҳо ба иқтидорӣ илмӣ-теникӣ ва зеҳнӣ, талабот ба дониш, сифати зиндагӣ, муҳити зист хизматрасониҳои баланди иҷтимоӣ дода мешавад[43].

Ҳамин тавр лозим ба таъкид, ки дар доираи тартиби технологии шашум диққат ба рушди ҳаматарафаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дода мешавад, ки мақсади асосиаш идоракунии ҳамгирошудаи истеҳсолот мебошад ва он аз худ таҷассумгари чунин зуҳурот аст: IT-технологияҳо, технологияҳои абрӣ (аз англисии «cloud storage» – абр), технологияҳои коркарди маълумотҳои ҳаҷмашон калон (Big Data) (аз

---

[41] Вдовина, А.А. Понятие «технологический уклад» в системе экономических категорий и новые технологические уклады общественного развития / А.А. Вдовина // Креативная экономика. – М., 2019. - № 4. Том 13. – С. 605-618.

[42] Ниг. масалан ба: Ланская, Д.В. Региональная стратегия неоиндустриализации на базе шестого технологического уклада и формирования новых отраслей экономики знаний / Д.В. Ланская, А.Е. Яковленко // Креативная экономика. – М., 2018. - № 12 (10). – С.1569-1586; Глазьев, С. Ю. Великая цифровая революция: вызовы и перспективы для экономики XXI века // URL: https://glazev.ru/articles/6-jekonomika/54923-velikaja-tsifrovaja-revoljutsija-vyzovy-i-perspektivy-dlja-jekonomiki-i-veka. (санаи муроҷиат ба сомона: 14.07.2021); Селезнев, П.С. Шестой технологический уклад и индустриализация / П.С. Селезнев, А.И Соснило // Власть. – М.,2014. - № 10. – С.14-23.

[43] Садовая, Е.С. Формирование новой социальной реальности: технологические вызовы / Е.С. Садовая, В.А. Сауткина, А.Р. Зенков // Монография. – М. «ИМЭМО – РАН», 2019. – С. 13-18. (190 с.)

англисии «big data» – маълумотҳои калонҳаҷм), технологияҳои беодам (роботҳо), биотехнологияҳо (биологияи молекулярӣ, муҳандисии генӣ), нанотехнологияҳо, технологияҳои аддитивӣ (аз англисии «additive» – иловакардашаванда, кумулятивӣ), технологияҳои истифодабарии қолабҳои гуногун (3D, 4D ва ғ.), технологияҳои таъминоти бехатарии иттилоотӣ (кибербехатарӣ) ё ба истилоҳи имрӯза технологияҳои блокчейнӣ (аз англисии «block chain» – занҷири блокҳо) ва ғ.

Ҳамин тавр, рушди иҷтимоӣ-техникии субъектони иқтисодии ҳар як кишвар ва манотиқи вобаста ба он ба таври гуногун ба амал меояд. Имконпазир аст, ки тамоми тартибҳои технологӣ дар як ҷо ва дар як муддати вақт ба вуқуъ оянд ва ё мешавад, ки бар акс ба миён омадани тартибҳои технологӣ тӯлонӣ шаванд. Бояд қайд намоем, ки барои аз худ кардани тартибҳои технологии муосир шароитҳои мусоиде заруранд, ки ҳангоми равандҳои гузаштан ба модели бозори муосир, коркард намудан ва амалӣ сохтани стратегияҳои давлатии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар ва сиёсатҳои саноативу илмӣ-техникивӣ, андозӣ, молиявӣ-қарзӣ ва ғайра ташкил дода мешавад. Ба ақидаи олимоне, ки мо онҳоро мавриди таҳлил қарор додем, дар алоқамандии онҳо сиёсати молиявию қарзиро ҷудо мекунанд[44]. Муҳаққиқон қайд менамоянд, ки рушд кардани саноати ватанӣ дар шароитҳои тағйирёбии тартибҳои технологӣ таҷдидсозии миқёсан калони маблағҳои асосиро талаб мекунад. Ин бошад аз ҳисобиислоҳоти системаи молиявӣ-қарзии кишвар имконпазир мегардад, ки он ба афзоиш ёфтани ҳаҷми маблағҳои пулӣ ва қарзҳои имконпазири соҳаҳои воқеии иқтисодиёт мусоидат мекунад. Тибқи ақидаи иқтисоддонон вазъи ҳозираи системаи асъорӣ-молиявии

---

[44] Ниг. ба: Алиджанов, Д.А. Импортозамещающий экономический рост в условиях переходной экономики (на примере Республики Таджикистан) / Д.А. Алиджанов // Дисс. на соис. уч. степени доктора экон. наук. 08.00.01. – Худжанд, 2021. – 316 с.; Экономический кризис и промышленная политика – альтернативные пути возвращения к росту в России / под ред. Р. Трауб-Мерца, Д. Ефименко. – М.: «Политическая энциклопедия», 2016. – 223 с.; Современная российская экономика: кейнсианский вариант выхода из стагнации // Международная научная конференция / Сборник тезисов / под ред. А.А. Пороховского, К.А. Хубиева, С.В. Кайманакова. – М.: Экономический факультет МГУ имени М.В. Ломоносова, 2017. - 347 с.

Ҷумҳурии Тоҷикистон идоранашаванда мебошад[45]. Қарорҳои аз ҷониби ҳукумат қабулшаванда, ба натиҷаҳои назаррас намеоваранд. Аз рӯи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни соҳаҳои саноати кишвар танҳо 20 % - и онҳо даромаднокӣ аз фурӯшро нисбат ба сатҳи миёнаи фоизи қарзҳоро доранду халос. Аммо ҳамзамон қисмати бештари бахши воқеии иқтисодиёт наметавонад карзҳоро барои маблағгузорӣ ва фаъолнокии сармоягузорӣ ва, ҳатто, сармояи гардон истифода намоянд. Ин ҳолат дар бештари соҳаҳои истеҳсолоти саноатӣ, алалхусус энергияи барқ, таъминкунии об, сӯзишворӣ, сохтмон, воситаҳои техникӣ ва таҷҳизот зоҳир мегардад.

Ҳамин тавр аз тамоюлҳо ва тавсифҳои тартиботи технологии дида баромада бармеояд, ки кишварҳое (ва минтақаҳои онҳо), ки дар онҳо то ба ҳол рушди саноат такя ба соҳаҳои истихроҷи захираҳо доранд, бо истифода намудани технологияҳои аллакай фарсудашуда барои аз худ кардани тартибҳои навини муосир (панҷум ва шашум) тайёр нестанд. Ҳол он, ки ҷаҳони имрӯза алакай дар фикри татбиқ ва роҳандозии тартиби ҳафтуми технологӣ қарор дорад. Маълум аст, ки равандҳои технологӣ ҳар кадом дар навбати худ ва дар лаҳзаи вақти муайян ба арсаи вуҷуд хоҳанд омад. Аз ин сабаб кишварҳо ва соҳаҳои саноатие, ки барои қабул ва татбиқи онҳо омодаанд, пешсафиро соҳиб хоҳанд шуд, яъне рушд кардан ва ба самаранокии фаъолият расидан насиби онҳо хоҳад шуд. Ҳамин тавр гуфтаҳои болоро хулоса намуда, аз нигоҳи мо, ғояи тағйирёбии тартиби технологиро ҳангоми интихоби соҳаҳои афзалиятноки саноати кишвар истифода намудан мувофиқ ба мақсад хоҳад буд. Умуман равандҳои табдилёбии технологӣ ва, махсусан, равандҳои табдилёбии рақамии корхонаҳо ба тағйирёбиҳои системаҳои муҳимми тиҷорат таъсир расонида, маданияти ташкилот, усулҳои корбарӣ ва корӣ дар ташкилотҳо, усулҳои алоқамандии одамону техника ва коркарди стратегияҳои рушдро тағйир медиҳад. Технологияҳо аз

---

[45] Наимов, Ш.Р. Финансовая система Таджикистана: индикаторы и критерии оценки / Ш.Р. Наимов // Экономика и банки. – Пинск, 2020. - № 2. – С. 26-34.

корхонаҳои алоҳида сар карда, то ба тамоми субъектони иқтисодӣ татбиқ гардида, пайдарпай тартиби зиндагии ҷамъиятиро тағйир хоҳанд дод.

Ҳамин тавр, аз нигоҳи мо, тартиби технологӣ ҳамчун маҷмуи пурраи истеҳсолоти марбута, дар ҳамҷоягӣ бо муносибатҳои ба он созгори иқтисодӣ–ташкилӣ имкониятҳои ташаккул додани сохторҳои ташкилиро фароҳам меоварад ва ба сатҳу тавсифҳои рушди технологӣ мусоидат мекунад. Тавассути чунин равиш ва мувофиқ ба мақсади гузошташуда шаклҳои ташкилоти истеҳсолот ва меҳнатро метавон ба нақша гирифта, сохторҳои ташкилиро муайян намуд, ки дар навбати худ онҳо ба тавсифҳову дараҷоти рушди теънологияҳо ва самаранокӣ мусоидат хоҳанд кард.

### 1.3. Тараққиёти техникӣ-инноватсионии ҳамчун унсури рушди сиёсати саноатӣ

Тараққиёти техникӣ-инноватсионӣ ҳамчун унсур ё самти сиёсати саноатӣ

Дар бештари барномаҳои давлатии кишварҳо, аз ҷумла стратегияҳои миллии рушд ва барномаҳои рушди соҳаҳо механизмҳо ва воситаҳои асосии рушд таҳия карда шудаанд ва ин боиси мавриди баҳс қарор гирифтани истифодаи таҷҳизоти сиёсати давлатӣ, аз ҷумла сиёсати саноатии давлат барои расидан ба суръати рушди иқтисодии дарназардошташуда гашта аст. Масалан, дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қайд мегардад, ки «Ба сифати омили пешбарандаи рушди иқтисоди миллӣ афзоиши босуръати саноат дар асоси ба истифода додани иқтидорҳои нав ҷиҳати истеҳсоли неруи барқ, истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва ангишт, ташаккулдиҳии металлургияи сиёҳи ватанӣ ва рушди минбаъдаи металлургияи ранга, рушди саноати маводҳои сохтмонӣ, саноати сабук ва хӯрока хизмат хоҳад намуд. Тибқи сенарияи мазкур ҳаҷми истеҳсоли

саноатӣ 4,2 маротиба, аз ҷумла саноати истихроҷи маъдан 5,7 маротиба, саноати коркард 4,3 маротиба ва истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об 2,9 маротиба афзоиш меёбад»[46].

Бояд тазаккур дод, ки ҳарчанд ақидаҳои гуногун вобаста ба таъсири самаранокии таҷҳизотҳои мушаххас мавҷуд бошанд ҳам, аммо нақши устувори сиёсати саноатӣ аз лиҳози рушди кӯтоҳмуддат бешак муҳим мебошад. Дар бобати рушди дарозмуддат бошад, ақидаҳои гуногуни олимони соҳаи иқтисодӣ мавҷуданд. Масалан «тибқи модели рушди экзогении пешниҳодкардаи Солоу нақши сиёсати саноатии давлат ҳамчун омили муайянкунанда ва ё «детерминант»-и рушди иқтисодӣ кам мебошад, чунки суръати рушди иқтисодиёт бо суръати рушди технологӣ ва рушди аҳолӣ муайян карда мешавад».[47] Олимони дигаре, ки ба коркарди модели эндогении рушд сарукор доранд, механизмҳои сиёсати давлатиеро муайян намудаанд, ки ба суръати дарозмуддати рушди иқтисодӣ таъсир мерасонанд.[48] Маҳз барои ҳамин мавриди омӯзиш қарор додани таҷҳизотҳои сиёсати саноатӣ яке аз маслъалаҳои мубрам ва мубоҳисаноки ҳам иқтисоддонон ва ҳам сиёсатмадорон мебошад, ки дар ташаккул додани стратегияҳои миллии рушди иқтисодӣ нақши муҳим дорад.

Равишҳои муайян намудани қувваи асосии такондиҳандаи рушди иқтисодӣ ва нақши сиёсати саноатӣ дар ин раванд, истифодаи амалии

---

[46] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1 октябри соли 2016. - №392. - Душанбе: «КОНТРАСТ», 2016. - С.18.

[47] Сафрончук, М.В. Экономический рост / М.В. Сафрончук // Курс экономической теории / Учебник. – 5 - е исправленное, доп. и перераб. изд. – Киров: «АСА», 2004. – С. 605-644.

[48] Ниг. масалан ба: Катаева, О.С. Модель экономического роста Р. Барро: применение и рекомендации для Российской экономики / О.С. Катаева, Е.А Бурденко // Экономика устойчивого развития. – М., 2018. - № 4 (36). – С.53-59; Кузнецов Ю.А. Обобщенная модель экономического роста с учетом накопления человеческого капитала / Ю.А. Кузнецов, О.В. Мичасова // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского, 2010. - № 1. - С. 171–178; Лиман И.А., Карагулян Е.А., Науменко Е.Е. Новые эндогенные теории экономического роста // Управление эклномическими системамы. 2014. №12 (72). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/novye-endogennye-teorii-ekonomicheskogo-rosta (санаи муроҷиат ба сомона: 29.07.2021).

онро, ки дар корҳои муҳаққиқон дарҷ гардидаанд, мавриди омӯзиш қарор дода, чунин хулоса намудан мумкин аст, ки одатан тавсифи рушди ин ё он кишвар метавонад танҳо бо гузаштани лаҳзаҳои муайяни вақт, ки барои арзёбаи самаранокии чорабиниҳои сиёсати саноатӣ заруранд, муайян гардад. Мутаассифона мавҷудияти механизмҳо ва чораҳои муайян дар дастурҳои кории иқтисодии ҳукумат самаранок будани онҳоро исбот намекунад, яъне бо ибораи дигар ҳар стратегияи муайяни рушдеро, ки ҳукуматҳои миллӣ пешниҳод менамоянд, маънои онро надорад, ки маҳз ҳамин механизме, ки ба он такя карда мешавад, татбиқшаванда аст ва маҳз ҳамин механизми интихобшуда ҳаракатдиҳандаи асосии рушд мебошад.

Чи тавре, ки дар фасли якуми боби аввали тадқиқоти диссертатсионӣ арз карда будем, воситаҳои (таҷҳизотҳо) сиёсати саноатӣ фарогири сиёсатҳои андозӣ, тарофавӣ, пулию қарзӣ, муносибатҳои иқтисодии берунӣ ва дигар намудҳои сиёсатҳо бошад ҳам, аммо он абзор ва ё воситаи мустақиле надорад ва барои ҳамин ҳам таҳлил намудани он мураккабтар мебошад. Дар навбати худ, мо абзореро мавриди омӯзиш қарор медиҳем, ки контури сиёсати саноатиро ҳам аз нуқтаи назари вазифаҳо ва масъалаҳои ҳалшавандаи он ва ҳам аз нигоҳи такомули он ташаккул хоҳад дод.

Ҳамин тавр, чи хеле ки қайд карда шуд, сиёсати саноатӣ иборат аз сиёсати саноатии маъмул ва сиёсати саноатии нав (навин) мебошад. Сиёсати саноатии маъмул моделҳои амудӣ ва уфуқиро муқобили якдигар мегузорад. Сиёсати амудӣ дорои абзори мушаххаси дасгирии соҳаҳои муайяни иқтисодиёт аст, сиёсати уфуқӣ бошад воситаҳои гуногунро дар ба ҳамон соҳаҳое татбиқ мекунад, ки талаботҳои меъёрҳои муайянро қонеъ мегардонанд. Аммо бояд дар назар дошт, ки таҷҳизотҳои сиёсати уфуқӣ вобаста аз самти маблағгузориҳои онҳо, ҳаҷми истеҳсолоти ба содирот равона гардида, аз вобастагии воридоти сармояи истеҳсолӣ ва амсоли инҳо ба соҳаҳои мушаххас таъсири кам ва ё беш расонида метавонанд. Масалан, воситаҳои сиёсати кластерӣ, воситаҳои аз ҷониби

давлат харидорӣ намудани маҳсулотҳои инноватсионӣ, воситаҳо ва таҷҳизотҳое, ки ба «рушди иқтисодиёти сабз» равона гардидаанд, воситаҳо ва тадбирҳо оид ба пурзӯр намудани салоҳиятҳо ҳамчун таҷҳизотҳои сиёсати амудӣ ба ҳисоб раванд ҳам, аммо онҳо аз ибтидо ғояи сиёсати уфуқӣ мебошанд[49].

Сиёсати саноатии амудӣ одатан интихоби бидуни таҷрибаи соҳаҳои афзалиятноки рушдкунандаи пешсафро роҳандозӣ менамояд, ки онҳоро давлат ба таври мустақим дастгирӣ мекунад. Сиёсати уфукӣ бошад дастгирии соҳаҳои мушаххасро дар назар надошта, системаи ҳавасмандкуниҳоеро ба вуҷуд меоварад, ки тибқи он агентҳои иқтисодии соҳаҳои гуногун бархурдори дастгириҳо ва афзалиятҳо мешаванд.

Ҳамин тавр сиёсати саноатии маъмул бо сиёсати саноати амудӣ умумияти бештар дорад, чунки он афзалиятҳои соҳавиро ҳатман ба назар мегирад. Модели мазкур то охирҳои солҳои 1990 барои рушди саноати кишварҳои сершумор истифода мешуд.[50]

Сиёсати саноатии навин дар маҷмӯъ ба сиёсати уфуқӣ мутобиқ буда, дар он ба ҳайси меъёри дастгирии асосӣ рақобатпазирӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ баромад мекунад. Ин модел дар давраҳои солҳои 1980-1990 маъмул бошад, ҳам, аммо меъёри рақобатпазирӣ вобаста аз ҳолатҳои хусусӣ барои интихоби объектҳои сиёсати саноатӣ таърифи тахассусӣ дошт ва ин боиси азнав ба вуқӯъ омадани афзалиятҳои сиёсати саноатии маъмул мегардад, лекин ташаккул ёфтани онҳо нисбатан ҳаҷмнок буд ва ҳамин тавр сиёсати саноатии «афзалиятҳои навин» ба вуҷуд омад.[51]

---

[49] Литвинюк, Т.А. Промышленная политика: особенности формирования в условиях вертикальной интеграции / Т.А. Литвинюк // Вестник Адыгейского государственного университета. Серия 5: Экономика. – Майкоп, 2013. - № 4(131). – С.268-274.

[50] Симачев, Ю. Россия на пути к новой технологической промышленной политике: среди манящих перспектив и фатальных ловушек / Ю. Симачев, М. Кузык, Б. Кузнецов, Е. Погребняк // Форсайт. – М., 2014. - № 8. - С. 6-23.

[51] Булавко, О.А. Основные аспекты развития промышленной политики / О.А. Булавко, М.С. Иванкина, Л.Р. Туктарова, Э.М. Нургалиева // Вестник Самарского муниципального института управления. – Самара, 2019. - № 2. – С.21-29.

Дар модели сиёсати саноатии афзалиятҳои навин ба таҷҳизотҳои уфуқӣ афзалият дода шуда, онҳо чунин ташаккул дода шудаанд, ки таҳти объектҳои сиёсат соҳаҳои мушаххасу намудҳои муайяни фаъолият ва ё корхона қарор мегиранд. Ҳамзамон дар таҳқиқотҳо қайд мегардад, ки тамоюли асосии даҳсолаҳои наздик таҷаммӯи фаъолнокии иқтисодӣ ва истеҳсолоти занҷираҳои истеҳсолии саноатӣ (ҳамонҳое, ки маҳсулоти ниҳоии мураккаб истеҳсол мекунанд) ва таъминкунанадагони аввалиндараҷаи онҳоро (онҳое, ки воситаҳои асосӣ, аз ҷумла муҳаррик, электроника, элементҳои ташкилро таъмин мекунанд) фаро мегирад. Чунин тавсифи сиёсати саноатӣ бо ғояе созмон дода мешавад, ки дар он сохтори оптималии иқтисодиёт аз давраҳои рушди бозор ва ҷамъият вобаста мебошад. Дар кишварҳои нисбатан камтар рушдкарда аз сабаби рушди ниҳодии сусташон, ба тартиб даровардани элементҳои фаъолкунандаи самарабахши уфуқӣ, яъне сиёсати навини саноатиашон мушкилтар мегардад. Дар алоқа ба ин ибтидоан бояд ба таҷҳизотҳои нисбатан аз лиҳози амалӣ татбиқшавандаи сиёсати маъмул, яъне воситаву таҷҳизотҳои амудӣ иктифо карда шавад.[52]

Бояд тазаккур дод, ки барои аниқ муайян намудани дараҷаи таъсири ин ё он шакли ташкили моделҳои сиёсати саноатӣ ба рушди иқтисодиёт дар маҷмуъ лозим аст, ки таҷҳизоту воситаҳои дар онҳо татбиқшаванда фарохтар мавриди омӯзиш қарор дода шаванд. Аз ҳамин лиҳоз кӯшиш менамояем, ки абзорҳои асосии намудҳои сиёсатҳои саноатии дар боло зикр гардидаро аниқтар фарогирӣ намоем.

Ҳамин тавр тавсифи сиёсати саноатии маъмул аз таъин намудани соҳаҳои афзалиятдор ва ё ба истилоҳ соҳаҳои «пешсаф», ки онҳо татбиқи худро бидуни таҳлили амиқи иқтисодӣ амалӣ месозанд, оғоз гардида, воситаҳои дастгирии буҷету сусбидиякунонӣ, пардохткуниҳо ба сармояи оинномавӣ, маҳдуд кардани рақобат, ҳимояи манфиатҳои соҳавии корхона дар сатҳҳои мухталиф, қарздиҳии мустақимро истифода

[52] Идрисов, Г.И. Промышленная политика России в современных условиях / Г.И. Идрисов // Научные труды. – М., 2016. – (160 с). – С.32.

менамояд. Ҳамчунин механизмҳои пӯшидае, ба мисли идоракунии қурби асъор, дастрасии осон ба захираҳои молиявии аз ҷониби давлат идорашаванда ва ба ҳамин монанд воситаҳо низ истифода мешаванд.

Мисоли татбиқи чунин модел – сиёсати саноатии Ҷопон шуда метавонад, ки фарогири солҳои 1950-1980 – уми асри XX буда, бо системаи банакшагирии давлатии индикативӣ асос ёфта, мақсадаш ҳарчӣ зудтар ба по хезонидани иқтисодиёт буд. Ҷопон дар татбиқи ин сиёсат дар ин давра ба рушди соҳаҳои саноат ба таври фаъол дахолат намуда, меъёрҳои интихоб намудани соҳаҳо аз рӯи ҳолати марказии ишғолнамудаи онҳо дар ҳалқаҳои истеҳсолӣ, аз рӯи суръати афзоиши маҳсулнокии меҳнат дар соҳа, инкишофи иштирок дар бозорҳои ҷаҳониро истифода намуда, имтиёзҳои андозӣ ва субсидияҳои мустақимро татбиқ менамуд ва қарзҳои имтиёзнокро пешниҳод мекард.[53]

Аммо бояд қайд намоем, ки дар ин давра рақобатпазирии соҳаи саноат дар сиёсати саноатӣ афзалият надошт ва нововаста аз он, ки рушди саноати Ҷопон бештар аз содироти технологияҳо ва сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ таъмин карда мешуд ва ин раванд зери назорати шадиди давлат қарор дошт. Чунин сиёсат аз хусусиятҳои зарурати иштироки давлат дар рушди инфрасохтори молиявӣ, иштироки корхонаҳо дар фаъолияти якдигар ва афзоиш додани маблағҳои бонкиву саноатӣ бархӯрдор буд.[54]

Ҳамин тавр бояд зикр намоем, ки ба сабаб бемуваффақиятии сиёсати содиротивазкунӣ сиёсати саноатии маъмул бо таҷҳизотҳои

---

[53] Ниг. мас. ба: Лебедева, И.П. Япония: эволюция системы экономического планирования и прогнозирования / И.П. Лебедева // Восточная аналитика (Макроэкономическое планирование в странах Востока). - М., 2016. - №3. – С. 36-53; Чернышев, А.А. Государственная поддержка инвестиционных проектов в промышленности (зарубежный опыт и российская практика) / А.А. Чернышев // Дисс. на соис. уч. степени канд. экон. наук. Специальность 08.00.14. – М., 2019. – 224 с.; Бутуханов, А.В. Механизм реализации промышленной политики в Японии / А.В. Бутуханов // Дис. на соис. уч. степ. канд. экон. наук. Специальность: 08.00.14. - Хабаровск, 2005. - 158 с.

[54] Лебедева, И.П. Япония: эволюция системы экономического планирования и прогнозирования / И.П. Лебедева // Восточная аналитика (Макроэкономическое планирование в странах Востока). - М., 2016. - №3. – С. 42;

амудии худ рӯ ба таназзул овард. Чунки ин сиёсат ба дахолати бештари давлат мусоидат намуда, ба касри буҷет ва пурзӯр гардидани оқибатҳои манфии якбора қатъ гардидани селаи маблағҳои пулӣ оварда расонид ва дар ниҳоят сабабгори рушд ёфтани қарзи беруна гардид. Аз оғоз то давраҳои солҳои 80-уми асри XX тавсифи таъсири банақшагирии индикативӣ ба вуҷуд омад, ки ба ташкили соҳаҳои навини саноатӣ ва тағйир додани самтҳои тахассусӣ ва рушди намудҳои фаъолияти аз лиҳози техникӣ шиддатёфта оварда расонид. «Масалан абзори асосии сиёсати саноатии Бразилия воситаҳоеро дар бар мегирифт, ки дар онҳо унсурҳои протексионизми тиҷоратӣ ва содиротивазкунӣ мавқеи марказиро касб намуда буд. Дар натиҷа тарофаҳои содиротӣ баланд гардида, ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ маҳдуд шуда, фақат корхонаҳои ба ном «пешсафи» ба истихроҷи нафт, фулузот ва саноати кӯҳӣ сарукор дошта, ҳуқуқи содирот намуданро доштанд».[55]

Ҳамин тавр ҳарчанд якчанд муддат кӯшишҳои номуваффақонаи озод намудани содирот ба роҳ монда шуда бошад ҳам, аммо баъди солҳои 2000 – ум дар Бразилия боз ба истифодаи абзорҳои дастгирикуниҳои селективии саноат баргаштанд, ки мақсадаш дар баробари афзоиш додани маҳсулоти содиротӣ инчунин баланд бардоштани рақобатпазириро низ буд. Ҳамчунин дар ин самт ба рушди содироти маҳсулоти арзиши иловагиаш баланд ва рушди пояҳои илмӣ-техникии соҳаҳои ба саноат вогузошташуда (коркарду истихроҷи нафту газ, масолеҳи кишоварзиву дорусозӣ, истеҳсоли таҷҳизотҳои нимноқила ва таъминоти барномавӣ) аҳамияти махсус дода мешуд. Дар Бразилия рушди инноватсионӣ ва рушди саноат тариқи барномаҳои махсуси молиявӣ дастгирӣ карда мешуд ва абзорҳои амудии сиёсати саноативу инноватсионӣ барои рафъ намудани маҳдудиятҳои тахассусии инфрасохторӣ равона гардида, абзорҳои тавсифи уфуқидошта бошанд ба рушди ҳамкориҳои корхонаҳои хусусӣ, ниҳодҳои таҳқиқотӣ ва агентиҳои

---

[55] Идрисов, Г.И. Промышленная политика России в современных условиях / Г.И. Идрисов // Научные труды. – М., 2016. – (160 с). – С.35.

давлатӣ равона гардида, ба рушди корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ, ки тариқи роҳандозии инноватсияҳо барои рушд додани рақобатпазирӣ майл доштанд, истифода карда мешуданд.[56]

Ҳамин тариқ, ҳамзамон дар ин давраҳо, вобаста аз мушоҳидаҳои натиҷаҳои манфии сиёсати ба содиротивазкунӣ нигаронидашуда, дар кишварҳои аврупоӣ татбиқ намудани воситаҳои сиёсати амудии сиёсати саноатӣ мавқеи худро аз даст дода буд. Масалан, сиёсати саноатии Финландия бо ҳамкориҳои зичи давлату корхонаҳои хусусӣ, иттифоқҳои касаба асос ёфта буд. Финландия ҳанӯз аз солҳои 60-70 - уми асри гузашта воситаҳои амудии сиёсати саноатро истифода намуда, баъд аз солҳои 80-ум дар он рушди корхонаҳои давлатии ба истилоҳ «қаҳрамонҳо» амалӣ карда мешуд, ки 30 %-и маҷмӯи дороиҳо ба ҳиссаи худи давлат рост меомад ва инчунин баъди солҳои 90-ум 4 бекурбшавии ба миён омада ҳамчун воситаҳои сиёсати саноатии умудӣ ба рушд кардани содирот мусоидат намуд. Умуман дар Финландия баъд аз солҳои 80-уми асри XX истифодаи абзори сиёсати саноатии уфуқӣ шиддат гирифта, давлат сатҳи сармоягузориҳоро ба таҳқиқоту коркардкуниҳо афзоиш дод ва дар натиҷа шабакаҳои паркҳои илмӣ афзун гардида, самаранокии ҳамкориҳои иштирокдорон равандҳои сармоягузориҳо рушд намуд.[57]

Бояд қайд намоем, ки сиёсати ба содиротивазкунӣ равона гардида дар кишварҳои зуд тараққикунандаи Осиё натиҷаи дигар дод. Бар хилофи сиёсати пешгирифтаи Финландия ва ё Ҷопон кишвари Чин элементҳои ҳавасмандгардонии содироти соҳаҳои ҳам маъмул ва ҳам соҳаҳои бо технологиҳои пешрафта сарукор доштаро ба роҳ монда, сармоягузориҳои хориҷиро ба таври фаъол истифода намуд. Айни замон

---

[56] Бразилия: на пути выхода из социально-экономического кризиса // Бюллетень о текущих тенденциях мировой экономики. - Выпуск № 29, февраль 2018. URL: https://ac.gov.ru/files/publication/a/16109.pdf (санаи муроҷиат ба сомона: 14.09.2021)

[57] Dalman, K.J. Finland as a knowledge economy: elements of success and lessons learned / K.J. Dalman, J. Routty, P. Yulia-Antila // Перевод с английского. – М., 2009. – С. 65. (174 с.)

низ ин восита дар Чин ба ҳайси абзори калидӣ истифода мешавад. Аммо бояд тазаккур дод, ки ҳарчанд барои дигар кишварҳо ба рақобатпазирии соҳаҳои ҷудогона аҳамият додан муҳим набошад ҳам, Чин ин воситаро хуб истифода намуда, ба он такя карда, самараи онро гирифта тавонист.

Дарк намудани хусусиятҳои хоси сиёсати саноатӣ ба Чин имконият дод, ки таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя ба монанди Сингапуру Ҷопон ва Кореяи Ҷанубиро истифода карда, сармоягузориҳои корхонаҳои фаромилалиро ҷалб намояд. Баъдан ба рушд ёфтани корхонаҳои миллӣ дар кишвар тариқи иштироки якҷояи давлат дар ҷалб намудани сармояҳо мусоидат намуд. Айни замон воситаву таҷҳизотҳои сиёсати саноатии Чин бештар тавсифи амудӣ дошта, самти асосии ҷалби сармоягузориҳоро соҳаҳои бо технологияи баланд сарукор дошта ишғол намуда, ҳукумат ба соҳаҳое, ки ба ҳавасмандгардонӣ ва дастгирӣ эҳтиёҷ доранд ва муддати амалсозии лоиҳаҳояшон маҳдуд гардидаанд, мусоидат менамояд. Дар Чин аз рӯи таснифотҳои мавҷудияти бартариятҳои рақобатии соҳаҳо, ҷалби сармоягузориҳо, соҳаҳои ба сарфа намудани нерӯ ва ба муҳити зист аҳамиятдиҳанда дар доираи сиёсати саноатӣ афзалиятҳо дода мешавад.[58] Аммо бояд қайд намоем, ки дар баробари бартарият пайдо намудани ин ё он восита ва абзори сиёсати саноатӣ воситаҳои сиёсати дигарӣ низ истифода мешуданд.

Ҳамин тавр, тадриҷан ба ҷои сиёсати саноати маъмул сиёсати саноати навин зуҳур намуд ва пайваста мақоми аввалиро танг карда, дар асоси баланд бардоштани рақобатпазирии миллӣ ҷои онро ишғол намуд. Афзалиятҳоро бештар соҳаҳои саноатии технологияҳояшон баланде соҳиб гаштанд, ки бештар ба коркарди технологияҳои иттилоотӣ, алоқа, хизматрасониҳои миёнаравии молиявӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ машғул мешуданд. Бештар соҳаҳои мушаххас ва корхонаҳо дар доираи ҳалқаҳои байналмилалӣ бо принсипи ташкили ҳалқаҳои навтарини ҳам бо ашёҳои

---

[58] Байнев, В. Ф. Промышленная политика Китая как главный фактор его социально-экономического развития / В.Ф. Байнев, Ч. Бинь // Экономическая наука сегодня. – Минск, 2020. - № 12. - С. 100-114.

ибтидоӣ ва ҳам бо маҳсулоти ниҳоӣ сарукор дошта фаъолият менамуданд. Ҳамчунин кушишҳои азнавбарқарорсозии абзори сиёсати саноатии маъмул боиси пайдо гардидани самти дигар – яъне «назарияи навини сохтории иқтисодиёт» гардид, ки ҷонибдорони ин самт вобаста аз таҷрибаи чинӣ ичтиҳоди воситаву абзорҳои ҳам амудӣ ва ҳам уфуқиро зарур мешумориданд.[59] «Абзори сиёсати уфуқиро нисбат ба инфрасохтори соҳаҳо ва амудиро бошад нисбат ба соҳаҳое истифода намудан лозим аст, ки дар онҳо кишвар бартариятҳои рақобатӣ дорад. Гузашта аз ин аз сабаби он, ки инфрасохтори иқтисодиёт нисбат ба омилҳои мавҷудаи истеҳсолот эндогенӣ мебошад, пас кӯшиш намудан лозим аст, ки дар навбати аввал ҳамон соҳаҳое рушд кунанд, ки бархӯрд ба омилҳо мекунанд, на соҳаҳои мушаххас».[60]

Бояд тазаккур дод, ки барои созмон додани шароитҳои мусоиди рушди тиҷорат дастрас будани маблағгузориҳо нақши муҳим мебозад ва бештар вақт набудани маблағ барои корхонаҳои хурду миёна маҳдудиятҳоро ба миён меоварад. Дар доираи сиёсати саноатии навин дастгирии молиявӣ тавассути абзорҳои мухталиф, аз қабили амалисозии сармоягузориҳои мустақими давлатӣ ва тавассути рушд додани системаи бонкӣ ва дастгирӣ намудани сармоягузорони инфиродӣ ба роҳ монда мешавад. Дар татбиқи маблағгузориҳои лоиҳаҳои таваккалашон баланд ниҳодҳои давлатӣ таъсири бештар расонида метавонанд.

Ҳамин тариқ, бояд қайд намоем, ки тафовутҳои дар равишҳои нисбат ба абзорҳои сиёсати саноатии аз ҷониби кишварҳо истифодашаванда дар ҳар лаҳзаҳои вақтҳои гуногун бо сабабҳои иқтисодӣ, таърихан ба миён омада бошад ҳам, аз дигар тараф, ҳатто дар доираи як гурӯҳи кишварҳо мазмуни сиёсати саноатӣ метавонад ба кулли тафовут дошта бошад.

---

[59] Вереникин А.О., Волошин Д.И. Теория структурных изменений в экономике / А.О. Вереникин, Д.И. Волошин // Учебное пособие. – М.: «ТЕИС», 2009. – 258 с.

[60] Идрисов, Г.И. Промышленная политика России в современных условиях / Г.И. Идрисов // Научные труды. – М., 2016. – С. 41.

Дар ибтидо ва ё давраҳои тағйирёбиҳои сохтори саноати кишварҳои қитъаи Осиё ва баъзе кишварҳои рушдкунандаи Аврупо ба таҷаммуъи ҳаракатҳои соҳаҳои ба ашёи хом сарукор дошта тибқи афзалиятҳои рақобатиашон бештар аҳамият дода мешуд ва аз рӯи ноил гардидан ба мақсадҳои дар пеш гузошташуда, ки онҳоро давлат муайян мекард, рушди содиротии истеҳсолоти технологӣ мавриди дастгирӣ қарор мегирифт. Дар натиҷа тавассути тағйирёбиҳои сохтори саноат ба тағйир ёфтани сохтори содирот ноил гардиданд. «Ҳамзамон дар пешрафту тағйир ёфтани сохтори саноатии ин кишварҳо сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ нақши муҳим гузоштанд ва корхонаҳои азими пешсаф дар бозорҳои ҷаҳонӣ ҳалқаҳои истеҳсолии хешро ба кишварҳое, ки хароҷотҳои меҳнатиашон нисбатан камтаранд, интиқол доданд»[61]

Умуман чунин воситаҳо, ба монанди дастгирии молиявии мустақими корхонаҳо ё соҳаҳои афзалиятдор, ҳавасмандкуниҳои нархҳои мутобиқӣ, дастгирӣ дар намуди пешниҳод кардани инфрасохтори истеҳсолии молиявӣ, рушд додани инфрасохтори физикӣ, татбиқи шаклҳои гуногуни дастгирии корҳои тадқиқотӣ ва илмиву конструкторӣ ва истифодаи натиҷаи амалии онҳо дар истеҳсолоти саноатӣ ба тағйирёбиҳои сохтори саноати кишварҳои саноатии навин таъсири калон расониданд.

Ҳамин тавр, дар умум сиёсати саноатии кишварҳои Осиёро метавон чунин тавсиф намуд, ки дар онҳо абзори амудӣ бо истифодаи абзори уфуқӣ пурра гардонида мешуд ва чорабиниҳои самараноки рушди минтақаҳои махсуси озоди иқтисодию ҷалб намудани сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва ҳавасмандкунии содирот истифода мегардиданд. Аммо бояд ба назар гирем, ки аз рӯи иштироки корхонаҳои хориҷӣ дар сармоягузорӣ, аз рӯи технологияҳои

---

[61] Хофизов, Х.А. Основные подходы к обеспечению инвестиционной привлекательности региона в современных условиях / Х.А. Хофизов // Аудит и финансовый анализ. -М.: «ДСМ-ПРЕСС», 2017. - № 5-6. - С.341-346.

содиротшаванда, ҳолати менеҷменти миллӣ, фаъолнокии истифодабарии намудҳои гуногуни сиёсат ҷоришавии равишҳо ва воситаҳои сиёсати саноатии як кишвар аз кишвари дигар тавофут мекард. Ҳукуматҳои кишварҳо дараҷаи кушода будани иқтисодиёт ё саноат барои сармоягузорони хориҷиро аз нигоҳи жарфият ва томияти он ва аз нуқтаи назари ҷойгоҳи васеъ гардидани корхонаҳои хусусии дохилӣ ба тарзҳои гуногун баҳо медоданд.

Масалан, дар Кореяи Ҷанубӣ то даҳсолаи охирини асри XX қариб, ки таҷрибаи сёсати саноатии Ҷопон истифода мешуду баъдан ҷумҳурӣ имкониятҳои нисбатан бештари таъсир расонидан ба корхонаҳои хусусиро ба даст овард, ки ин тавсиф пурра фарққунанда буд[62]. Ҳарчанд, ки татбиқи чунин сиёсати саноатӣ рушди техникии кишварро аз сабаби сатҳи баланди мутамарказӣ каме боздошта бошад ҳам, аммо айни замон сиёсати саноатӣ нисбатан нармтар шуда, Кореяи Ҷанубӣ бартариятро ба истифодаи воситаву абзори ҳавасмандкунии коркарду таҳқиқотҳо дода аст.

Аммо кишварҳое низ дар ин минтақа (масалан, Сингапур ва Малайзия) буданд, ки пеш аз ҳама сиёсати нисбатан озодро (кушодро) мебурданд ва абзори сиёсати саноатии уфуқиро нисбатан бештар истифода мекарданд. Вале таҷрибаи истифодаи сиёсати навтарини саноатии Ҷопонро агар мавриди омӯзиш қарор диҳем, он гоҳ мебинем, ки истифодаи нисбатан шиддатноктари воситаҳову абзори уфуқӣ на аз сабаби кордор шудани бюрократия ба фаъолияти саноат тавсиф дода мешавад, балки сабабаш дар он аст, ки саноат ба сатҳи баланди техникӣ расид ва таъсири давлат вобаста ба соҳаи корҳои илми-тадқиқотӣ ва корҳои таҷрибавию конструкторӣ нокофӣ буд. Аз даҳаи дуюми асри нав оғоз намуда, Ҷопон ба рушди кластерҳои минтақавӣ диққати баланд медод, ки он ҳам сиёсати минтақавӣ ва ҳам воситаҳои рушди ҳамкориҳои тиҷорат бо марказҳои таҳқиқотиву донишгоҳҳоро дар худ муттаҳид

[62] Абдурасулова, Д. Промышленная политика Южной Кореи / Д. Абдурасулова // Экономист. – М., 2009. - №1. – С. 57-65.

сохта буд. Самтҳои асосии сиёсати саноативу техникӣ ва инноватсионӣ ин биотехнологияҳо, технологияҳои иттилоотӣ-комуникатсионӣ, нанотехнологияҳо, роботҳо, электроникаи рақамӣ, элементҳои сӯзишворӣ ва ҳифзи муҳити зист мебошанд.[63]

Аз оғози асри XXI сиёсати саноативу инноватсионӣ тағйир ёфт. Дар бештари кишварҳо абзори амудии сиёсати саноатӣ тамоман истифода намешавад ва сиёсати инноватсионӣ бошад ба соҳахои мушаххас нигаронида мешавад. Дар баробари афзоиш ёфтани сатҳи технологии корхонаҳо ва васеъ гардидани ҳудудҳои истеҳсолӣ, таваккалият низ афзун мегардад ва барои корхонаҳо зарурати пайдо кардани навъҳои навини фаъолият, технологияҳои нав ва бозорҳои нав ба миён меояд. Баъд аз ба вуҷуд омадани бухронҳои иқтисодии охирин бештари кишварҳо ба истифода намудани абзори амудӣ мароқ зоҳир намуда, соҳаҳои мутобиқи онро «афзалиятҳои навин» эълон намуданд, ки ин омили пайдо гардидани «сиёсати саноатии афзалиятҳои навин» буд. Дар ин давра аҳамияти воситаҳои сиёсати кластерӣ, воситаҳои ҳаракати сармоягузорӣ, мусоидат намудан ба «рушди иқтисодиёти сабз» ва тағйирёбии равишҳои хариди давлатӣ хело афзоиш ёфт[64].

Яке аз кишварҳои рушдкарда - ин ИМА мебошад, ки сиёсати саноатии он умуман абзори васеи воситаҳои сиёсати фискалӣ, монитарӣ, молиявӣ, тиҷоратӣ, сиёсати дастгирии рақобатпазирӣ, сиёсати мутобиқ кардани кормандон бо роҳҳои омӯзонидани онҳо, сиёсат дар соҳаи хариди давлатӣ ва соҳаи тиҷоратикунонии инноватсияҳо, сиёсати корхонаҳои хурд, сиёсат оид ба корҳои илмӣ-тадқиқотиро истифода мекунад ва бо ташкили муҳити созгору мусоиди шароитҳои макроиқтисодӣ ва доираи ниҳодӣ ва рушди тиҷорат аз сиёсати

[63] Kuznetsova N.V. The analysis of the industrial policy in Japan / N.V. Kuznetsova, N.A. Vorobeva // European researcher. Series A, 2016, Vol. 104, Is. 3, pp. 148-155.

[64] Романова, О.А. Приоритеты промышленной политики России в контексте вызовов четвертой промышленной революции. Ч. 2. / О.А. Романова // Экономика региона. – Екатеринбург, 2018. - № 3 (14). - С. 806-819

кишварҳои дар боло зикр шуда фарқ мекунад. ИМА сиёсати тиҷоратиро ҳамчун элементи муҳимми ба рушди саноат мусоидаткунанда медонад ва самти асосии сиёсати саноатӣ – сиёсати рақобатӣ ба ҳисоб меравад. ИМА воситаҳои сиёсати афзалиятҳои навинро истифода намуда, абзорҳои амудии пешниҳод намудани имтиёзҳои андозӣ, субсидияҳо, кафолати сармоягузориҳо, мусоидат намудан ба корхонаҳо барои аз буҳрон раҳоӣ ёфтан ва абзорҳои уфуқии ба соҳаҳои коркарди илмиву тадқиқотӣ равонагардида, чорабиниҳо оид ба рушди ниҳодҳо ва сода кардани равандҳои фаъолияти тоҷирону корхонаҳои хурду миёнаро низ истифода менамояд. Равиши интихобнамудаи ИМА аз равишҳои дигар кишварҳо бо он фарқ мекунад, ки дар навбати аввал некӯаҳволии истеъмолкунандагони ниҳоӣ меистад, ки вай новобаста аз дахолат кардан ва ё накардани давлат дар идора намудан ва дастгирӣ кардани рушди саноат бурд мекунад ё бохт. Ҳамин тариқ, сиёсати саноатии ИМА пештар тавсифи уфуқӣ дошта бошад ҳам, аммо бо сабабҳои таъсири омилҳои макроиқтисодӣ ва глобалӣ рӯ ба сиёсати афзалиятҳои навин овард.[65]

Ҳамин тавр, давраҳои эҳдои равишҳои сиёсати саноатӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки аз нигоҳи эволютсионӣ абзори онро ба умудӣ ва уфуқӣ ҷудо мекунанд ва аз лиҳози хусусиятҳои хоси рафтори ин ё он кишвар, дараҷаи рушди озод будан ва то чӣ андоза ниҳодӣ будани кишварҳо ва то чӣ андоза таъсир расонидани он ба рушди иқтисодӣ, тавсия додани амалӣ намудан ва гузаронидани он аз нигоҳи сиёсатмадорону иқтисодчиён мураккаб мебошад. Аммо абзору воситаҳо ва чорабиниҳо дар доираи сиёсати саноатӣ дар бисёр кишварҳо ҳамчун васоити сиёсати рақобатӣ инъикос карда мешаванд ва бештари онҳо дар айни замон дар бештари кишварҳо истифода ва татбиқ мешаванд ва аз ин лиҳоз сиёсати саноатии кишварҳои гуногунро бештар ҳамчун сиёсати уфуқӣ ва

[65] Rodina, V.V. Comparative analysis of industrial policy in Russia, the USA and Germany / V.V. Rodina // International trade and trade policy. – M., 2016. - № (2). – P. 95-106.

рақобатӣ, ки ба шумораи бештари иштирокчиёни фаъолияти иқтисодӣ равона карда шудаанд, тавсиф мекунанд.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ТАМОЮЛҲОИ РУШДИ СОҲАҲОИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Таҳлили ҳолати муосир ва тамоюли рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар сохтори ҳудудӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тарафи ҷанубу шарқии Осиёи Миёна ҷойгир шуда, ҳудуди он 142 550 км2 буда, он бо Ҷумҳуриҳои Ӯзбакистон (910 км), Қирғизистон (630 км), Афғонистон (1030 км) ва Ҷумҳурии Мардумии Чин (430 км) ҳамсарҳад мебошад. Мувофиқи маълумотҳои Кумитаи омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2021 аҳолии он 9818722 нафарро ташкил кардааст. Барои ба рушди инноватсионии системаи саноатӣ ноил гардидан Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки истифода намудани иқтидорҳои саноатии дохилии тамоми кишварро тариқи оқилона ва сарфакорона истифода намудани захираҳои мавҷудбуда шиддат диҳад. Ба д-ин минвол ва тибқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» дар соли 2030-ум ҳаҷми саноат дар сохтори ММД-и кишвар бояд то 21 % афзоиш ёбад.[66] Барои ноил гардидан ба чунин ҳадафҳои миллӣ баланд бардоштани самаранокии соҳаҳои коркард ва истихроҷи саноатӣ, рақобатпазир гардонидани истеҳсолоти ватанӣ бо истифодаи технологияҳои муосир хело муҳим мебошад.

Рушди иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сатҳи рушди системаи саноатии кишвар сахт алоқамандӣ дорад ва он саҳми соҳаҳоро дар таъмини баланд гардидани иқтисодиёти инноватсиониро ба таври объективона инъикос менамояд. Дар сохтори истеҳсолоти умумии кишвар, то аввали соли 2021, дар ҷумҳурӣ саҳми маҳсулоти саноатиро тавсифи 293 намуди маҳсулоти саноатии истеҳсолкардашуда инъикос менамояд, ки ба онҳо асосан истеҳсоли тилло, нуқра, сурб, алюминий, ангишт, металҳои қимматбаҳо, пахта, семент, хишт, асбест, шифер,

[66] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1 октябри соли 2016. - № 392. - Душанбе: «КОНТРАСТ», 2016. - С.16-20.

доруворӣ, масолеҳи гӯштӣ, масолеҳи хамирӣ ва ғ. дохил мешаванд. Дар маҷмуъ, тибқи маъмуломотҳои расмӣ ҳаҷми истеҳсоли масолеҳи саноатӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 то ба 9,7 % афзоиш ёфта аст (расми 2.1).




**Расми 2.1. Истеҳсоли умумии маҳсулот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.** [67]

Корхонаҳои бузурги саноатии кишвар иқтидори ииноватсионӣ ва азнавсозии техникиву технологиии хешро пурқувват намуда, ба шароитҳои бозори рушдкунанда муосидат намуда, асоси ташаккулёбии системаи саноати кишварро ташкил карда истодаанд. Бояд тазаккур дод, ки барои баҳогузорӣ намудани иқтидори системаи саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, то таҳлили қиёсии минтақавию сохтории соҳаҳои саноат гузаронида шавад ва он метавонад ангезаҳои бартариятдор ва сусти соҳаҳои муҳимми иқтисодиётро муайян намояд. Аз ҷумла ҷанбаҳои мавкеи ҷории соҳаи саноат ва тамоюлҳои рушди онро метавон арзёбӣ кард.

[67] Индустриальный Таджикистан: что сделано к 2021 году // Спутник Таджикистан. URL: https://tj.sputniknews.ru/20210309/industrializaciya-tajikistan-2021-sdelano-1032973496.html (санаи муроҷиат ба сомона: 27.10.2021)

Бояд қайд намоем, ки айни замон дар кишвар имкониятҳои таъминоти иттилотии равандҳои баҳогузорӣ намудани системаи саноат ва дар маҷмуъ тамоми иқтисодиёт, фароҳам оварда шудааст. Масалан дар «Системаи ҳисобҳои миллӣ» баҳисобгирии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ (МММ) ба роҳ монда шудаанд, ки ба муҳаққиқон имконият медиҳад, то вобаста ба онҳо таҳлилҳои қиёсии рушди иқтисодиёти кишвар ва соҳаҳои саноат амалӣ карда шаванд (ҷадвали 2.1).

**Ҷадвали 2.1. – Тағйирёбии сохтори истеҳсолии ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳиссаи МММ дар он**

| | 2010 | 2012 | 2014 | 2016 | 2018 | 2020 | 2021 | 2021 / 2010, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **I** | **24707,1** | **36163,1** | **45606,6** | **54790,3** | **71059,2** | **82543,3** | **98910,7** | **4,0 мар.** |
| II | 106,5 | 107,5 | 106,7 | 106,93 | 107,6 | 104,5 | 109,2 | + |
| III | 3285,8 | 4579,2 | 5523,7 | 6336,3 | 7870,2 | 8788,9 | 10086,7 | 3 мар |
| IV | 750,4 | 961,5 | 1119,3 | 808,7 | 860,0 | 851,5 | 891,9 | 118,9 |
| **V** | **22308,9** | **32784,7** | **40836,2** | **49921,1** | **61368,4** | **73870,5** | **91932,0** | 4,1 мар |
| VI | 90,3 | 90,7 | 89,5 | 91,6 | 89,1 | 89,5 | 92,9 | + |

**Эзоҳ: I -** ММД бо нархҳои амалии мутобиқи солҳо, млн. сомонӣ; II - Суръати афзоиши ММД бо ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта; III – ММД ба ҳар нафар аҳолӣ, сомонӣ; IV - бо доллари ИМА, **V -** Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ; VI - Ҳиссаи МММ дар ҳаҷми умумии ММД, бо фоиз

**Ҳисоби муаллиф аз рӯи:** Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 335.; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 212.

Дар солҳои охир суръати нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас вусъат меёбад. Чи хеле, ки аз маълумотҳои ҷадвали 2.1 бармеояд, дар давраи мавриди таҳлил ММД-и ҷумҳурӣ соли 2021 нисбат ба соли 2010 3,3 маротиба афзоиш ёфта, ҳамзамон дар он ҳиссаи МММ бо афзоиши 4,0 маротиба ба қайд гирифта шудааст. Суръати афзоиши он бошад, нисбат ба соли гузашта 4,7 % зиёд шуда, дар соли 2010 андозаи он ба ҳар сари аҳолӣ 3285,8 сомониро ташкил дода, соли 2021 бошад, 2,7 маротиба афзоиш ёфтааст. Бояд қайд намоем, ки ҳарчанд афзоиши ММД бо асъори хориҷӣ (доллари ИМА) дар давраи мавриди таҳлил афзоиш ёфта, 18,9 % - ро

ташкил дода бошад ҳам, аммо суръати афзоиши он дар соли 2021 нисбат ба солҳи 2020 афзоиш ёфта аст, ки ин ҳолат дар натиҷаи баланд гардидани қурби асъори хориҷӣ ба вуқӯъ омадааст. Ҳамчунин дар ин самт, дар соли 2010, ҳиссаи МММ дар ҳаҷми умумии Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 90,3 %-ро ташкили дода, соли 2020 бошад саҳми он дар ҳаҷми умумии ММД 0,8 % кам шуда, 89,5%-ро ташкил дода, соли 2021 он ба 92,9 % расида аст.

Аммо бояд тазаккур дод, ки ҳиссаи саноат дар ташаккули нишондиҳандаҳои асосии иқтисодиёти кишвар, ҳамчун соҳаи калидӣ бояд мавриди таҳқиқоти амиқ қарор гирид. Зеро ҳамчун соҳаи пешбарандаи иқтисодиёт баромад намуда, қисмати ҷудонашаванда ва таркибии он мебошад (ҷадвали 2.2).

**Ҷадвали 2.2. – Ҳиссаи ММС бо фоиз дар ҳаҷми ММД ва МММ- и Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо нархҳои мутобиқи солҳо, млн. сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2015 | 2016 | 2018 | 2020 | 2021 | 2021 / 2010, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД | 24707,1 | 50977,8 | 54790,3 | 71059,2 | 82543,3 | 98910,7 | 3,3 мар. |
| ММС | 11344 | 12196 | 15090 | 23894 | 30890 | 38839 | 2,7 мар |
| Ҳиссаи ММС дар ҳаҷми умумии ММД, % | 45,91 | 23,92 | 27,54 | 33,63 | 37,42 | 39,26 | + |
| МММ | 22308,9 | 43745,9 | 49921,1 | 61368,4 | 73870,5 | 91932,0 | 4,1 мар. |
| Ҳиссаи ММС дар ҳаҷми умумии МММ, % | 50,8 | 27,9 | 30,2 | 38,9 | 41,8 | 42,2 | + |

**Ҳисоби муаллиф аз рӯи:** Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 335, 394-405; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 212, 249-268. ; Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2029. – С. 8-15;

Аз маълумотҳои ҷадвали 2.2 бармеояд, ки саҳми маҷмуи маҳсулоти саноатӣ дар кишвар, дар ташаккулёбии нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ назаррас буда, ҳиссаи он дар соли 2021 дар ҳаҷми ММД 39,28 % ва дар ҳаҷми МММ 42,2 % - ро ташкил

медиҳад. Аммо тамоюли рушди ин нишондиҳанда ва ҳиссаи он дар соли 2021 нисбат ба соли 2010 дар ҳаҷми ММД 6,65 % ва дар ҳаҷми МММ 8,6 % кам бошад ҳам, аммо аз соли 2015 инҷониб рӯ ба афзоиш дошта, нисбат ба ин давра дар соли 2021 ба 14,1 % зиёд шуда аст. Ин ишора ба он мекунад, ки истеҳсолоти минтақаҳои ҷудогонаи кишвар паст гардида, захираҳои мавҷудбуда ба таври назаррас ва самаранок истифода нагардидаанд. Ҳамзамон далолат ба он мекунад, ки механизмҳои иқтисодии мавҷудаи ҳавасмандагрдонӣ ва дастгирикунандаи рушди соҳаҳои саноати тамоми минтақаҳои кишвар бояд таҷдид карда шаванд ва ислоҳоти идоракунии давлатӣ дар асоси амалисозии татбиқи навовариҳо дар идоракунӣ, дар маъмурият, дар менеҷмент гузаронида шавад, то ки таносубҳои байни марказ ва минтақаҳо ба таври беҳтарин ба роҳ монда шаванд. Дар ин замина бояд дар назар дошт, ки нақши мустақилияти корхонаҳои бузург ва минатақавӣ дар худи маконҳои фаъолият ва мустақилона ба роҳ мондани фаъолиятҳои дохиливу берунии ташкилотҳо дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ муҳим мебошад.

Дар давраи рушди муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим ин таъминоти рушди системаи саноатии кишвар мебошад ва аз ин лиҳоз сиёсати саноатӣ дар сиёсати иқтисодии кишвар мақоми асосиро касб намуда аст. Чуноне, ки дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» вобаста ба тадбирҳои рушди иқтисодӣ ва сенарияи индустриалии рушд зикр мегардад «Дар чунин сатҳ... ҳиссаи саноат дар сохтори ММД то охири давраи пешбинишаванда 1,8 маротиба афзоиш меёбад (дар давраи солҳои ... 2021-2025 то 16 фоиз ва солҳои 2026-2030 то 20-20,5 фоиз)... Тибқи сенарияи мазкур ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ нисбат ба соли 2015 5,1 маротиба, аз ҷумла саноати истихроҷи маъдан 6,4 маротиба, саноати

коркард 5,5 маротиба ва истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об 2,2 маротиба афзоиш меёбад»[68].

Дар ин замина соли 2018 «Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 16 майи соли 2018), «Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ва як қатор барномаҳои муҳлатҳои муайян қабул карда шудаанд.[69] Ҳамчунин 6-уми январи соли 2022 тибқи фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармон дар бораи «Солҳои рушди саноат» эълон намудани солҳои 2022-2026 тасдиқ гардида аст, ки ба рушди соҳаи саноат такони ҷиддӣ ворид месозад.

Чи хеле ки қайд намудем, яке аз нишондиҳандаи муассир ба рушди иқтисодӣ ин ММС мебошад, ки қисми маҳсулоти ҷамъиятӣ буда, натиҷаи умумии фаъолияти истеҳсолоти саноатии тамоми корхонаҳои саноатиро дар давраи муайяни вақт бо ченаки пулӣ ифода мекунад (ҷадвали 2.3).

**Ҷадвали 2.3. Динамикаи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он** (*бо нархҳои дахлдори солҳо, млн. сомонӣ*)

| Солҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2020 | 2021 | 2021 / 2015, мар. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | 12196 | 15090 | 20029 | 23894 | 30890 | 38829 | 3,1 |
| Ҳисса дар ҳаҷми умумӣ, % | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | |
| **ВМКБ** | 111,8 | 128,8 | 193,4 | 238,3 | 228,8 | 315,5 | 2,04 |
| Ҳисса дар ҳаҷми умумӣ, % | 0,9 | 0,9 | 1,0 | 1,0 | 0,7 | 0,8 | |
| **Вилояти Суғд** | 4894,2 | 7078,5 | 10066,4 | 11498,4 | 15573,2 | 21064,8 | 3,1 |
| Ҳисса дар ҳаҷми умумӣ, % | 40,1 | 46,9 | 50,3 | 48,1 | 50,4 | 54,3 | |
| **Вилояти Хатлон** | 4621,2 | 5047,7 | 6753,1 | 7294 | 8998,3 | 10333 | 1,9 |
| Ҳисса дар ҳаҷми умумӣ, % | 37,9 | 33,5 | 33,7 | 30,5 | 29,1 | 26,6 | |

---

[68] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1 октябри соли 2016. - №392. - Душанбе: «КОНТРАСТ», 2016. - С.19-20.

[69] Ниг. масалан ба: Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04 соли 2011, № 227; Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2015, № 354; Консепсияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.12.2003с., №523); Барномаи рушди саноати сабук дар ҶТ барои солҳои 2006-2015 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 31.10.2005с., № 422); Барномаи татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ дар истеҳсолоти саноатии ҶТ барои солҳои 2010-2015 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.10.2009, № 574)

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **ш. Душанбе** | 1350,7 | 1461,8 | 1659 | 2664,9 | 2800,6 | 3339,4 | 2,07 |
| Ҳисса дар ҳаҷми умумӣ, % | 11,1 | 9,7 | 8,3 | 11,2 | 9,1 | 8,6 | |
| **НТҶ** | 1218,1 | 1373,2 | 1357,1 | 2198,5 | 3289,4 | 3776,3 | 2,7 |
| Ҳисса дар ҳаҷми умумӣ, % | 10,0 | 9,1 | 6,8 | 9,2 | 10,6 | 9,7 | |

**Ҳисоби муаллиф аз рӯи:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С.9.

Маълумотҳои ҷадвали 2.3 шаҳодат аз он медиҳанд, ки тамоюли рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиши назаррас дошта, дар маҷмуъ нишондиҳандаи он дар соли 2020 нисбат ба соли 2015 ба 2,5 маротиба афзоиш ёфта, дар соли 2021 бошад афзоиши он 3,1 маротибаро ташкил медиҳад. Боиси зикр аст, ки аз ин ҳисса, дар солҳои 2015-2021, дар бурриши минтақаҳои ҷумҳурӣ тамоюли рушди саноат аз ҳама бештар дар вилояти Суғд (4,3 маротиба афзоиш) ба қайд гирифта шуда, ҳиссаи НТҶ бошад бо тамоюли рушди 3,1 маротиба мақоми дуюмро касб намудааст. Тамоюли рушди ММС дар ш. Душанбе ва ВМКБ зиёда аз ду маротиба афзоиш ёфта, вилояти Хатлон бошад тамоюли афзоиши аз ду маротиба зиёд (2,2 маротиба) дорад.

Воқеияти аслии мавқеи ҷойгиршавии соҳаҳои саноат дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин аст, ки аз лиҳози географӣ соҳаҳои мазкур нобаробар ҷойгир шудаанд. Аз ҷумла то давраҳои гузаронидани ислоҳоти навини соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ саноати электроэнергетикӣ бештар дар минтақаҳои НТҶ ва шаҳри Душанбе ҷойгир шуда, қисмати дигари он дар вилояти Хатлон ва вилояти Суғд, ҳамчунин қисмати камтарини он дар ВМКБ ҷойгир шуда буданд. Баъдан дар давраҳои гузариши иқтисодӣ дар ҷойгиршавии ҳудудии кишвар тағйиротҳо ба вуҷуд омаданд ва дар натиҷаи ба вилояти Хатлон дохил гардидани ш. Норак дар ҷойгиргашвии соҳавии саноат тағйирот ба вуқуъ омад. Бояд қайд намоем, ки дар ҷумҳурӣ то соли 2016 махсусан дар ш. Душанбе аз сабаби мавҷуд набудани гази табиӣ ва маводҳои сӯхт истеҳсоли элелектроэнергия ва гармидиҳӣ қатъ гардида буд[70].

[70] Муртазоев, О.К. Совершенствование организационно-экономического механизма развития региональной инновационной промышленной системы (на материалах Центрального региона Республики Таджикистан) / О.К. Муртазоев // Дисс. на соис. уч. степени канд. экон. наук. 08.00.05. – Душанбе, 2018. – С.73.

Аммо новобаста аз ин дар давраи муосир истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли рушд дорад ва дар ин замина баъд аз солҳои 2015-2016 истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ дарҷ ҷумҳурӣ афзоиш ёфта аст (ҷадвали 2.4).

**Ҷадвали 2.4. Динамикаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,** ***бо нархҳои дахлдори солҳо, млн. сомонӣ***

| Солҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2020 | 2021 | 2021/2015, маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ, (тамоми саноат):** | **12196** | **15090** | **20029** | **23894** | **30890** | **38829** | 3,1 |
| **Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ** | **2549** | **2718** | **3729** | **5688** | **7527** | **8107** | 4,9 |
| **Саноати истихроҷи маъдан** | **1641** | **3004** | **4524** | **4686** | **4309** | **8409** | 41,4 |
| аз он ҷумла: Истихроҷи маводҳои энергетикӣ | 203 | 222 | 298 | 331 | 429 | 485 | 3,3 |
| Истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ | 1438 | 2782 | 4226 | 4355 | 3880 | 7924 | 9,9 |
| **Саноати коркард** | **8006** | **9368** | **11776** | **13520** | **19054** | **22313** | 6,4 |
| аз он ҷумла: Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку | 3482 | 3690 | 4304 | 4900 | 7089 | 7608 | 5,8 |
| Истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ | 1292 | 1520 | 2354 | 2479 | 2870 | 4096 | 9,9 |
| Истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол | 41 | 49 | 57 | 63 | 91 | 120 | 1,5 |
| Коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб | 77 | 103 | 119 | 138 | 142 | 125 | 8,7 |
| Истеҳсоли селулозаю коғаз, фаъолияти табъу нашр | 143 | 115 | 142 | 241 | 182 | 210 | 40,3 |
| Истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ | 52 | 62 | 79 | 105 | 87 | 123 | 1,4 |
| Истеҳсоли кимиёвӣ | 86 | 95 | 107 | 147 | 182 | 268 | 43,9 |
| Истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ | 61 | 85 | 157 | 200 | 291 | 390 | 3,2 |
| Истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ | 1201 | 1655 | 2091 | 2298 | 2713 | 2856 | 1,9 |
| Истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филиззӣ | 1450 | 1850 | 2187 | 2708 | 4978 | 5967 | 64,6 |
| Мошинсозӣ | 93 | 114 | 142 | 203 | 291 | 392 | 14 |
| Ҳаргуна соҳаҳои саноат | 28 | 30 | 37 | 38 | 138 | 158 | 6,2 |

**Ҳисоби муаллиф аз рӯи:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С.15-16.

Аз маълумотҳои ҷадвали 2.4 аён мегардад, ки тамоюли афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар соҳаи истихроҷи маъдан дар давраи солҳои 2015-2021 дар маҷмуъ 3,1 маротиба рушд карда, дар ин доира истихроҷи маводҳои энергетикӣ 3,3 маротиба, истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ бошад 9 маротиба афзоиш ёфтаанд. Аммо бояд

тазаккур дод, ки нишондиҳандаҳои маводҳои энергетикии соли 2021 нисбат ба соли 2020 56 нишондиҳанда афзоиш ёфта, истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ бошад, нисбат ба соли 2020 ду маротиба зиёд шудаанд. Дар саноати коркард нишондиҳандаҳои солҳои 2015-2021 тамоюли афзуншавӣ дошта, дар ин давра истеҳсоли маҳсулотҳои хӯрока, нассоҷӣ, чарм, истеҳсолоти кимиёвӣ аз 2 маротиба зиёд афзоиш ёфта, истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ аз 3 маротиба зиёдтар рушд кардаанд. Маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ, истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ ва мошинсозӣ бошанд афзоиши хело калон доранд. Аммо дар мавриди истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ бояд қайд намоем, ки дар давраи солҳои 2015-2020 тамоюли рушди он 4,7 маротиба афзун гардида, нисбат ба соли 2019 бошад 9,8 % зиёд мебошад ва нисбат ба коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб (1,8 маротиба) 2,9 маротиба зиёд мебошад. Сабабаш пеш аз ҳама, ба кор даровардани корхонаҳои коркарди пластмасса дар вилояти Суғд ва ш. Душанбе дар се соли охир алоқаманд мебошад. Дар соли 2021 тамоюли афзоиши мошинсозӣ 14 маротибаро ташкил дода, нисбат ба соли 2020 бошад101 воҳид афзуда аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ, соҳаи саноат аз истихроҷ, коркард ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об иборат мебошад. Соҳаи истихроҷ бо истихроҷи ашёи хоми маъданӣ, ангишт, маводҳои энергетикӣ ва ғайриэнергетикӣ алоқаманд буда, соҳаи коркард бошад фарогири бахшҳои коркардкунанда ва истеҳсолкунандаи маҳсулоти нав мебошад (ҷадвали 2.5).

Дар сохтори соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷадвали 2.5) аз давраҳои солҳои 2015 то 2021 тағйиротҳои назаррас ба қайд гирифта шудаанд, ки дар ин ҷо метавон аз афзоиши нисбии онҳо сухан ронд. Аммо дар ин раванд тамоюли тағйирёбии саноати истихроҷи маъдан аз 13,5 % давраи соли 2015 фақат 0,5 % тағйир ёфтааст. Саноати коркард бошад дар соли 2020 аз 61,7 % расида аст ва боз ҳам дар ин радиф пешсафиро истеҳсолу тақсими нерӯи барқ ва гармидиҳӣ касб намуда аст,

ки аз нишондиҳандаи 20,9 %-и соли 2015 ба 24,4 % дар соли 2020 ноил гардида аст. Дар соли 2021 саноати коркард нишондиҳандааш нисбат ба соли 2020 4,2 нишондиҳанда кам гардида, камшавии он нисбат ба соли 2015 ба 8,1 баробар шуда аст

**Ҷадвали 2.5. Динамикаи сохтори соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар давраи солҳои 2015-2021, %**

| Солҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2020 | 2021 | 2021 / 2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Тамоми саноат** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100,0** |
| **Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гарми** | **20,9** | **18** | **18,8** | **23,8** | **24,4** | **20,9** | **116,7** |
| **Саноати истихроҷи маъдан** | **13,5** | **19,9** | **22,6** | **19,6** | **13,9** | **21,6** | **160** |
| Истихроҷи маводҳои энергетикӣ | 1,7 | 1,5 | 1,5 | 1,4 | 1,4 | 1,2 | 82,4 |
| Истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ | 11,8 | 18,4 | 21,1 | 18,2 | 12,5 | 20,4 | 172,8 |
| **Саноати коркард** | **65,6** | **62,1** | **58,6** | **56,6** | **61,7** | **57,5** | **87,65** |
| истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку | 28,5 | 24,4 | 21,4 | 20,5 | 22,9 | 19,6 | 76,2 |
| истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ | 10,6 | 10,1 | 11,8 | 10,4 | 9,3 | 10,5 | 99,0 |
| истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 100,0 |
| коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб | 0,6 | 0,7 | 0,6 | 0,6 | 0,5 | 0,3 | 50,0 |
| истеҳсоли селулозаю коғаз, фаъолияти табъу нашр | 1,2 | 0,8 | 0,7 | 1 | 0,6 | 0,6 | 50,0 |
| истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,3 | 0,3 | 75,0 |
| истеҳсоли кимиёвӣ | 0,7 | 0,6 | 0,5 | 0,6 | 0,6 | 0,7 | 100,0 |
| истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ | 0,5 | 0,6 | 0,8 | 0,8 | 1,0 | 1,0 | 2 мар. |
| истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ | 9,8 | 11 | 10,4 | 9,6 | 8,8 | 7,4 | 75,5 |
| истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ | 11,9 | 12,3 | 10,9 | 11,3 | 16,1 | 15,4 | 129,4 |
| мошинсозӣ | 0,8 | 0,8 | 0,7 | 0,9 | 0,9 | 1,0 | 125 |
| ҳаргуна соҳаҳои саноат | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,4 | 0,4 | 200,0 |

**Таҳияи муаллиф аз рӯи:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С.16.

Шумораи корхонаҳои саноатии кишвар то ба ҳол ба миқдори ибтидои соли соҳибистиқлолии кишвар, яъне соли 1991, ки шумораи корхонаҳои саноатӣ дар миқёси ҷумҳурӣ 2308 воҳидро ташкил медоданд, то соли 2020 нарасида, соли 2021 ба 2397 – то расида аст. Тамоюли

рушди солҳои 2012-2021 афзоиши равандҳои ташаккулёбии шумораи корхонаҳои саноатиро нишон медиҳад (ҷадвали 2.6).

**Ҷадвали 2.6. Шумораи корхонаҳои саноатӣ аз рӯи соҳаҳои саноат, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**, *адад*

| Давраҳо | 2012 | 2014 | 2015 | 2017 | 2020 | 2021 | 2020/2012, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Тамоми саноат** | 1586 | 2164 | 2310 | 1999 | 2283 | 2397 | 151,1 |
| **аз он ҷумла: Саноати истихроҷи маъдан** | 109 | 154 | 214 | 229 | 264 | 291 | 2,6 маротиба |
| **Нисбат ба хамагӣ, %** | 6,9 | 7,1 | 9,3 | 11,5 | 11,6 | 12,1 | - |
| **Саноати коркард** | 1448 | 1980 | 2071 | 1732 | 1846 | 1927 | 133,1 |
| **Нисбат ба хамагӣ, %** | 91,3 | 91,5 | 89,7 | 86,6 | 80,9 | 80,4 | - |
| **Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ** | 29 | 28 | 30 | 38 | 173 | 179 | 6,2 маротиба |
| **Нисбат ба хамагӣ, %** | 1,8 | 1,3 | 1,3 | 1,9 | 7,6 | 7,5 | - |

**Таҳияи муаллиф аз рӯи:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С.24-25.

Чӣ хеле ки аз ҷадвали 2.6 мебинем дар давраи солҳои 2012-2021 шумораи корхонаҳои саноатӣ дар маҷмуъ 51,1 % афзоиш ёфта, аз ин ҳисса корхонаҳои саноати истихроҷ 2,6 маротиба зиёд гардидаанд, ки онҳо 12,1 ҳиссаи тамоми корхонаҳоро ташкил медиҳанд. Дар мавриди тамоюли рушди корхонаҳои саноати коркард маълум шуд, ки шумораи онҳо дар соли 2021 нисбат ба соли 2012 ба 1927 адад расида 33,1 % афзоиш ёфтаанд ва дар ин давра ҳиссаи онҳо нисбат ба ҳиссаи умумии корхонаҳои кишвар 80,4 %-ро ташкил дода аст. Боиси қайд аст, ки дар давраи таҳлилӣ ҳиссаи афзоиши корхонаҳои ба истеҳсол ва тақсими нерӯ ва гармӣ машғул буда 5,9 маротибаро ташкил дода, дар соли 2021 нисбат ба ҳиссаи умумӣ 7,5 % -ро ташкил кардаанд.

Дар маҷмуъ, тибқи маълумотҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон то аввали соли 2021 дар кишвар 83 корхонаи саноатӣ бо 1,1 ҳаз. ҷойи корӣ созмон дода шуда, 34-тои он дар вилояти Суғд, 21 корхона дар вилояти Хатлон, 13 корхона дар НТҶ, 13 корхона дар ш. Душанбе ва 2 корхона дар ВМКБ ба фаъолият оғоз намуданд, ки 29-тои онҳо дар саноати хӯрока, 17-тоашон

дар саноати сабук, 17-тои дигарашон дар соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва 13 корхона дар соҳаи мошинсозӣ фаъолият мекунанд.[71]

Бояд тазаккур дод, ки танҳо дар моҳҳои январ- сентябри соли 2021 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 229 корхона ва сехҳои нав ба кор даровардa шуданд, ки дар маҷмуъ ин корхонаҳо зиёда аз 363 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд. Тибқи маълумотҳои оморӣ ва иттилооти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2021 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миёни кишварҳои ИДМ аз рӯи афзоиши саноат мақоми аввалро касб намуда, ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар ин сол нисбат ба соли 2020 20% афзоиш ёфта, 3,4 млрд. долл. ИМА-ро ташкил кардааст.

Чуноне ки аз маълумотҳои пешниҳоднамудаи ин ниҳоди бонуфузи кишвар бармеояд, «... дар соли 2021, дар ҷумҳурӣ ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ қариб 23 % зиёд гардида аст, ки ин нишондиҳандаи баланд дар байни кишварҳои ИДМ мебошад. Тибқи маълумотҳои омории кумитаи омори кишварҳои ИДМ дар ин давра нишондиҳандаҳои Федератсияи Россия - 5%, Ӯзбекистон – 9,5 %, Қазоқистон – 3 % ва Қирғизистон 0,2% - ро ташкил додаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба натиҷаҳои назаррас дар соҳаи канданиҳои маъданӣ ноил гардида, дар ин бахш ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот 32 % афзоиш ёфта аст. Сатҳи энергияи барқ ва истеҳсоли хӯрока 20 % зиёд шудааст. Дар соли 2021 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷи кишвар 270 ҳаз. тонна маъдани тозакардашуда, 1,2 млн. ташкил семент ва зиёда аз 100 ҳаз. тонна пахта содирот намуда аст. Нисбат ба соли 2020 ҳаҷми саноати кӯҳи 60 % афзоиш ёфта, корхонаҳо маҳсулотҳоеро истеҳсол намудаанд, ки қариб 1 млрд. долл. ИМА арзиш доранд ва ин бошад нисбат ба соли гузашта 400 млн. долл. ИМА зиёд мебошад... Дар ин самт пешсафиро корхонаҳои «Зарафшон» (64%), «Пакрӯд» (13 %) ва «ТВЕА Душанбе саноати кухӣ» (10%) ишғол

[71] Спутник Таджикистана. Портали иттилоотӣ. [Захираи электронӣ]. Суроғаи электронӣ: https://tj.sputniknews.ru/20200811/tajikistan-kolichestvo-promyshlennykh-predpriyatiy-1031715948.html (санаи муроҷиат ба сомона: 25.02.2022)

намудаанд. Дар фаъолияти саноати сабук ва пиллапарварӣ низ натиҷаҳои хуб ба назар мерасанд. Истеҳсоли масолеҳи ин бахш 32 % афзоиш ёфтааст, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрока бошад, 11 % зиёд шудааст»[72].

Ҳамин тавр маълум мегардад, ки тамоюли рушди корхонаҳои саноатии кишвар аз лиҳози истеҳсоли маҳсулот ва таъмини маҳсулоти содиротӣ рушд карда истода, дар давраи таҳлилӣ бахши саноати кишвар ба нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардида аст. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин тамоюл дар ҳолати муосир дар байни кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла кишварҳои рушдкарда ва рӯ ба рушд ба қадри кофӣ назаррас нест. (ҷадвали 2.7).

**Ҷадвали 2.7. Ҳиссаи ҳаҷми саноат дар ташкили ММД-и кишварҳо дар соли 2021**

| № | Кишвар | Хаҷми саноат дар ташкили ММД, % | № | Кишвар | Хаҷми саноат дар ташкили ММД, % |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ангола | 61,4 | 29. | Украина | 28,6 |
| 2. | Кувайт | 58,7 | 30. | Австрия | 28,4 |
| 3. | Озарбойҷон | 53,5 | 31. | Арманистон | 28,2 |
| 4. | Қатар | 50,3 | 32. | Канада | 28,2 |
| 5. | Амор. Араб | 49,8 | 33. | Финляндия | 28,2 |
| 6. | Кор. Шимолӣ | 47,6 | 34. | Аргентина | 28,1 |
| 7. | Туркманистон | 44,9 | 35. | Булғория | 28,0 |
| 8. | Араб. Саудӣ | 44,2 | 36. | Исроил | 26,5 |
| 9. | Индонезия | 41,0 | 37. | Швейтсария | 25,6 |
| 10. | Белоруссия | 40,8 | 38. | **Тоҷикистон** | 25,5 |
| 11. | Хитой | 40,5 | 39. | Австралия | 25,3 |
| 12. | Полша | 40,2 | 40. | Италия | 23,9 |
| 13. | Кор.Ҷанубӣ | 39,3 | 41. | Гватемала | 23,4 |
| 14. | Чехия | 36,9 | 42. | Испания | 23,2 |
| 15. | Эрон | 35,3 | 43. | Ҳиндустон | 23,0 |
| 16. | Миср | 34,3 | 44. | Дания | 22,9 |
| 17. | Қазоқистон | 34,1 | 45. | Латвия | 22,4 |
| 18. | Узбекистон | 33,7 | 46. | Белгия | 22,1 |
| 19. | Андорра | 33,6 | 47. | Португалия | 22,1 |
| 20. | Швеция | 33,0 | 48. | Зеланд. Нав | 21,5 |
| 21. | Россия | 32,4 | 49. | Бразилия | 20,7 |
| 22. | Венгрия | 31,3 | 50. | Инглистон | 20,2 |
| 23. | Қирғизистон | 31,2 | 51. | Франция | 19,5 |
| 24. | Олмон | 30,7 | 52. | Покистон | 19,1 |
| 25. | Филиппин | 30,6 | 53. | ИМА | 19,1 |
| 26. | Япония | 30,1 | 54. | Нидерланд | 17,9 |
| 27. | Бангладеш | 29,3 | 55. | Юнон | 16,9 |

[72] Первый в СНГ: Таджикистан добился прорывных успехов в промышленности. URL: https://tj.sputniknews.ru/20220202/tajikistan-promyshlennost-itogi-2022-1045418203.html (санаи муроҷиат ба сомона: 26.02.2022)

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **28.** | Эстония | 29,2 | **56.** | Гренландия | 10,1 |

**Сарчашма:** ВВП по секторам экономики. Процент вклада промышленности в общий объём ВВП по странам мира. https://www.yestravel.ru/world/economy/gdp_composition_by_sector/ (санаи муроҷиат ба сомона: 21.02.2022)

Чи хеле ки аз маълумотҳои ҷадвали 2.7 бармеояд дар миёни кишварҳои рушдкарда ва рӯ ба рушд ҳиссаи бештари маҷмуи маҳсулоти саноатӣ дар ташкили ММД аз ҳама бештар дар кишварҳои Ангола-61,4 %, Кувайт-58,7 %, Озарбойҷон-53,5 %, Қатар-50,3 %, Амороти Араб-49,8 %, Кореяи Шимолӣ-47,6 %, Туркманистон-44,9 %, Арабистони Саудӣ-44,2 %, Индонезия-41,0 %, Белоруссия-40,8 % ба қайд гирифта шудаанд. Дар байни кишварҳои пасошӯравӣ аз рӯи ин нишондиҳанда, яъне ҳиссаи саноат дар ташаккули ММД вазъияти зерин ба назар мерасад: Озарбойҷон (53,5%) ва Беларус (40,8 %), Туркманистон (44,9) Қазоқистон (34,1 %), Узбекистон (33,7 %), Украина (28,6), Арманистон (28,2) ва Тоҷикистон (25,5 %).

Чи хеле ки дар боло қайд кардем, вазъи муосири тамоюли рушди саноат ба ҳадафҳои стратегии кишвар кам мусоидат мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки бо дарназардошти аҳаммияти соҳаҳои саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва алоқамандии зич доштани он дар таъсиси ҷойҳои корӣ, соли 2018 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод гардид, ки саноатикунонии босуръати кишвар «ҳадафи чоруми стратегӣ» эълон гардида, дар ин замина то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар ММД ба 22 % расонида шавад. Бинобар ин барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ ва расидан ба мақсадҳои дар барномаҳои давлативу соҳавӣ дарҷ гардида ва дар маҷмуъ бо назардошти таъсири соҳаҳои саноати кишвар ба рушди устувори иқтисодиёти миллӣ зарур аст, ки мушкилоти ба миён омадаро аз байн бурда, рақобатпазир гардида, босамара рушд намуда, дар пояи татбиқи дурусти технологияҳои муосири инноватсионӣ бо муҳити технологии ҷаҳонӣ ҳамгиро гарданд. Чи хеле ки таҳлил муайян намуд, бо

вуҷуди камбудиҳо саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди самаранок иқтидор дорад.

Ҳамин тавр, бояд дар назар дошт, ки барои ноил гардидан ба рушди инноватсионӣ ва соҳавии корхонаҳои муосири саноатӣ ва дар маҷмуъ бахши саноатии кишвар, омода сохтани мутахассисони баландихтисоси соҳибкасб тақозо карда мешавад. Зеро барои бо маҳорати касбӣ идора намудани равандҳои кориву истеҳсолӣ, бурдани назорати фондҳо, идораи дурусти корҳои муҳандисӣ ва техникӣ, ба кор даровардан ва самаранок истифода намудани дастгоҳҳо, пултҳои идоракунӣ мутахассисони баландихтисос ва босалоҳият зарур мебошанд.

Ҳамин тавр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои воқеии рушди инноватсионии соҳаи саноат мавҷуд аст, ки алоқамандии онро метавон бо мавҷудияти соҳаҳои технологияҳои пешрафта таҷассум намуд. Илова бар ин иқтидори мавҷудаи санотии кишвар, ки дорои шароитҳои созмон додани корхонаҳои муштарак бо дарназардошти ҷалби сармояҳои хориҷиву ватанӣ мебошад, алоқамандии зичи рушди инноватсиониашро метавонад бо ҳамкориҳои судманди марказҳои бонуфузи илмии кишвар ба роҳ монда, аз иқтидори илмии ниҳодҳои ватанӣ истифода намояд. Бояд дар назар дошт, ки ҳам равишҳои соҳавӣ ва ҳам равишҳои фаъолиятиву амалиётӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, бояд бештар ба рушди бахши коркарди саноат дар дохили кишвар равона гардида, самтҳои афзалиятноки рушди соҳаро тариқи иваз кардани маҳсулотҳои воридотӣ бо истеҳсолоти дохилӣ, созмон додани фондҳои рушди соҳаҳои саноат ва ба роҳ мондони ҳамкориҳои зич бо он ҳавасманд гардонидани таҳқиқотҳои илмии ба саноат вобаста инкишоф диҳад. Ҳамчунин татбиқи равишҳои ҳавасмандгардонии корхонаҳои тадриҷан маҳсулоти ватаниро афзоиш диҳанда, муҷаҳҳазсозии истеҳсолот бо техникаву технологияи муосири инноватсионӣ, ташаккул ва рушд додани инфрасохтори фаъолияти соҳаҳои саноатро мададкунанда, ҳавасмандгардонии ташаккулдиҳии паркҳо ва кластерҳои

саноатӣ дар баробари таъмин намудани соҳаи саноат бо сатҳи баланди касбияти кормандон метавонад равишҳои ба рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар натиҷа ба рушди иқтисодиёти миллӣ таъсирра сонро ба вуҷуд оварад. Албатта, равишҳо ва омилҳои зикр гардида як қисмати равандҳои ба рушди соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандидошта буда, маънои онро дорад, ки татбиқи равишҳои дигаррро низ мавриди тадқиқоти ҷиддӣ гирифтан лозим мебошад то унсурҳои аз лиҳози таҷриба ва самаранокӣ санҷидаю фоидаовар аз миёни онҳо ҷудо карда гирифта шаванд.

## 2.2. Заминаҳои асосии ташкили системаи инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи калидӣ ба ҳисоб рафта, саҳми он дар даромади миллӣ хело назаррас мебошад. Муҷтамаъҳои саноати ҷумҳурӣ ба таври маҷмуӣ рушд карда истода, яке аз бахшҳои серсоҳаи иқтисодиёти миллӣ ба шумор мераванд. Дар соли 2021 дар бахши саноати кишвар 2283 корхонаҳои саноатии муштараку ҷамъиятӣ фаъолият карданд, ки зиёда аз 95 самтҳои гуногуни ин соҳаро ба истеҳсолот фарогирӣ намудаанд. Саноати кишвар дар даврони дар ҳайъати ИҶШС будани ҷумҳурӣ ташаккул ёфта буд. Солҳои 1991-1992 дар ҷумҳурӣ 2308 корхона, аз ҷумла 425 адад корхонаҳои калон, 207 корхонаи соҳаи саноати вазнин 119 корхонаи соҳаи саноати сабук фаъолият мекард. Лозим ба таъкид аст, ки теъдоди корхонаҳо солҳои 1991-1992 назар ба шумораи онҳо дар соли 2021 бештар буд. Аммо баъди ҷанги шаҳрвандӣ ва дар натиҷаи кам гардидани маҳсулоти воридотӣ бештари корхонаҳои саноатии кишвар барҳам хӯрда, баъзеяшон аз кор монданд.

Дар заминаи баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, ки яке аз унсурҳояш рушд ёфтани соҳаи саноат мебошад, ҳукумату роҳбарияти кишвар пайваста кӯшиш менамоянд, ки санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва барномаҳову консепсияҳои соҳавиро мукаммал гардонанд ва

дар алоқа ба ин месазад қайд намоем, ки дар раванди афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор пешравиҳо ноил гардида аст. Чунончи Асосгузори суҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар «Паёми соли 2022» қайд намуданд, «Тадбирҳои дар самти рушди саноат ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа андешидашуда имкон фароҳам оварданд, ки дар панҷ соли охир афзоиши номгӯйи маҳсулоти саноатии истеҳсоли ватанӣ ба зиёда аз 40 фоиз расонида шавад. Дар ин давра 1382 коргоҳу корхонаи саноатӣ бо таъсиси 15 ҳазор ҷойи кории нав сохта, мавриди истифода қарор дода шуд. Умуман, агар соли 1991 дар мамлакат ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият дошта бошад, пас дар замони соҳибистиқлолӣ 2500 корхонаи истеҳсолӣ бунёд гардида, соли 2022-юм 2800 корхонаи саноатӣ бо 85 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият карда истодаанд. Танҳо соли 2022-юм беш аз 500 коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ бо 6 ҳазор ҷойи нави корӣ ба фаъолият оғоз карданд ва барои то 43 миллиард сомонӣ афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2022 мусоидат намуданд»[73].

Аммо чуноне ки дар фасли 2.1 қайд гардида буд, чунин ҳолат ба ҳайси омили пешбаранда гардидани соҳаи саноати ҷумҳурӣ нокифоя мебошад. Ҳарчанд ки дар соли 2021 «рушди соҳаи саноат аз ҳисоби 16,3 % афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард, 1,5 маротиба афзудани саноати истихроҷ, 15,2 % афзоиш ёфтани таъминоти нерӯи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво, 9,2 %, афзоиши таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва коркарди дуюмдараҷа таъмин гардида, ҳаҷми истеҳсоли нерӯи барқ дар соли 2021 дар кишвар 20623,8 млн. кВт.

[73] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 23.12.2022, шаҳри Душанбе. URL: http://prezident.tj/node/29823 (санаи мурочиат ба сомона 25.06.2023)

соатро ташкил дода»[74] бошад ҳам, аз ҷониби Президенти кишвар ба Ҳукумати мамлакат супориш дода шуд, ки «минбаъд низ ба масъалаҳои баланд бардоштани гуногунсамтиву рақобатнокии иқтисоди миллӣ, густариши раванди рақамикунонии иқтисод, татбиқи «иқтисоди сабз», саноатикунонии босуръат, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва рушди нерӯи инсонӣ афзалият дода, дар ин замина рушди устувору сифатноки иқтисоди миллиро таъмин намояд. Аз ҷумла дар панҷ соли минбаъда рушди миёнасолонаи иқтисодиёт дар сатҳи на кам аз 7 фоиз ва ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафар аҳолӣ, бо дарназардошти то 11 миллион нафар афзоиш ёфтани шумораи сокинони кишвар, бояд то 2 баробар зиёд карда шавад. Инчунин, зиёда аз 870 корхонаи саноатӣ таъсис дода, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 95 милрд. сомонӣ расонида, содироти он ду баробар афзоиш дода шавад. Ҳиссаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ба 26 фоиз расонида, дар ин раванд гуногунсамтии истеҳсолоти саноатӣ таъмин карда шавад»[75]. Ин ишора ба он мекунад, ки роҳбарияти кишвар ба рушди инноватсионии соҳаҳои саноат диққати махсус медиҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон корхонаҳои бузурги саноатие рушд карда истоданд, ки дар заминаҳои фаъолияти онҳо ва дар бахши рушди стратегии онҳо нақши асосиро технологияҳои нав, рақамикунонии истеҳсолот, ҷустуҷӯ ва пайдо намудани роҳҳои нави тиҷорат дар шароитҳои номуайянии бозор бояд бозӣ кунад, ки ин омилҳо дар самтҳои сохтори ташкилии корхонаҳои саноатӣ ва самтҳои интихоби моделҳои тиҷоратӣ таъсир хоҳанд расонид. Зеро сатҳи рушди иқтисодӣ пеш аз ҳама дар даврони муосир бо иқтидори инноватсионии корхонаҳо муайян карда мешавад ва дар рақобати шадиди иқтисодӣ

[74] Натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021. https://mfa.tj/tg/main/tojikiston/iqtisodijot (санаи мурочиат ба сомона 12.03.2022)

[75] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 21.12.2021, шаҳри Душанбе. URL: http://www.prezident.tj/node/27417 (санаи мурочиат ба сомона 12.03.2022)

ҳамон субъектони хоҷагидорие бартариятро соҳиб мешаванд, ки барои рушди потенсиали инноватсиониашон шароити мусоид фароҳам меоваранд.

Дар ин замина, бояд қайд намоем, ки айни замон дар ҷумҳурӣ равандҳои ҷустуҷӯ ва пайдо кардани механизмҳое ба роҳ монда шудаанд, ки онҳо битавонанд дар ростои талаботи афзалиятноки тартиби муосири технологӣ тағйироти технологии бавуҷуд ояндаро ҳавасманд кунонанд ва аз ҷониби дигар, рушди инноватсионӣ дар асоси мавҷудияти иқтидори инноватсионӣ ва захираҳои илмиву истеҳсолии техникӣ амалӣ карда мешаванд. Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххасоти самтҳои асосии рушди иқтидори илмӣ, иқтидори истеҳсолӣ, коркарди лоиҳаҳои сармоягузории системаҳои саноати инноватсионӣ ба назар мерасанд ки, дар навбати худ, онҳо бояд аз ташкил кардани шароитҳои мусоиди ташаккулдиҳии системаҳои саноатии инноватсионӣ бархурдор бошанд. Барои расидан ба ин мақсад, дар ба ин самт бояд инфрасохтори мусоиди соҳаҳои илму техника, коркард ва амалисозии барномаҳову лоиҳаҳои давлатӣ ва инноватсионӣ ташаккул дода шаванд. Ғайр аз ин барои татбиқ намудани технологияҳои рақобатпазир системаҳои ҳавасмандкунонӣ низ бояд ба таври зарурӣ татбиқ карда шаванд.

Бояд дар назар дошт, ки дар кишварҳои аз лиҳози иқтисодӣ пешрафта, ҳанӯз дар охири асри гузашта ташаккулёбиии модели инноватсионии рушди иқтисодӣ татбиқ карда шуда буд, ки тибқи он маҳз фаъолияти инноватсионӣ омили асосии рушди ракобатпазирӣ ва васеъ гардидани миқёси тиҷорат, афзоиш ёфтани даромади аҳолӣ ва, албатта, рушди хоҷагидории миллӣ гардид ва ин омил дар айни замон барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мубрамияти хешро гум накарда асту татбиқи чунин низоми сиёсати саноатӣ, аз ҷумла системаи инноватсиониро, ки тавсифҳои бунёдӣ доранд, тақозо мекунад.

Ҳамин тариқ, бо боварӣ метавон арз намуд, ки заминаи ташкил намудани системаҳои саноати инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, дар сатҳи макроиқтисодиёт аз як қатор омилҳои бунёдӣ, аз қабили сатҳ ва сифати ташаккулёбии системаи инноватсионии миллӣ ва муҳити ба он созгор, ки фарогири дастгирӣ ва ҳавасмандкунии давлатии таҳқиқотҳои илмиву татбиқӣ, таҷдиди инфрасохтори инноватсионӣ, омодасозии мутахассисони баландихтисос барои бурдани фаъолияти инноватионӣ ва ғ. иборат буда метавонад, ки дар навбати худ онҳо метавонанд ба рушди инноватсионии бунёдӣ такон диҳанд. Дар ин замина, ташкили сиёсати дурусти инноватсионии давлатӣ аҳамияти хоса дорад, ки он на танҳо коркарди стратегияҳои аниқу дурусти ба ташаккулдиҳандаи тартиботи технологии пешрафта равона карда шударо муайян мекунад, балки барои ба вуҷуд омадани имкониятҳои истифодаи бомаҳорати маҷмуи воситаҳои идоракунии мустақиму ғайримустақими давлатӣ ва ҳавасмандкунонии рушди фаъолияти инноватсионӣ мусоидат менамояд. Чи хеле ки дар боло қайд гардида буд, дар ин самт то давраи соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳо қабул гардида буданд, ки муҳити мусоид барои татбиқи ғояҳои нав ва дастовардҳои илмӣ, иҷрошавии корҳои илмиву тадқиқотӣ, таҷрибавиву балоиҳагирӣ ва конструкториву технологӣ фароҳам овардаанд[76]. Воситаҳое, ки тибқи ин санадҳо амалӣ мешаванд, бештар ба ташаккули маҳсулоти нав, татбиқи технологияҳо ва усулҳои нави муосири истеҳсоли молу хизматрасониҳо, амалисозии навъҳои такмилёфтаи равандҳои технологӣ дар тамоми равандҳои истеҳсолӣ равона гардидаанд. Дар масъалаи барномаҳои давлатӣ бошад, метавон қайд намуд, ки мақсади асосии онҳо ба созмон додани системаи

[76] Ниг. ба: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №4, мод. 272). Душанбе, 16 Апрел, 2012, № 822; Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04 соли 2011, № 227; Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2015, № 354 ва диг.

инноватсионие равона карда шудаанд, ки битавонад сатҳи технологии истеҳсолоти ватаниро баланд бардошта, истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ ва афзоиш ёфтани равандҳои ҷойгузин кардани воридот бо масолеҳи дохилӣ, ҳамчунин вусъат бахшидан ба рушди иқтисодии кишвар ва ноил гардидан ба мақсадҳои стратегии миллиро татбиқ созад. Дар ин замина коркарди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, коркарди воситаҳои иқтисодӣ ва ташкилии дастгирикунии фаъолияти инноватсионӣ, коркард ва амалисозии лоиҳаҳои инноватсионӣ, ташкил кардан ва рушд додани инфрасохтори инноватсионӣ, ташаккул ва мукаммалгардонии системаҳои омодасозии мутахассисони баландихтисоси соҳаҳои инноватсионӣ, ташаккули системаҳои муосири самараноки ҳамкориҳои судманди байналхалқӣ ва тиҷоратӣ дар соҳаи инноватсия вазифаҳои муҳими ин барномаҳо ба ҳисоб мераванд.

Баъдан, дар ҷаҳони муосир ташкил ва маблағгузориҳо ба коркардҳои илмӣ яке аз омилҳои рушди мутавассити иқтисодиёт гашта, ба рақобатпазир гардидани он мусоидат карда истода аст. Ҳамин тавр маблағгузориҳо ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, яке аз заминаҳои асосии дигар дар самтҳои рушди инноватсионии системаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон шуда метавонад, ки ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷот нисбат ба ММД дар соли 2020 ҳамагӣ 0,10 % ташкил дода аст. (ҷадвали 2.8.)

**Ҷадвали 2.8. Тағйирёбиҳои нишондиҳандаҳои инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо | Хароҷоти буҷети давлатӣ барои илм, ҳазор сомонӣ | Муассисаю ташкилотҳои илмӣ, ки корҳои илмӣ-техникиро иҷро мекунанд, адад | Кормандоне, ки фаъолияти илмӣ-техникӣ мебаранд, нафар | Кормандоне, ки унвони илмӣ доранд, нафар | Ҳаҷми иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ, ҳазор сомонӣ | Ҷамъи аспирантон, нафар |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **2010** | 27581,4 | 56 | 5756 | 1230 | 22027 | 1553 |
| **2011** | 35851,8 | 54 | 2537 | 838 | 36530,1 | 1801 |
| **2012** | 39813,9 | 60 | 3511 | 1021 | 41342,1 | 1658 |
| **2013** | 45037,9 | 60 | 3389 | 1000 | 47699,2 | 1705 |
| **2014** | 50931,1 | 63 | 3593 | 1022 | 52275,5 | 1651 |
| **2015** | 52890,7 | 66 | 3704 | 1076 | 52799,8 | 1672 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **2016** | 55503,8 | 74 | 3894 | 1074 | 58434 | 1576 |
| **2017** | 60636,7 | 80 | 3720 | 1024 | 70580,4 | 1506 |
| **2018** | 66910,7 | 82 | 3923 | 1141 | 66788,4 | 1289 |
| **2019** | 76401 | 82 | 4505 | 1201 | 74120,4 | 758 |
| **2020** | 82820,4 | 82 | 4269 | 1186 | 75292,7 | 339 |
| **2021** | 99690,7 | 81 | 4446 | 1188 | 85625,6 | 219 |
| **2021/2010, %** | **3,6 мар.** | **144,6** | **77,2** | **96,6** | **3,8 мар.** | **14,1** |

**Ҳисоби муаллиф аз рӯи:** Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 67-69.

Чи хеле ки аз ҷадвали 2.8 бармеояд, хароҷоти буҷет нисбат ба соли 2010 дар соли 2021 то 3,6 маротиба афзоиш ёфта аст. Муассисаҳои таълимоти илмие, ки ба корҳои таҳқикотӣ машғул мебошанд дар давраи солҳои 2010-2021 ба миқдори 44,6 % афзоиш ёфтаанд, аммо шумораи кормандоне, ки фаъолияти илмиву техникӣ мебаранд, дар соли 2021 нисбат ба соли 2010 ба миқдори 1310 нафар кам гардида аст, ки ин камшавӣ дар давраи таҳлилӣ 22,8 %-ро ташкил медиҳад. Дар баробари кам гардидани шумораи кормандони фаъолияти илмиву техникӣ дошта, шумораи кормандони унвони илмӣ дошта 3,6 % кам гардида, шумораи аспирантон низ 78,2 % кам шуда, аз миқдори 1334 нафари соли 2010 дар соли 2021 ба 219 нафар расида аст. Аммо новобаста аз паст гардидани нишондиҳандаҳои мазкур, боиси хушҳолӣ аст, ки ҳаҷми иҷрошавии корҳои илмӣ-техникӣ дар соли 2021 нисбат ба соли 2010 ба 3,6 маротиба афзун гардида, афзоиши он дар ин давраи таҳлилӣ 72 млн. 109,3 ҳазор сомониро ташкил дода аст. Ин далолат ба он медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ барои ноил гардидан ба дастовардҳои инноватсионӣ на ба шумораи кормандон, балки бештар ба сифат ва иҷрошавии корҳо аҳамият дода мешавад. Аммо нисбати хароҷоти буҷет ба корҳои илмиву тадқиқотӣ ҳарчанд тамоюли афзоиши давраи таҳлилӣ баланд бошад ҳам (3 маротиба), аммо дар арсаи ҷаҳонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Индекси ҷаҳонии инноватсионӣ дар соли 2021 мақоми 103- юмро ишғол намуда аст. Аз маълумотҳои «Global Innovation Index 2021» бармеояд, ки вазъи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 беҳтар шуда бошад ҳам, аммо нисбат ба Ҷумҳуриҳои Қазоқистон (79), Ӯзбекистон (86) дар зинаҳои

баъдина ҷойгир шуда, дар байни кишварҳои иқтисодиёташон даромади паст дошта мақоми 2-юмро касб намуда аст. Дар ин радабандӣ дар соли 2021 мақоми аввалро кишварҳои Швейтсария, Шветсия ва ИМА касб намудаанд[77].

Мувофиқи «Рейтинги кишварҳои ҷаҳон дар индекси ҷаҳонии рақобатпазирӣ» Тоҷикистон дар миёни 141 кишвари ба қайд гирифта шуда мақоми 104 – ро бо индекси 52,4 ишғол намуда аст. Индекси мазкур–ин таҳқиқоти ҷаҳонии рейтинги кишварҳои ҷаҳон аз рӯи нишондиҳандаҳои рақобатпазирии иқтисодӣ мебошад, ки аз ҷониби Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ (World Economic Forum) коркард шуда аст, ки дар асоси усулҳои ба маълумотҳои оморӣ ва натиҷаҳои пурсиши роҳбарони корхонаҳо равона гардида, ҳисоб карда мешавад [78].

Ҳамчунин самти дигари тавсифи макроиқтисодидоштаи заминаи рушди системаи инноватсионии саноат ин ташаккулёбӣ ва рушди рафтори инноватсионии корхонаҳои системаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар корхонаҳои саноатии кишвар бозомӯзӣ ва ба таълим фаро гирифтани кормандон ба роҳ монда шуда аст, ки ба баланд бардоштани имкониятҳои тахассусии кормандон мусоидат мекунад ва барои азхуд намудани технологияҳои навини инноватсионӣ аз ҷониби кормандони соҳа ба муфид хоҳад буд. Ин маънои онро дорад, ки корхонаҳои саноатии кишвар барои баланд бардоштани сифати захираҳои меҳнатӣ сармоягузорӣ менамоянд. Албатта ин раванд боиси афзун гардидани самаранокии меҳнат дар доираи системаҳои саноат мегардад (ҷадвали 2.9).

Чи хеле ки аз ҷадвали 2.9 бармеояд, индекси самаранокии меҳнат дар давраи солҳои 2015-2021 дар маҷмуъ тамоюли афзоишёбӣ ва дошта,

---

[77] Ниг. ба: Глобальный инновационный индекс 2021 // «ВОИС». Сарчашмаи интернетӣ. URL: https://www.wipo.int/pressroom/ru/articles/2021/article_0008.html . (санаи муроҷиат ба сомона 23.03.2022)

[78] Индекс глобальной конкурентоспособности / Гуманитарный портал: Исследования [Электронный ресурс] // Центр гуманитарных технологий, 2006–2022 (последняя редакция: 09.03.2022). URL: https://gtmarket.ru/ratings/global-competitiveness-index (санаи муроҷиат ба сомона: 23.03.2022)

нисбати солҳои пешина динамикаи рӯ ба рушд дорад. Аз ҷумла дар соли таҳлилӣ нисбат ба соли 2015 79,9 % ва нисбат ба соли 2020 бошад 24,3% афзуда аст. Албатта нишондиҳандаи мазкур далолат ба он медиҳад, ки динамикаи солонаи рушди самаранокии меҳнати соҳаҳои саноати ҷумҳурӣ инкишоф ёфта истода аст.

**Ҷадвали 2.9. Индекси самаранокии меҳнат дар соҳаи саноат**

| Солҳо | *ба ҳисоби фоиз нисбат ба солҳои* | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
| **2015** | 100 | 86,2 | 84,6 | 78,8 | 73,0 | 69,1 | 55,6 |
| **2016** | 116,0 | 100 | 98,1 | 91,5 | 84,7 | 80,1 | 64,5 |
| **2017** | 118,2 | 101,9 | 100 | 93,2 | 86,3 | 81,6 | 65,7 |
| **2018** | 126,8 | 109,3 | 107,3 | 100 | 92,6 | 87,6 | 70,4 |
| **2019** | 136,9 | 118,0 | 115,9 | 108,0 | 100,0 | 94,6 | 76,1 |
| **2020** | 144,7 | 124,7 | 122,5 | 114,2 | 105,7 | 100 | 80,5 |
| **2021** | 179,9 | 155,0 | 152,3 | 142,0 | 131,4 | 124,3 | 100,0 |

**Таҳияи муаллиф тибқи:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С.20.

Аммо бояд дар назар дошт, ки самаранокии меҳнат ба ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот бояд таъсири бевосита расонад. Пеш аз ҳама дар баробари афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ҳамчунин ба сифати он низ бояд аҳамият дода шавад (расми 2.3).




**Расми 2.3. -Индексҳои ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2021**

**Сарчашма:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С.12.

Ҳамчунин бояд қайд намоем, ки дар замони муосир тамоюли рақамикунонии соҳаҳои иқтисодиёт авҷ гирифта истода, татбиқи ин раванд дар соҳаи саноати инноватсионӣ ба рушди системаи инноватсионии саноат заминаи устувори рушд шуда метавонад. Чунки рақамикунонии соҳаҳои саноат ин гузаштан ба давраи нави саноатикунонӣ буда, ба корхонаҳои соҳаҳои саноат имконоти фарохи чандирияти баланди ташаккулдиҳии моделҳои тиҷоратӣ ва пояи пурзӯри ҷалб намудани мизоҷони сершуморро тариқи ҳамгироишавӣ бо системаҳои «киберфизикӣ» ва «ашёҳои интернетӣ» фароҳам меоварад. Асоси татбиқи технологияҳои навини инноватсионӣ дар ин раванд баланд бардоштани самаранокӣ ва ташаккули шароити мусоиди фаъолияти корхонаҳо мебошад.

Дар ин замина дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз «30» декабри соли 2019 таҳти №642 қабул карда шуда аст, ки тибқи он «Консепсия табодули соҳаҳои калидии фаъолияти иқтисодии ҷумҳуриро пешбинӣ менамояд, ки рақамикунонии онҳо метавонад таъсири пайдарҳам ба тамоми иқтисодиёти кишвар расонад, ба монанди табодули бахши хизматрасонии давлатӣ ва гузариш ба ҳукумати электронӣ, рақамикунонии соҳаи иҷтимоӣ, инчунин соҳаҳои калидии истеҳсолот, ба монанди энергетика, саноати коркард, кишоварзӣ ва таъсиси бахшҳои нав, масалан технологияҳои молиявӣ (FinTech) қайд гардидааст»[79]. Дар маҷмуъ консепсияи мазкур аз худ нигоҳи умумии татбиқи технологияҳои рақамии муосирро дар назар дорад, ки барои рушди дарозмуддати соҳаҳои иқтисодиёти кишвар равона мегарданд. Ҳамчунин дар баробари зуҳуроти номбаргардида, баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолии кишвар, ноил гардидан ба мақсадҳои рушди иқтисодии кишвар,

[79] Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, аз «30» декабри соли 2019. - № 642.

мустақилияти энергетикӣ, бехатарии иқтисодӣ ва ғизоӣ, баромадани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ, шиддатбахшии саноатикунонӣ, афзоиши ҷойҳои корӣ, татбиқи ҳамҷонибаи технологияҳои рақамии пешсафе, ки битавонанд асоси таъминкунии рушди устувори иқтисодӣ ва афзоиш ёфтани рақобатпазирии маҳсулотҳои дар кишвар истеҳсолшаванда гарданд, дар назар дошта шуда аст. Дар назар аст, ки заминаҳои дар Консепсия дарҷгардида, дар се марҳила – давраи аввал то соли 2025, давраи дуюм, то соли 2030 ва давраи сеюм то соли 2040 амалӣ мегарданд. Вобаста ба ин, афзоиш ёфтани шумораи муассисаҳову ташкилотҳое, ки ба иҷроиши корҳои илмиву техникӣ сарукор доранд, заминаи хуб хоҳад буд (ҷадвали 2.10).

**Ҷадвали 2.10. Муассисаю ташкилотҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки корҳои илмӣ-техникиро иҷро мекунанд**

| **Минтақаҳо** | **2010** | **2012** | **2014** | **2016** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2021/2010, «-», «+»** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **56** | **60** | **63** | **74** | **82** | **82** | **82** | **82** | **+26** |
| Душанбе | 42 | 45 | 50 | 59 | 66 | 66 | 66 | 66 | +24 |
| Вилояти Суғд | 5 | 5 | 4 | 6 | 7 | 7 | 7 | 5 | = |
| Вилояти Хатлон | 5 | 5 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 6 | +1 |
| ВМКБ | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | = |
| НТҶ | 1 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | -1 |

**Таҳияи муаллиф тибқи:** Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 111.; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 111.

Чи хеле ки аз маълумотҳои омории ҷадвали 2.11 бармеояд, шумораи муассисаву ташкилотҳое, ки ба корҳои илмӣ- техникӣ машғуланд дар маҷмуъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2021 ба миқдори 26 адад зиёд шуда, 82 муасиссаро ташкил медиҳанд, ки аз ин миқдор 24 муасисса дар ш. Душанбе буда, муассисаҳои ба корҳои илмӣ-техникӣ машғулбудаи Вилояти Хатлон якто зиёд шуда, муассисаҳои НТҶ якто кам шуда, дар ВМК ва Вилояти Суғд бошад, бетағйир боқӣ мондаанд. Ин далолат ба он медиҳад, ки бештари корхонаҳои илмӣ-техникӣ дар марказ ҷойгир шудаанд ва, албатта, барои

дар самти баланд бардоштани заминаҳои рушди системаи саноатӣ таъсиргузор гардидани онҳо, месазад, ки онҳо, махсусан соҳаҳои тадқиқотии ба системаи саноатӣ мутааллиқ буда, аз лиҳози географӣ ба корхонаҳои саноатӣ наздик ҷойгир карда шаванд.

Аз як тараф, ҷойгиршавии наздики муассисаҳои таҳқиқотиву илмӣ-техникӣ ба камхарҷ гардидани равандҳои татбиқи натиҷаҳои фаъолияти онҳо мусоидат намояд ҳам, аз тарафи дигар, бо дарназардошти истифодаи технологияҳои рақамии муосир алоқамандиву ҳамкориҳои онҳо бо муассисаҳои на танҳо марказ, балки бо муассисаҳои тамоми минтақаҳои кишварро ба роҳ монда, корҳои илмиву тадқиқотӣ ва техникиро дар системаи саноати кишвар самаранок кардан мумкин аст.

**Ҷадвали 2.11. Иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ дар тамоми муассисаҳои илмию техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон,** *ҳазор сомонӣ*

| **Нишондиҳандаҳо** | **2010** | **2014** | **2016** | **2018** | **2020** | **2021** | **2021/2010, %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми иҷрои корҳо аз оғози сол | 22027,0 | 52275,5 | 58434,0 | 66788,4 | 75292,7 | 85625,6 | 3,9 мар. |
| аз ҷумла корҳои илмӣ-техникӣ | 21887,3 | 52099,5 | 57937,7 | 64892,6 | 74907,1 | 85091,0 | 3,9 мар. |
| -корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ | 17987,3 | 51526,2 | 57547,2 | 56650,3 | 68295,8 | 77996,9 | 4,3 мар. |
| аз ҷумла бунёдӣ | 8508,7 | 15836,4 | 10465,9 | 12363,1 | 9157,2 | 11056,6 | 129,6 |
| -корҳои лоиҳакашӣ ва технологӣ | 22,8 | 204,8 | 351,4 | 220,3 | 575,0 | 600,0 | 26,1 мар. |
| -корҳои лоиҳакашӣ барои сохтмон | 10,0 | 54,2 | - | 12,4 | 45,5 | 28,4 | 2,8 мар. |
| -хизмати илмӣ - техникӣ | 3867,2 | 314,3 | 39,1 | 5664,3 | 5990,8 | 6465,7 | 167,2 |

**Таҳияи муаллиф тибқи:** Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 112-113. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 68.

Аз таҳлили маълумотҳои омории ҷадвали 2.12 чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд карда истода аст. Аз тамоми динамикаи ҳаҷми пурраи иҷрои корҳо, корҳои илмӣ-техникӣ 3,9 маротиба афзоиш ёфтаанд, корҳои илмӣ тадқиқотӣ бошанд 4,3 маротиба афзоиш ёфта, 77 млн. 996,9 ҳаз. сомониро ташкил додаанд. Корҳои бунёдӣ дар ин давра ҳамагӣ 29,6 % зиёд шудаанд. Корҳои лоиҳакашӣ ва технологӣ афзоиши бениҳоят

зиёд (26,1 маротиба) ёфта, дар соли 2020 нисбат ба соли 2010 ба маблағи 552,2 ҳаз. сомонӣ зиёд шуда дар соли 2021 нисбат ба соли 2020 ба маблағи 474,9 ҳаз. Сомонӣ азоиш карда аст. Нишондиҳандаҳои корҳои лоиҳакашӣ барои сохтмон бошанд дар давраи таҳлилӣ 4,5 маротиба афзоиш ёфта, ҳаҷмашон 2,4 ҳазор сомонӣ афзудааст. Хизматҳои илмӣ – техникӣ бошад дар давраи солҳои 2010-2021 67,2 % афзуда, ба 6465,7 ҳаз. сомонӣ расидаанд, ки акфзоиши он 2598,5 ҳаз. сомониро ташкил медиҳад. Ҳамин тавр дар заминаи корҳои илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли афзоиши назаррас ба қайд гирифта шуда бошад ҳам, ба туфайли татбиқи рақамикунонии системаи саноат он боз бештар инкишоф хоҳад ёфт.

Дар раванди татбиқи рақамикунонӣ дар корхонаҳои саноатӣ афзалияти асосӣ дар баланд бардоштани махсулнокии корхонаҳо тавассути кам гардидани вақти истеҳсолии барои коркарди маҳсулоти нав равонашаванда, баровардани маҳсулот ба бозор ва расонидан ба истеъмолкунанда, инчунин беҳтар гардонидани захираҳои корхона таҷассум мегардад, ки дар натиҷа ба самараноктар гардидани фаъолияти он меоварад.

Айни замон зарурати воқеии татбиқи рақамикунонии корхонаҳои саноатӣ ба миён омада аст, зеро мушкилоти дар коркарди ҳаҷми калони иттилооти зарурӣ ба миён омадаро бидуни истифодаи мошинҳо ҳал кардан имконнопазир аст. Аммо бояд дар назар дошт, ки барои гузаштан ба рақамикунонии корхонаҳо бояд рақамикунонии умумӣ ва ҳамгирошавии равандҳои истеҳсолӣ бо дигар равандҳо, аз коркарди маҳсулот сар карда, то логистика, инфрасохтор, ба кор даровардани таҷҳизот ва ғ. амалӣ карда шаванд.

Айни замон дар риштаи татбиқи рақамикунонии иқтисодиёт мақоми аввалро кишварҳое, чун Швейтсария (65,5), Шветсия, (63,1) ИМА (61,3), Британияи Кабир (59,8), Чин (54,8), Канада (53,1) ва диг.

касб намудаанд [80]. Дар бораи ҳиссаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми умумии рақамикунонии соҳахои саноат дастарс намудани маълумотҳои расмӣ ва оморӣ мушкил бошад ҳам, аммо «…тибқи нуқтаи назари муҳаққиқон дар соли 2021 ҳиссаи он метавонад 4-5 %-ро ташкил диҳад. Вале бояд дар назар дошт, ки ҳисоботҳо ва рейтингҳои байналмилалие, ҳастанд, ки тибқи омори пешниҳод намудани онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2021 чунин мақомҳоро касб намуда аст: соли 2021 тибқи гузориши технологӣ ва инноватсионии Конференсияи СММ дар миёни 158 кишвар мақоми 143, соли 2021 тибқи Рейтинги глобалии омодагӣ ба рушди технологияҳои рақобатпазир дар ҷои 104, соли 2020 тибқи Индекси омодагии шабакавии Институти Портуланс дар миёни 134 кишвар ҷои 109, соли 2020 тибқи ҳисоботи Бонки умумиҷаҳонӣ оид ба бурдани тиҷорат мақоми 36, соли 2020 тибқи Индекси «Open Data Barometer Index» оид ба дастрас будани иттилоот дар миёни 114 кишвар мақоми 97, соли 2020 тибқи Рушди маҳорати рақамии аҳолӣ мақоми 57 дар байни 141 кишвар, соли 2020 аз рӯи Индекси рушди ҳукумати электронии аз ҷониби СММ муайян шуда, дар байни 193 кишвар мақоми 146-ро касб менамояд»[81]

Ҳамин тавр, роҳбарони корхонаҳоро зарур аст, ки пеш аз татбиқи рақамикунонӣ таҳқиқоти пурраи ҳаматарафа гузаронанд, то қаблан аз таъсири консепсияҳо ва технологияҳои муосир ба раванди тиҷораташон бохабар шаванд. Бояд оид ба иктидорҳову имкониятҳо маълумотҳои дақику аниқ дошта бошанд, ки вобаста ба онҳо битавонанд ба мақсадҳои тибқи табдилёбиҳои рақамӣ гузошташаванда ноил гардида, ба натиҷаҳои мунтазира ноил гарданд. Барои ба мақсадҳои гузошташуда ноил гардидан бояд барномаҳои рақамикунонии системаи саноати

---

[80] Глобальный инновационный индекс 2021 // «ВОИС». Сарчашмаи интернетӣ. URL: https://www.wipo.int/pressroom/ru/articles/2021/article_0008.html . (санаи муроҷиат ба сомона 28.03.2022)

[81] Таджикистан: на пути к цифровой экономике // Интернет портал Avesta.tj | 02.12.2021. [Захираи электронӣ]. – URL: https://avesta.tj/2021/12/02/tadzhikistan-na-puti-k-tsifrovoj-ekonomike/ (санаи муроҷиат ба сомона: 01.04.2022)

кишвар тартиб дода шаванд, ки масъалаҳои чӣ додани рақамикунонӣ, аз чӣ иборат будани мақсади корхонаҳои соҳа, дар кадом сатҳи табдилёбиҳои рақамикунонӣ мавқеъ доштани ташкилотҳо ва айни замон аз технологияҳои мавҷуда кадомашро нигоҳ доштан, кадом корҳои рақамикунониро корхона дар айни замон бо қувваи мавҷудаи худаш иҷро карда тавонистан ва барои кадом корҳо мутахассисонро омода намудан, ҷавоб гуфта тавонад. Ба замми ин дар ташкили ҳам санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳам барномаҳои соҳавӣ бартараф кардани монеаҳои муосири мавҷуда аз қабили маҳдуд будани дастрасии дастаҷамъона ба шабакаи Интернет, мавҷуд набудани талаботҳои корхонаҳои давлатӣ ба технологияҳои навин, аз ҷониби кормандону мутахассисон «дарк» нагардидани технологияҳои рақамӣ, норасоии маблағгузориҳо ба самтҳои рақамикунонии соҳаҳои саноат, пурзӯр гардонидани системаҳои идоракунӣ ва назорати татбиқи технологияҳо ва лоиҳаҳои рақамӣ, вусъат бахшидан ба ҳамкориҳои давлату бахши хусусӣ дар бахшҳои технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва соҳаҳои саноат, сатҳи пасти татбиқи технологияҳои рақамӣ аз ҷониби соҳибкорон ва амсоли онҳо ба таври аниқу возеҳ мавриди таҳлили чуқур қарор гирифта, роҳҳои мусоидат ба пешрафт ва бартараф кардани мушкилот пешниҳод карда шаванд.

## 2.3. Тамоюлҳои рушди инноватсионии соҳаҳои саноати истихроҷ ва саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон бо зерсоҳаҳояш, ки дар маҷмуъ аз саноати истихроҷ, коркард ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об ташкил ёфта аст, ба ҳайси муҳаррики асосии соҳаҳои иқтисодӣ баромад менамояд. Дар ин замина дар соли 2020 дар сохтори соҳаи саноат ҳиссаи саноати коракард бо ҳаҷми индекси баробар ба 61,7 % мақоми пешсафиро касб намуда, баъдан саноати истихроҷ бо индекси баробар ба 13,9 % саҳмгузорӣ менамояд. Дар назар аст, ки натиҷаҳои фаъолияти

соҳаи мазкур бояд сарчашмаи рушди самтҳои афзалиятноки иқтисодиёт гардад, ки ба тамоюлҳои муосири рушд дар давраи дарозмуддат ҷавобгӯ бошад.

Соҳаҳои истихроҷ ва коркарди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти омилҳои гуногун, аз ҷумла омили географӣ маҳаки иқтисодиёти кишвари мо ва минтақаҳои он мебошанд. Аҳамиятнокии муҷтамаъҳои саноати истихроҷ ва коркарди кишвар бо он маънидод карда мешавад, ки айни замон яке аз пояҳои асосии иқтисодиёт мебошанд, ки дар атрофи онҳо ҳалқаҳои навини истеҳсолӣ ташаккул ёфта, инфрасохтори дастгирикунандаи тиҷоратӣ созмон ёфта, бахшҳои мазкур дар сохтори иқтисодиёт ва саноат аз ҳама муҳимтарин ба ҳисоб мераванд. Ҳиссаи арзиши изофаи соҳаи саноат дар маҳсулоти умумии дохилӣ дар давраҳои солҳои 2018-2019 21,2 %-ро ташкил намуд, соли 2020 бошад он 17,4 %-ро ташкил кард[82]. Бояд тазаккур дод, ки дар натиҷаи фаъолияти муҷтамаъҳои зикргардида, пайваста ба буҷети кишвар даромади устувор ворид гардида, ҳамчунин иҷроиши сарбории иҷтимоӣ дар намуди ташкили ҷойҳои корӣ ва шуғлмандии аҳолӣ ва дигар сарбориҳо, ки бо тиҷорати калон алоқамандӣ доранд, ташаккул меёбанд.

Соҳаҳои саноати истихроҷ ва саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигар соҳаҳои саноат таъсири амиқ мерасонанд. Аз ҷумла онҳо ба рушди истеҳсолоти инноватсионӣ замина гузошта, хароҷоти истеҳсолии соҳаҳои ҳамҷаворро кам намуда, ба ташкили сатҳи дигари истҳсолӣ мусоидат менамоянд.

Барои бештари кишварҳои ҷаҳон рушди саноати коркард ва саноати истихроҷ яке аз самтҳои афзалиятнок дар давраи дарозмуддат ба ҳисоб меравад. Кишварҳое, ки ба саноати истихроҷ ва коркард машғуланд, шартан ба кишварҳои таъминкунандаи ашёи хоми арзон, ки

---

[82] Саноати Ҷумхурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.30

аз ҳисоби рақобатпазирии арзиши бозории фурӯши маҳсулот даромад мегиранд ва кишварҳои бо технологияи баланд коркунанда, ки аз ҳисоби маҳсулоти баландсифату баландарзиш даромад мегиранд, ҷудо карда мешаванд. Вобаста ба ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ҷории рушд ба гурӯҳи таъминкунандаи ашёи дохил мегардад, ки дар он пояи калони захираҳо мавҷуд буда, самти коркарди ашёи хоми саноатӣ аз сатҳи кишварҳои рушдкарда қафомонда мебошад.

Тибқи маълумотҳои омории таҳлилӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мизони сатҳи рақобатпазирии саноат то охири соли 2020 бо индекси баробар ба 52,4 мақоми 104-ро ишғол намуда, мувофиқи пешгӯиҳои то ҳамин давра такони ҷиддӣ дар сатҳи рақобатпазирӣ ба назар гирифта намешавад[83]. Чун дар ин радабандӣ мақомҳои аввалинро кишварҳои абарқударте, аз қабили Чин, ИМА ва Олмон касб намудаанду онҳоро ба қисмати дуюми истеҳсолкунандагон дохил мекунанд, бояд таҷрибаи онҳо мавриди таҳлили чуқур қарор гирифта, дар шароитҳои бозори ватанӣ ва соҳаҳои коркарду истихроҷи маҳсулоти саноатии кишвар татбиқ карда шавад. Маврид ба зикр аст, ки ҳамчунин аз рӯи индекси истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар охири соли 2021 Федератсияи Россия аз Чин ва ИМА гузашта, мақоми аввалро касб намуда аст[84].

Аз ин лиҳоз бояд дар назар дошт, ки сиёсати саноатӣ ва татбиқи роҳҳои инноватсионӣ, таҷдидсозӣ ва азнавсозии техникии соҳахои саноат бояд мавриди татбиқ қарор гирифта шаванд. Ҳамин тавр барои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати рушди инноватсионӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои дурусти ноил гардидан ба он масъалаи муҳим арзёбӣ мегардад. Амалигардонии роҳҳои ҳалли сиёсии таҷдидсозии иқтисодиёти Тоҷикистон ва зарур будани татбиқи роҳи инноватсионӣ дар минтақаҳои он вобаста аз омилҳои гуногун ба мушкилиҳо дучор мегардад. Масалан набудани воситаҳои худӣ, ҷаззоб набудани минтақаҳо барои

---

[83] https://nonews.co/directory/lists/countries/global-competitiveness-index (санаи муроҷиат ба сомона: 24.04.2022)

[84] https://www.vedomosti.ru/business/articles/2022/01/17/905175-indeksam-promproizvodstva (санаи муроҷиат ба сомона: 05.05.2022)

сармоягузорони берунӣ, суст рушд кардани марказҳои илмӣ ва инноватсионӣ, ба талаботи тиҷорат ҷавобгӯ набудани масъалаҳои инноватсионӣ ва коркардҳои ба он вобаста ва ғ. Аммо бояд қайд намоем, ки чун қарорҳои сиёсӣ қабул карда мешаванд, онҳоро ногузир ҳамагон мепазиранду, вале дарк намудани онҳо ва иҷроиши онҳо гуногун мешаванд. Маълум аст, ки самтҳои пешсафии иқтисодиёти манотиқи гуногун дар муддати якчанд даҳсолаҳо ташаккул меёбанд. Аз ин лиҳоз, барои ҳар як минтақа, пеш аз ҳама, таҷдидсозӣ афзалияти бештар дорад. Маъмулан дар замони муосир бахши ашёи хом, саноати коркард ва ё маҷмуаи илмӣ-тадқиқотӣ ва иқтисодиёти навро ҷудо кунанд ҳам, аммо дар ин самтҳо тавсифи равандҳои инноватсия (фановарӣ), тақсимоти даромад ва ташаккули арзиши бозорӣ гуногун мебошад.

Вобаста ба муайян кардани интихоби роҳҳои рушди иноватсионии кишвар пеш аз ҳама бояд ба масъалаҳои муайян намудани дар кадом самт рушди иқтисодӣ пешсаф аст ва барои кишвар аз фаъолияти инноватсионӣ чӣ гуна фоида аст, бояд диққати махсус дод. Баъд аз ин бояд ба масъалаи баргаштани сармоя, таъсири рушди инноватсионӣ ба равандҳои иҷтимоӣ ва самтҳои дар давраи дарозмуддат пешсафиро касб карда метавониста бояд диққат дода шавад. Барои муайян кардани ҷанбаҳои номбаршуда таҳлили иқтисодиёти ин самтҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равшанӣ хоҳад андохт. Ба ин ваҷҳ таҳлили хусусиятҳои хоси рушди инноватсионии саноати коркард ва саноати истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи муқоисаи онҳо вобаста аз маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маълумотҳои ниҳодҳои давлатӣ ба мақсад мувофиқ мебошад (ҷадвали 2.12).

**Ҷадвали 2.12. - Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи саноат аз рӯи шаклҳои моликият дар солҳои 2010-2021**

| | **Шумораи корхонаҳо, воҳид** | | **Шумораи кормандон, ҳазор нафар** | | **Ҳаҷми маҳсулот, млн. сомонӣ** | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Давраҳо** | ***2010*** | ***2021*** | ***2010*** | ***2021*** | ***2010*** | ***2021*** |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Бахши давлатӣ | 330 | 162 | 39,5 | 8,6 | 4647,0 | 3512,2 |
| Бахши ғайридавлатӣ | 1056 | 2235 | 30,0 | 76,7 | 3600,5 | 35316,8 |
| **Ҳамагӣ** | **1386** | **2397** | **69,5** | **85,3** | **8247,5** | **38829,0** |

**Таҳияи муаллиф тибқи:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С.14-20.

Аз маълумотҳои ҷадвали 2.12 бармеояд, ки таносуби бахши давлатӣ ва ғайридавлатӣ фарқи зиёд дорад. Дар соли 2010 бахши давлатӣ 56,3 %- ро ишғол намуда, бахши ғайридавлатӣ бошад 43,7 %- ро ташкил кард. Дар соли 2020 бошад ин таносуб дар қиёси соли 2010 куллан тағйир ёфта, бахши давлатӣ 11,2 % -ро, бахши ғайридавлатӣ бошад 88,8 % -ро ташкил кардааст. Ин таносуб нисбат ба қисмати аввала дар давраи таҳлилӣ дар бахши давлатӣ 32,5 % кам гардида, дар бахши ғайридавлатӣ бошад, дар соли 2020 ҳамин қадар (32,5 %) афзоиш ба қайд гирифта шуда аст.[85]

Умуман аз нигоҳи мо, таҳлили хусусиятҳои хоси рушди инноватсионии саноати коркард ва саноати истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи муқоисаи онҳо имконият медиҳад, ки масъалаҳои вобаста ба таҳлили тавсифи равандҳои инноватсионӣ, равандҳои сармоягузорӣ, муқоисаи натиҷаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, таҳлили содироту воридоти сохторҳо, тамоюлҳои рушди инноватсионӣ дар соҳаҳои истихроҷ ва коркарди саноати кишвар муайян карда, ва дар натиҷаи ҳалли масъалаҳои гузошташуда баҳогузории афзалиятҳои дарозмуддати иқтисодиёти кишвар ба роҳ монда шаванд.

Тибқи маълумотҳои таҳлилгардида маълум мегардад, ки таи солҳои охир ҳаҷми маҳсулоти саноати коркард ва саноати истихроҷ афзун гардида, айни замон саноати коркард пешсаф мебошад. Барои ҳамин ҳам ба ҳайси афзалияти рушди саноати кишвар яке аз ин самтҳо баромад карда метавонад. Пас дар идомаи таҳлил мо ҳардуи ин самтҳои фаъолиятро аз нигоҳи саҳми онҳо дар рушди иқтисодиёти кишвар ва

[85] Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.26.

афзалиятҳои ояндаашон дида мебароем. Таҳлили маълумотҳои оморӣ ва маълумотҳои ниҳодӣ имконият медиҳанд, ки шабоҳат ва тафовути равандҳои инноватсионии фаъолиятҳои мазкур муайян карда шаванд.

Дар мавриди ибтидоӣ ҳиссаи истеҳсоли масолеҳи саноатӣ дар ҳудуди кишварро мавриди таҳлил қарор дода, мебинем, ки тафовути ҳудудӣ дар ташкили сохтори саноат бараъло намудор аст (ҷадвали 2.13).

**Ҷадвали 2.13. Динамикаи сохтори соҳаҳои саноати минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон то аввали соли 2021, %**

| | Хатлон | Душанбе | ВМКБ | Суғд | НТҶ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Тамоми саноат** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** |
| **Саноати истихроҷи маъдан** | **4,3** | **2,0** | **37,0** | **18,4** | **28,2** |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| истихроҷи маводҳои энергетикӣ | 0,3 | - | - | 2,2 | 1,9 |
| истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ | 4,0 | 2,0 | 37,0 | 16,2 | 26,3 |
| **Саноати коркард** | **49,1** | **59,1** | **18,3** | **74,4** | **41,0** |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку | 12,2 | 23,3 | 11,2 | 31,5 | 12,5 |
| истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ | 18,3 | 4,6 | 2,3 | 6,4 | 2,7 |
| истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол | 0,0 | 1,9 | - | 0,2 | 0,1 |
| коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб | 0,2 | 1,4 | 0,5 | 0,4 | 0,5 |
| истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр | 0,1 | 5,1 | 0,3 | 0,1 | 0,3 |
| истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ | 0,0 | - | - | 0,2 | 1,5 |
| истеҳсоли кимиёвӣ | 1,0 | 0,5 | 0,0 | 0,3 | 0,9 |
| истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ | 0,5 | 0,9 | 0,1 | 1,0 | 2,1 |
| истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ | 15,1 | 10,7 | 3,1 | 5,6 | 5,5 |
| истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ | 0,7 | 3,7 | 0,4 | 28,1 | 13,3 |
| мошинсозӣ | 1,0 | 5,3 | - | 0,1 | 1,1 |
| ҳаргуна соҳаҳои саноат | 0,0 | 1,7 | 0,4 | 0,5 | 0,5 |
| **Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ** | **46,6** | **38,9** | **44,7** | **7,2** | **30,8** |

**Таҳияи муаллиф тибқи:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.22-23.

Таҳлили маълумотҳои ҷадвали 2.13 нишон медиҳад, ки дар сохтори ҳудудии маҳсулоти саноатӣ тамйизоти минтақавӣ ба таври зайл ба назар мерасад: вобаста ба истеҳсолу тақсимоти нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ мақоми баландро вилояти Хатлон (46,6 %) касб намуда, аз ҳама кам

Вилояти Суғд ҳисса дорад, ки он 7,2 %-ро дар соли 2020 ташкил дода, дар саноати истихроҷ бошад мақоми аввалро ВМКБ бо 37,0 % касб намуда, НТҶ бо 28,2 % баъд аз он мавқеъ гирифта, пасон Вилояти Суғд бо 18,4 % дар мавқеъи сегонаи аввал ҷойгоҳ дорад. Дар саноати коркард бошад вилояти Суғд бо 74,4 % мақоми аввал, шаҳри Душанбе бо 59,1 % мақоми баъдина ва охири сегонаи аввалро бо 49,1 % вилояти Хатлон ишғол намудаанд. Ин равандро бо тарзи мусаввара чунин инъикос кардан мумкин аст (расми 2.4).




**Расми 2.4. Динамикаи сохтори соҳаҳои саноати минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, %**

**Сарчашма:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.22-23.

Бояд тазаккур дод, ки маълумотҳои ҷадвали 2.13 ва расми 2.4 нишон медиҳанд, ки дар тақсимоти сохториву ҳудудии соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқиятҳое ба назар мерасанд, ки ба мураккабии равандҳои фаъолияти соҳа далолат мекунанд. Масалан агар ба ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ нигарем, аз тамоми манотиқи кишвар танҳо дар НТҶ (1,5 %) ва вилояти Суғд (0,2 %) истеҳсоли маҳсулот ба қайд гирифта шуда, фаъолияти мошинсозӣ бошад дар ш. Душанбе (5,3 %) аз ҳама бештар ба назар мерасад, ки аз дигар манотиқи кишвар тафовути хело калон дорад. Ба ҳамин монанд дар нишондиҳандаҳои истихроҷи маводҳои энергетикӣ, истеҳсоли чарм, маснуоти чармӣ ва истеҳсоли пойафзол, истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ ва диг. чунин тафовутҳои ҳаҷман калонро мушоҳида намудан мумкин аст.

Чунин тамойиз водор месозад, ки ин тамоюлҳо ҳангоми ташкили сиёсати давлатии саноатӣ аз ҷониби субъектони коркардкунандаи он ва тарафҳои мароқдори ин раванд, ки онҳоро дар истилоҳи имрӯза «стейкхолдерҳо» меноманд, ба инобат гирифта, самтҳои диверсификатсиякунонии бозори махсулоти саноатию равандҳои истеҳсоли маҳсулоти саноатиро ба кор баранд.

Маълум аст, ки ҳарчанд корхонаҳои бузурги саноати коркард ва истихроҷ фаъолияти худро ҳамчун фаъолияти дорои мавқеи инноватсияҳо ироа намоянд ҳам, аммо бештари корхонаҳои бузургу миёна дар ҳисоботҳои молиявии худ хароҷотҳои инноватсиониашонро инъикос намекунанд.

Барои ҳамин гузаронидани тахлили ҳолати воқеии рушди инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ ба мақсад мувофиқ буда, барои арзёбии равандҳои ташаккулёбии сиёсати дурусти саноатӣ, аз ҷумла саноати инноватсионӣ кӯмак хоҳад кард (расми 2.5).




**Расми 2.5. Ҳаҷми маҳсулот ва шумораи корхонаҳои саноатӣ дар бахшҳои инноватсионӣ ва ғайриинноватсионӣ**

**Сарчашма:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.19-25.

Аз маълумотҳои омории дар расми 2.5 инъикосгардида бармеояд, ки корхонаҳои инноватсионии саноати истихроҷ барои бештари

корхонаҳои саноати коркард таъмини масолеҳро ба роҳ монда, дар навбати худ аз онҳо низ барои истеҳсоли маҳсулот молу таҷҳизот гиранд ҳам, аммо ҳамзамон дар ҳар ду бахш корхонаҳои «ғайриинноватсионӣ» ба миқдори зиёд кору фаъолият мекунанд.

Умуман аз нигоҳи мо ҷудо намудани саноати истихроҷ ба бахшҳои инноватсионӣ ва ғайриинноватсионӣ аз рӯи мавҷудияти хароҷотҳо ба инноватсияҳо мувофиқ намебошад, зеро бештари корхонаҳое, ки мавкеъи худро ҳамчун инноватсионӣ инъикос кунанд ҳам, аммо ҳангоми муқоиса намудани онҳо бо дигар корхонаҳо маълум мешавад, ки мавҷуд будан ё набудани равандҳои инноватсионӣ чунин фарқиятҳои калонро дар динамикаи нишондиҳандаҳои ин гурӯҳҳо маънидод карда наметавонад.

Технологияҳои инноватсионӣ барои тамоми корхонаҳои саноати истихроҷ зарур бошанд ҳам, аммо онҳо дар ташаккулёбии натиҷаҳои фаъолияти ин бахш нақши муассир намебозанд. Омилҳои асосии динамикаи нишондиҳандаҳои саноати истихроҷро муайянкунанада арзиши масолеҳи хоми истеҳсолшаванда ва сиёсати сармоягузории онҳо мебошад (ҷадвали 2.14).

Ҳамин тавр, ҷудо намудани саноат ба бахшҳои инноватсионӣ ва ғайриинноватсионӣ аз рӯи мавҷудияти хароҷотҳо ба инноватсияҳо мувофиқи мақсад набуда, дар таҳлилҳои минбаъда тамомияти бахши саноати истихроҷро бо бахшҳои инноватсионии саноати коркарди кишвар ҳамҷоя мавриди баррасӣ ва тадқиқот қарор медиҳем.

Маълумотҳои омории мавриди таҳлил қарор гирифта ба он ишора мекунанд, ки дар бахши сармоягузорӣ ба соҳаи истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон мураккабии тақсимоти захираҳо ба назар расида, таҳлили ҳамаҷонибаи унсурҳо, усулҳо, ҷустуҷӯи роҳҳои мукаммалро талаб мекунад. Аз нуқтаи назари муаллифон низ бармеояд, ки «… чӣ аз лиҳози иқтисодӣ ва чӣ аз лиҳози экологӣ таъминнамоии сармоягузории

азхудкунӣ ва истифодабарии иқтидорӣ захираҳои табиӣ бо мушкилоти муайяни тавсифи субъектививу объективӣдошта бармехурад.

**Ҷадвали 2.14. Динамикаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар бахши саноати истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаз. долл. ИМА**

| Нишондиҳандаҳои саноат | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2020 | 2021 | 2021 / 2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Истихроҷи ангиштсанг | 932 | 932,5 | 201,2 | 512,8 | 601,2 | 614,3 | 65,9 |
| Истихроҷи ангиштсанги кушода | 210,6 | 218,4 | 262 | 224,3 | 240,9 | 269,1 | 127,8 |
| Истихроҷи ангиштсанг аз зери замин | 30500 | 1032,5 | 1129,8 | 1134,2 | 5766,6 | 1129,8 | 3,7 |
| Истихроҷи нафт ва гази табиӣ | 388,1 | 900,4 | 403 | 412,7 | 425,9 | 423,7 | 109,2 |
| Истихроҷи нафт ва гази даргузар | 4212,1 | 4184,2 | 4200,2 | 4365,7 | 4604,1 | 215129,5 | 5107,4 |
| Истихроҷи маъдани уранӣ ва торӣ | 402,8 | 421,8 | 495,3 | 557,3 | 601,8 | 702,0 | 174,3 |
| Истихроҷи маъдани оҳан дар зери замин | 6300 | 6132 | 6418,2 | 5814,3 | 5100 | 5825,6 | 92,5 |
| Истихроҷ ва тоза намудани маъданҳои мис | 23,1 | 28,9 | 28,9 | 41,2 | 82,9 | 82,9 | 358,9 |
| Истихроҷ ва тоза намудани маъданҳои никелу–кобалтӣ | 5981,9 | 6300 | 3815 | 3691,4 | 3814,9 | 4027,4 | 67,3 |
| Истихроҷи маводҳои бинокории ғайримаъданӣ | 2012,4 | 2122 | 2124,2 | 2161 | 2160,6 | 2162,6 | 107,5 |
| Истихроҷ ва тоза кардани ашиё хоми ғайримаъдан барои фулузоти сиёҳ | 21134,7 | 20181,2 | 21124,7 | 2121,3 | 21264,7 | 21312,1 | 100,8 |
| Соҳаи саноати истихроҷи маъдан ва коркарди конҳо | 2107,1 | 2107 | 2132,4 | 2154,4 | 2165,5 | 2184,2 | 103,7 |
| Ҳаргуна соҳаи саноати истихроҷи маъдани кухӣ ва коркарди конҳо, ки ба дигар гуруҳҳо дохил карда нашудаанд | 1593,2 | 1593 | 1563,2,1 | 1598,9 | 1610,1 | 1691,4 | 106,2 |
| Истихроҷи сангу фулузоти қиматбаҳо ва камарзиш, сангҳои ороишӣ | 51187,2 | 54499 | 57905,7 | 190120,1 | 191182,6 | 192102,3 | 375,3 |

**Ҳисоби муаллиф аз рӯи:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016. – С. 252-254, соли 2017. – С.230-232, соли 2018. – С.232-234, соли 2019. – С.224-226, соли 2020. – С. 232-234; Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.372-378.; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 239-242.

Сармоягузориҳои пештар ҷалб гардида зоҳиран бидуни риояи ҳатмии принсипҳои муҳити зист азхуд карда шуда будаанд… ».[86] Аз ин рӯ аз ҷониби ҳукумати кишвар, тарафҳои ба самтҳои сармоягузории соҳаҳои ҳам коркард ва ҳам истихроҷи саноат мароқдор зарур аст, ки чораҳои мушаххас, пеш аз ҳама усулҳо ва шаклҳои таъсиррасонӣ ба равандҳои ҷолибияти сармоягузорӣ тариқи ташаккули корхонаҳои муштарак, аз нав дида баромадани равишҳо, дар баъзе ҷойҳо ба таври куллӣ тағйир додани онҳо, дида баромадан ва аз нав тартиб додани стратегияҳо ва чорабиниҳои иловагиро пайгирӣ намоянд.

Оғози таҳлили тавсифҳои рушди саноати коркардро аз инъикоси тамоюлҳои асосии рушди он шуруъ намуда, бояд зикр кунем, ки тамоюлҳои асосии рушди саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо воситаи бахши инноватсионии он муайян карда мешавад.

Ҳамзамон бояд дар назар дошта бошем, ки истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз соли 1992 яку якбора паст гардида, ин пастшавӣ то соли 2001 идома ёфт. Танҳо баъд аз гузаронидани як қатор истилоҳоти иқтисодӣ баъд аз соли 2001 пастшавӣ ба охир расида, тамоюлҳои рушд ёфтани саноати кишвар ба вуҷуд омаданд. Аммо устуворӣ ва эҳёшавии истеҳсолот дар саноат бо ҷиҳозонидани таҷҳизотҳои фарсудашуда ҳамроҳ набуда, ба баланд гардидани нишондиҳандаҳои умумииқтисодии назаррас оварда натавонист.[87]

Ғайр аз ин дар натиҷаи таъсири бухронҳои иқтисодӣ ва молиявӣ солҳои минбаъда (солҳои 2008-2009), кам гардидани воридоти маблағҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ, пандемияи соли 2019-2020, муноқишаи Федератсияи Россия бо Украина (соли 2022) на танҳо ба соҳаҳои

---

[86] Хофизов Х.А. Оценка инвестиционного обеспечения эффективного использования природно-ресурсного потенциала: эколого-экономические аспекты // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2020. - № 3. - С. 32. (23-32).

[87] Рахмонов Дж. Р. Управление инновационными процессами на промышленных предприятиях в условиях переходной экономики // Дисс. на соис. канд. экон. наук. 08.00.05. – Душанбе, 2016. – С. 99 (165 с.)

истихроҷ ва коркарди саноат, балки ба тамоми иқтисодиёт таъсир расонида шуд. Ҳамин тавр бӯҳронҳо ҳам ба бахши инноватсионӣ ва ҳам ба бахши ғайриинноватсионӣ таъсир расониданд.

Аммо новобаста аз таъсири рӯйдодҳои охирини ҷаҳонӣ ва минтақавӣ соҳаҳои иқтисодиёти кишвар ба пешравиҳои назаррас ноил гардида, «… танҳо дар соли 2021 маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ ба миқдори 80 млрд. сомонӣ истеҳсол карда шуда аст»[88].




**Расми 2.6. Динамикаи нишондиҳандаҳои рушди бахшҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.18-29; Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.368-390.

Ҳамин тавр таҳлил нишон медиҳад, ки бахши инноватсионӣ ва ҳам ғайриинноватсионӣ ҳаҷми истеҳсолоташонро афзоиш дода истодаанд. Бояд тазаккур дод, ки дар ин раванд бахши инноватсионӣ нисбат ба

---

[88] https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/economic/20220322/v-tadzhikistane-sozdali-plan-kak-vihodit-iz-krizisa-iz-za-voennogo-konflikta-v-ukraine (санаи муроҷиат ба сомона 12.07.2022)

бахши ғайриинноватсионӣ ба истеҳсолоташ шиддат дода, шумораи шуъбаҳои таҳқиқотиаш низ афзун гардидаанд.

Хусусиятҳои баррасӣ гардида далолат медиҳанд, ки корхонаҳои бахши инноватсионии соҳаи саноати коркард барои татбиқ ва ҷорӣ намудани инноватсияҳо мароқ зоҳир менамоянд. Чун равандҳои инноватсионӣ ва татбиқи онҳо имконият медиҳанд, ки монеъаҳоро муваффақона паси сар намуда, такони якбора ва ҷиддӣ ба истеҳсолот дода нашавад.

Раванди асосие, ки ба рушди корхонаҳои бахши саноати истихроҷ ва коркард таъсир мерасонад, сармоягузорӣ мебошад. Бидуни сармоягузорӣ истеҳсоли ҳаҷми калони маҳсулоти нав ва таҷҳизонидани равандҳои технологӣ номумкин аст Таносуби ҳаҷми маҳсулоти саноати истихроҷ ва саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 2.7 инъикос карда шуда аст.




**Расми 2.7. Нишондиҳандаҳои сармоягузории бахшҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.18-29. Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.368-386.

Барои нигоҳдорӣ ва афзоиш додани ҳаҷми истеҳсолот фонди саноати истихроҷ сармоягузориҳои бештар ба сармояи асосиро талаб менамоянд. Хароҷотҳои сармоягузориҳои солонаи зарурӣ барои нигоҳ доштани ҳаҷми мавҷудбудаи истеҳсолот ба ҳисоби миёна қариб 15-20 % аз фоидаи корхонаҳоро ташкил медиҳанд. Аммо равандҳои сармоягузорӣ дар бахши саноати коркард ҳолати беҳтар дошта, дар он хароҷотҳои сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ 20-25 %-ро ташкил мекунанд.

Вазъи нисбатан хуби иқтисодии саноати коркарди ҷумҳурӣ, ки бо фаъолияти объектҳои дурусти инфрасохторӣ алоқамандanд, фазои хуби ҷалби сармоягузориҳоро ба вуҷуд оварда тавониста аст, ки он ба ҳавасмандгардонии воридоти сармоягузории хориҷӣ мусоидат намуда аст. Маҳз сармояҳои хориҷӣ омили асосии рушди инноватсионии системаи саноати кишвар буда, бо роҳҳои ҷойгир намудани онҳо ворид гардидан ба инноватсияҳо мушарраф мегардад. Чуноне ки дар давраи солҳои 2015-2021 тамоюли афзоиши сармоягузориҳо ба соҳаи саноат 88,7 % афзоиш ёфта, дар бахши истихроҷ 112636,6 млн. сомонӣ ва дар бахши коркард бошад, 125026,6 млн. сомонӣ зиёд шудаанд.

Таҳлили қиёсии бахшҳои инноватсионӣ ва ғайриинноватсионии соҳаҳои истихроҷ ва коркарди саноати кишвар нишон дод, ки соҳаи истихроҷ нисбатан аҳамиятнокии иҷтимоӣ дошта, соҳаи коркард бошад самаранокии иқтисодиии калонтар дорад. Ҳаҷми истеҳсолот ва ҳаҷми сармоягузориҳо дар бахши коркард нисбатан зиёд буда, ҳамчунин ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба ҳар як коргар дар бахши коркарди саноат бештар мебошад. Аз рӯи шумораи шуғлмандон низ саноати коркард пешсаф буда, шумораи бахши инноватсионии он низ тамоюли афзуншавии сол ба сол дорад.

Таҳлили содироту воридот ва қарздориҳои дебиториву кредитории бахши саноати истихроҷ ва коркарди кишварро мегузаронем (ҷадвали 2.15)

**Ҷадвали 2.15. Динамикаи воридоту содирот ва қарздориҳои бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. сомонӣ**

| Солҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2020 | 2021 | 2021 / 2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Воридот ба соҳаи саноат | 6322,1 | 5601,5 | 5078,7 | 6216,4 | 5711 | 5996,6 | 94,9 |
| Содироти соҳаи саноат | 1741,1 | 1768,7 | 2369,3 | 2125,2 | 2787,4 | 2926,8 | 168,1 |
| Қарзҳои дебиторӣ | 11478,7 | 16993,5 | 29253 | 39244,4 | 88268,4 | 92681,8 | 8,1 мар. |
| Қарзҳои кредиторӣ | 3878,3 | 5758,1 | 7265,2 | 11598,6 | 27414,2 | 28784,9 | 7,4 мар. |

**Ҳисоби муаллиф аз рӯи:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С.37-41.

Аз маълумотҳои омории ҷадвали 2.15 овардашуда маълум мегардад, ки ҳаҷми воридоти бахши саноат дар давраи солҳои 2015-2021 кам (5,1 %) гардида аст, ки он 285,6 млн. сомониро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи шоёни диққат он аст, ки дар давраи таҳлилӣ ҳаҷми содироти маҳсулоти саноатӣ 68,1 % афзоиш ёфта, 1185,7 млн. сомониро ташкил дода аст, ки 80 % масолеҳи содиротгардида ба бахши саноати коркард тааллуқ дорад. Ин ҳам ба татбиқ ва амалисозии технологияҳои инноватсионӣ дар панҷ соли охир алоқаманд мебошад. Аммо дар ин радиф аз 7 маротиба зиёд афзуншавии ҳам қарзҳои дебиторӣ ва ҳам кредиторӣ ташвишовар аст. Пеш аз ҳама ба нишондиҳандаи зерин сармоягузорони потенсиалӣ диққати махсус хоҳанд дод.

Ҳамин тавр натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда имконият медиҳад бо хулоса оем, ки дар ташаккули стратегияи рушди кишвар, аз ҷумла рушди соҳаҳои саноати кишвар ба бахши саноати истихроҷ диққати махсус дода шавад, зеро тамоюлҳои рушди он ноустувор ва печида мебошанд, ки дар ҳолати идома ёфтани чунин тамоюлҳо дар муддати дароз, дар сохтори иқтисодӣ тағйирот ба амал омаданаш мураккабу душвор мегардад. Дар шароитҳои мураккаби сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодии муосир бояд чунин сиёсати саноатие ташаккул дода шавад, ки манфиатҳои тамоми тарафҳоро ба инобат гирад. Ғайр аз ин бояд бахши

инноватсионии соҳаҳои иқтисодӣ ҷудо карда шуда, ба он тиҷорати хурди инноватсионӣ ҳамроҳ карда шавад. Ба тариқи мисол яке аз корхонаҳои бузурги саноатии кишвар ҶСК «ТАЛКО» - ро бигирем, аз нигоҳи мо сиёсати толлингии пешгирифтаи он самарабхш набуда, коркарди масолеҳи аз берун овардашударо амалӣ месозад. Дар чунин шароит фоидаи асосиро агентҳои хориҷӣ аз ворид кардани маҳсулоти хом мегиранд, ки корхонаи мазкур ба онҳо танҳо маҳсулоти аз ашёи хоми худашон оварда масолеҳи тайёршударо медиҳад. Дар ин сурат «ТАЛКО» фақат хзиматрасонии коркардкунии масолеҳро расонида, дар натиҷа даромади кам мегирад. Илова бар ин ҳангоми ворид намудани ашёи хом ин агентҳо аз супоридани андозҳо ва боҷи гумрукӣ озод мебошанд. Ба ин ваҷҳ иқтидори бузурги корхона ғайрисамарабахш истифода мешавад. Барои ҳамин ҳам ташаккули сиёсати саноатии кишвар ба таҷдиди назари куллии мутобиқ ба тартиботи технологии муосир ниёз дорад.

Ҳамин тавр банақшагирӣ ва ташаккулдиҳии сиёсати саноатии кишвар бояд ба консепсияҳои тартиботҳои технологӣ асос ёфта, масъалаҳои калидие, ки ба мақсадҳои гузошташаванда мусоидат мекунанд, таҷдиди назар шаванд. Имкониятҳову масъалаҳои сиёсати саноатӣ, аз ҷониби кӣ коркард шуданашон, кадом мақсад гузошта мешавад ва барои ноил гардидан ба он аз кадом намуди таҷриба ва ё модел истифода намудан, бояд бидуни такя намудан ба моделҳои ба амаломадаи бозор ташаккул дода шуда, ба модели бозори муосир, ки ба он айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шуда истода аст, диққати махсус бояд дод. Сиёсати саноатии кишвар бояд аз нигоҳи интихоби афзалиятноки дар равандҳои тафаккури гурӯҳҳои ҳавасманди намудҳои беҳтарини фаъолияти саноатӣ ба вуҷуд омада коркард гардад, ки ба талаботҳои тартиби технологии муосир ҷавобгӯ буда, рушди иқтисодиву ҷамъиятиро дар давраи дарозмуддат таъмин намояд.

# БОБИ 3. САМТҲОИ СТРАТЕГИИ ТАКОМУЛИ МУҶТАМАЪҲОИ САНОАТӢ ВА СИЁСАТИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Методикаи ташаккулёбиии стратегияи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои соҳавӣ, стратегияҳо ва дигар аснод ҷузъи муассири равандҳои фаъолияти соҳаҳои саноатии кишвар ва минтақаҳои он мебошанд. Барномаҳо ва санадҳои ба рушди технологӣ, илмӣ ва иқтидории муҷтамаъҳои саноатӣ равона гардида, ба ҳайси ҳуҷҷатҳои асосии стратегию банақшагирӣ баромад менамоянд, ки онҳо барои давраҳои дарозмуддат таҳия карда мешаванд. Дар навбати худ, онҳо стратегия, усулҳо ва барномаҳои дарозмуддати ҳам мақомоти идоракунанда ва ҳам роҳбарони корхонаҳои саноатӣ ва ташкилотҳои илмиву тадқиқотӣ мебошанд, ки дар маҷмуъ ташаккул додани чунин стратегияҳо масъалаи хело мураккаб ба ҳисоб меравад.

Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ зарурати мутобиқ гардидани модели рушди иқтисодӣ ба тамоюлҳои ҷаҳонии илмиву технологӣ ва дар ин асно зарурияти қабули санадҳои меъёрию барномаҳои соҳавии афзалиятҳои рушди илмӣ-техникии иқтисодиёти миллиро фарогиранда ба миён омад ва то ба ҳол якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, мавриди татбиқ қарор гирифтаанд[89]. Ин боиси ба қадри имконият афзудани ҳаҷми истеҳсолоти ватанӣ ва иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ дар қаламрави кишвар гардид (ҷадвали 3.1). Аз ҷумла дар давраи солҳои 2010-2021 ҳаҷми иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ

---

[89] Ниг. ба: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 272). ш. Душанбе, 18 майи соли 2017, № 384; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №4, мод. 272). Душанбе, 16 Апрел, 2012, № 822; Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04 соли 2011, № 227; Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2015, № 354. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1 октябри соли 2016. - №392. - Душанбе: «КОНТРАСТ», 2016. – 105 с.

3,8 маротиба афзоиш ёфта, дар маҷмуъ 85,6 млн. сомониро ташкил дода аст. Аз ин шумора корҳои илмӣ -техникӣ нисбат ба соли 2010 63,2 млн. сомонӣ ё 3,8 маротиба афзоиш ёфтааст.

**Ҷадвали 3.1. Динамикаи иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳазор сомонӣ**

| Солҳо | 2010 | 2015 | 2016 | 2018 | 2020 | 2021 | 2021 нисбат ба | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | 2020 | 2010 |
| I | 22027,0 | 52799,8 | 58434,0 | 66788,4 | 75292,7 | 85625,6 | 113,7 | 3,8 мар. |
| II | 21887,3 | 52287,2 | 57937,7 | 64892,6 | 74907,1 | 85091,0 | 113,6 | 3,8 мар. |
| III | 17987,3 | 51935,6 | 57547,2 | 56650,3 | 68295,8 | 77996,9 | 114,2 | 4,3 мар. |
| IV | 8508,7 | 8806,2 | 10465,9 | 12363,1 | 9157,2 | 11056,6 | 120,7 | 1,3 мар. |
| V | 22,8 | 319,0 | 351,4 | 220,3 | 575,0 | 600,0 | 104,3 | 26,3 мар. |
| VI | 3867,2 | 32,6 | 39,1 | 5664,3 | 5990,8 | 6465,7 | 107,9 | 1,7 мар. |

**Эзоҳ:** I - ҳаҷми иҷрои корҳо аз оғози сол; II - корҳои илмӣ-техникӣ; III - - корҳои илмӣ -таҳқиқотӣ; IV - корҳои бунёдӣ; V - -корҳои лоиҳакашӣ ва технологӣ; VI - -корҳои хизмати илмӣ - техникӣ;

**Ҳисоби муаллиф аз рӯи:** Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 112.

Корҳои лоиҳакашӣ ва технологӣ зиёда аз 26,3 маротиба афзун гардида, дар давраи таҳлилӣ ҳаҷми хизматҳои илмӣ – техникӣ 5,9 млн. сомониро ташкил додаанд, ки аз нишондиҳандаи соли 2010 1,7 маротиба зиёд мебошад. Вале нишондиҳандаҳои иҷрои корҳо нисбат ба соли 2020 афзоиши кам ёфта, ҳамагӣ 1,1 млн. сомониро ташкил додаанд. Аз ин миқдор дар соли 2021 нисбат ба соли 2020 корҳои бунёдӣ 20,7 % ва корҳои лоиҳакашӣ бошанд 4,3 % афзун гардидаанд.

Аммо бо вуҷуди мавҷудияти асноди зикргардида, ба рушди босуръати соҳавӣ ноил гардидан ва ба тамоюлҳои ҷаҳонии рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ баробар гардидан, дар дараҷаи кифоягӣ набуда, бархӯрди ҷиддии мукаммалсозӣ ва таҷдидсозии аснодҳову стратегияҳоро талаб менамояд. Масалан тибқи маълумотҳои омории пешниҳоднамудаи Бонки ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар маводҳои таҳлилии пешниҳоднамудаи муассисаи мазкур (ниг. ба ҷадвали 5.12-и ҳисоботи бонк), дар радабандии нишондиҳандаҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар соли 2018 ба миқдори 62 млн. доллари ИМА маҳсулоти технологияи баланд содир кардааст. Соли 2021 бошад якбора ин нишондиҳанда коҳиш ёфта, ба 2 млн. доллар расида аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози ба рушди технологиву илмӣ нисбат ба кишварҳои рушдкарда ва рӯ ба рушд дар радабандӣ хело қафомонда арзёбӣ карда мешавад.[90]

Бояд қайд намоем, ки чунин ҳолат бо сатҳи пасти ҳавасмандкунии тиҷорат нисбат ба фаъолияти инноватсионӣ, афзоиш ёфтани рақобатпазирӣ дар ҷаҳон ва суст идора шудани равандҳои таҷдидсозиву инноватсиякунонии фаъолияти соҳаҳои саноат аз ҷониби сохторҳои давлатӣ алоқамандӣ дошта, тақозои таҷдид ва бознигарии стратегияҳо, санадҳои меъёрӣ ва барномаҳои соҳавиро дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чи хеле ки дар бахшҳои пешинаи таҳқиқоти диссертатсионӣ зикр гардида буд, як қатор асноди ба равишҳои фаъолияти саноатӣ дахлдошта мавҷуд бошанд (масалан яке аз асноди асосӣ – ин «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030») ҳам, аз таҳлили маводҳои дар адабиётҳо овардашуда бармеояд, ки айни замон стратегияи рушди илмӣ-техникии минтақавӣ ва соҳавии саноатӣ мавриди татбиқ қарор нагирифта нашуда аст. Махсусан дар ягон минтақаи кишвар дар соҳаи саноат ва ташаккули коркарди он равишҳои методологии дорои муҳтавои стратегияи илмӣ-техникиро пайдо намудан ғайриимкон аст. Танҳо соли 2010 «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илму технология барои солҳои 2011-2015» қабул гардида буд[91].

Аз нигоҳи мо, бо дарназардошти ба миён омадани зарурати таҷдид ва бознигарии стратегияҳо, санадҳои меъёрӣ ва барномаҳои соҳавӣ дар идомаи таҳқиқот муайян намудани заминаҳои асосии ташаккулёбӣ ва мураттабшавии стратегияи рушди илмиву техникии муҷтамаъҳои саноатӣ, инчунин мавриди омӯзиш қарор додани методикаҳои

---

[90] http://wdi.worldbank.org/table/5.12 (санаи муроҷиат ба сомона:24.06.2023)

[91] Ниг. ба: https://www.anrt.tj/ru/nauchnye-issledovaniya/strategiya-rtv-oblasti-nauki-i-tekhnologij-na-2011-2015-gody (санаи муроҷиат ба сомона 27.07.2022)

ташаккулёбии он ва ироа намудани методикаи илман асоснок ба мақсадҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда комилан мувофиқат хоҳад кард. (расми 3.1).

Бояд қайд намоем, ки стартегияи рушди илмӣ-техникии мучтамаъҳои саноатӣ аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва стратегияву барномаҳои давлатӣ ҳамчун асос маншаъ гирифта, самтҳои мухталафи фаъолияти самарабахши соҳаро фаро мегирад. Дар стратегия, пеш аз ҳама, арзёбии воқеии ҳолати рушди илмӣ-технологии саноатӣ дар минатқаҳо тариқи муайян сохтани мавчудияти иқтидори илмиву техникӣ, сатҳи технологии корхона, то чӣ андоза вобаста будани онҳо аз воридоти таҷҳизоту технологияҳо аз берун, рақобапазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда, фаъолияти инноватсионӣ, таъсиррасонии ин омилҳо ба рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минатқаҳо ва аҳолии кишвар дарҷ гардида, дар он натиҷаҳои пешбинишудаи рушди илмӣ-техникии мучтамаъҳои саноатӣ пешниҳод мегарданд ва нақшаҳои имконпазири рушди технологӣ муайян карда шуда, тартиботи технологияҳои афзалиятдор ташаккул дода мешавад. Ҳамчунин мақсад ва афзалиятҳои рушди илмиву технологии мучтамаъҳои саноатӣ муайян гардида, ташаккули системаи рушди илмиву технологии мучтамаъҳои саноатии минтақавӣ, ташкили корҳои илмӣ-тадқикотӣ ва коркардҳо дар минтақаҳо барои татбиқи технологияҳои пешқадам ва таъмин намудани ҷобаҷогузории онҳо пешниҳод гардида, дар ин замина давраҳои асосӣ ва механизмҳои амалисозии стратегияҳо, инчунин системаи назорати амалишавии қарорҳои қабулгардида ва тамоюлҳо инъикос карда мешаванд.




**Расми 3.1. Сохтори стратегияи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Агар ба таври кушод ироа кунем, дар тартиби сохтори стратегияи рушди илмиву техникии муҷтамаъҳои саноатӣ, пеш аз ҳама, бояд инъикоси ҳолати воқеии рушди саноати минтақавӣ, вуҷуд доштани иқтидори илмӣ-техникӣ, рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолӣ инъикос гардида, таъсири бевоситаи онҳо ба сатҳи некӯаҳволии аҳолии кишвар ва минтақаҳое, ки дар онҳо муҷтамаъҳо ҷойгир мешаванд, ба вазъи экологӣ ва, махсусан, ба рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ муайян карда мешаванд. Вобаста ба баҳоҳои гузошташуда натиҷаҳои пешбинишудаи рушди илмӣ-техникии муҷтамаъҳои саноатӣ дар ҳар як минтақа ироа гардида, равандҳои имконпазири рушди технологӣ интихоб гардида, абзорҳои технологии афзалиятнок муайян карда мешаванд.

Баъд аз ин натиҷаҳои ташхисшудаи интихоби самтҳои афзалиятдори рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ пешниҳод шуда, ҳадафҳои стратегӣ ташаккул дода шуда, нақша ва роҳҳои рушди технологӣ муайян карда мешаванд. Дар ин замина пешниҳодҳои асоснок ва аз таҳлилу коркард гузаштаи ташаккулёбии системаи рушди илмиву технологӣ пешниҳод мегарданд, ки онҳо бояд ба самтҳои афзалиятнок ва ҳадафҳои ба миён ниҳода мувофиқ бошанд. Вобаста ба ин фаъолгардонии корҳои илмиву тадқиқотӣ оид ба татбиқи технологияҳои пешқадам, дастарсӣ ба онҳо, истифодаи самараноки имкониятҳои онҳо инъикос карда мешаванд. Дар идома тадбирҳои оид ба таъмин кардани рушди илмӣ-технологии муҷтамаъҳои саноатӣ бо мутахассисони варзидаи баландихтисос пешниҳод мегарданд.

Баъдан масъалаҳои муҳимми стратегӣ барои рушди илмӣ-технологии муҷтамаъҳои саноатӣ, инкишофи иҷтимоъҳои технологӣ, баҳогузории таъсири иҷтимоии рушди технологӣ ташаккул дода шуда, давраҳои асосӣ ва механизмҳои амалисозии стратегия, иҷрои қарорҳои қабулгардида ва ғайра инъикос карда мешаванд.

Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми коркард, стратегияи рушди илмиву техникии соҳаҳои саноатӣ бо як қатор хавфҳо низ рӯ ба рӯ

шуданаш мумкин аст, ки онҳо бояд ба инобат гирифта шаванд ва роҳҳои камтаъсир кардани онҳо ироа гарданд. Масалан, барои камтаъсир кардани хавфи номувофиқатии манфиатҳои тарафҳои иштирокдорони амалишавии стратегия, ҳангоми баргузории машваратҳо (бо гузаронидани ҳамоишҳои бузург) ва бевосита барои ноил гардидан ба қабули қарорҳое, ки ба иҷрои мақсаду нақшаҳо мусоидат мекунанд, бояд иштироки тарафҳои мухталиф таъмин гардад ва бад-ин васила ноил гардидан ба мақсадҳои умумӣ фароҳам оварда шавад[1].

Ҳамчунин бояд аз хавфи ғайрифаъол будани сатҳи инноватсионӣ ва қабули инноватсия сухан ронем, ки асли зуҳури чунин хавфҳо мароқ надоштани корхонаҳо ба рушди фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Таъсири чунин хавфҳоро бо тадбирҳои ҳавасмандкунонии рушди илмӣ-техникии муҷтамаъҳои саноатӣ ба роҳ мондан мумкин аст. Дар ин самт, Ҳукумати ҷумҳурӣ якчанд равандҳоро пеш гирифта аст. Аз ҷумла бевосита аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду давра-16 январи соли 2018 ва 16 марти соли 2022 эълон намудани моратория ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ибтикори қобили қабул мебошад, ки мақсади он дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ буда, ба таҳкими иқтидори саноатию содиротии ҷумҳурӣ равона гардида аст. Ғайр аз ин тадбирҳои озод намудани корхонаҳо аз андозбандӣ, пешниҳод намудани дастгирии давлатӣ фақат ба он корхонаҳое, ки таҷдидсозӣ ва рушди технологияҳои инноватсиониро ба роҳ мондаанд, бояд ба таври фаъол ба ҳаёт татбиқкарда. Аз ҷониби дигар, афзалият барои гирифтани дастгирии давлатӣ ба он корхонаҳое дода шавад, ки дар онҳо амалисозии стратегияҳои технологӣ мавҷуд бошанд.

Дар навбати худ яке аз хавфи дигар метавонад хавфи марбут ба молия ва буҷет бошад. Барои аз чунин хавфҳо эмин мондан бояд пеш аз

[1] Водолажская Е.Л. Управление устойчивым развитием высокотехнологичных отраслей промышленности // Дисс. на соис. уч. степ.док-а экон.наук. 08.00.05. / Е.Л. Водолажская. – М., 2019. – С. 98 (303 с.)

ҳама ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ вусъат бахшида шавад. Ҳамчунин ҷузъиёти талаботҳои аз буҷет маблағгирандагон ҳангоми хариди маҳсулот, кору хизматрасониҳо ба таври шаффоф муайян карда шуда, бо мақсади аниқ кардани хавфҳо ҳолати бахшҳои тиҷоратӣ мониторинг карда шавад. Махсусан ӯҳдадориҳои буҷетӣ, ки ба хариди таҷҳизот, сохтмон, таъмир, ҷойгиркунии масолеҳи харидашуда ва ғайра равона мегарданд, назорати ҷиддиро талаб мекунад. Барои самаранок гардидани равандҳои ба кам кардани чунин намуд хавфҳо алоқаманд, таҷрибаи ҳамкориҳои ашхоси иҷрокунандаи вазоифи расмӣ бо ташкилоту созмонҳои илмиву консалтингӣ, ки ба таҳқиқи хавфҳо сарукор доранд, самарабахш хоҳад буд. [1]

Норасоии мутахассисони баландихтисоси идоракунии технологияҳо ва равандҳои илмӣ-техникӣ имрӯз яке аз сабабҳои боздорандаи рушди илмиву технологӣ ба ҳисоб меравад. Барои эмин мондан аз ин авомил бояд равандҳои ҳавасмандгардонии илмомӯзон ва ҷалб намудани мутахассисони баландмаҳорат ба роҳ монда, ҳамчунин барои ҳамаҷониба истифода бурдани қобилияти онҳо ва тақвият ёфтани маҳорати онҳо шароит фароҳам оварда шавад.[2]

Ҳамин тавр, бояд тазаккур дод, ки вобаста ба методикаҳои ташаккулёбии стратегияи рушди илмиву техникии муҷтамаъҳои саноатӣ, дар адабиёти иқтисодӣ андешаҳои мухталиф ҷой доранд. Масалан Тюрина Ю.Г. ва дигарон системаи омилҳои дохиливу берунаи ба рушди илмӣ-техникии минтақаҳо таъсиррасонро ҷудо намуда, таъсири онҳо ба ташаккулёбии стратегияи рушдро аз рӯи параметрҳои идорашаванда ва идоранашаванда, пешгӯишаванда ва пешгӯинашванда муайян карда, қайд менамоянд, ки таъсири омилҳоро ҳолати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва

[1] Гамукин В.В. Бюджетные риски: группы, виды, примеры // Монография / В.В. Гамукин. - Тюмень: издательство Тюменского государственного университета, 2015. – С. 99. (340 с.)

[2] Дыбов А.М. Возможности минимизации рисков в процессе инновационной деятельности//Вестник Удмуртского университета. Серия «Экономика и право». – Ижевск, 2012. – С. 21. (20-24).

сиёсии давлат муайян мекунад ва он бо мавҷудияти захираҳои молиявӣ, меҳнатӣ, иттилоотӣ ва ғ. алоқамандӣ дорад.[1] Пешниҳоди омӯзиши омилҳои таъсиррасони ба методикаи ташаккулёбии стратегия алоқаманд аз қабили омилҳои идоранашавандаи геосиёсӣ, байналмилалӣ, табиӣ-иқлимӣ, сиёсиву иҷтимоӣ ва ғ. дар ташаккулёбии стратегияи рушд дуруст ба назар мерасанд. Чунки ҷанбаҳои гуногуни таъсири ин омилҳо метавонад нақши ҳавасмандикунандаро бозад ва ё баракс.

А.В. Резниченко бошад равандҳои кадам ба қадам ташаккулёбии стратегияи азнавсозии технологии муҷтамаъҳои саноатии минтақаро пешниҳод намуда, зикр мекунад, ки дар ин раванд бояд фарқи байни минтақаҳои кишвар ба назар гирифта шаванд, баҳогузории оқибатҳои иқтисодиву иҷтимоии таҷдиди технологӣ ва ҳассосияти иқтисодиёти ҳудудҳо ба тақсимоти равандҳо сурат гирад, шаклҳои гуногуни рушди муҷтамаъҳои саноатии минтақа ташаккул дода, шаванд объектҳои саноатие, ки ба дастгирӣ эҳтиёҷ доранд, ҷудо карда шуда, роҳҳои ҳаавасмандгардонии сохторҳои тиҷоративу соҳибкорӣ ва ҳаҷми маблағгузориҳои давлати ба ин раванд муайян карда шаванд. [2]

Ҳамин тавр ҷанбаҳои мухталифи пешниҳодҳои муаллифони ватаниву хориҷӣ ва таклифот коркардҳои диссертатсионӣ, инчунин методикаҳои аз ҷониби муҳаққиқон пешниҳод гардидаро мавриди омӯзиш қарор дода, дар идомаи таҳқиқоти диссертатсионӣ кӯшиш ба хориҷ медиҳем, ки методикаи ташаккулёбии стратегияи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатиро ироа намоем. Дар ин маврид месазад қайд намоем, ки, пеш аз ҳама, методикаи ташаккулёбии стратегияи рушди илмӣ-техникии муҷтамаъҳои саноатӣ бо такя ба

---

[1] Тюрина Ю.Г. и др. Система факторов научно-технологического развития региона // Российское предпринимательство / Ю.Г. Тюрина, Е.А. Лавренко, Н.И. Селиверстова, М.А. Колмыкова, А.А. Саморуков. – М., 2018. - № 5. Том 19. – С. 1485-1500.

[2] Резниченко А.В. Формирование стратегии технологической модернизации региональных промышленных комплексов Украины // Маркетинг і менеджмент інновацій, 2013, №2. [Захираи электронӣ]. Режими дастрас намудани захира: https://mmi.fem.sumdu.edu.ua/sites/default/files/mmi2013_2_142_149.pdf (санаи муроҷиат ба сомона 23.08.2022)

асноди меъёрии ҳуқуқӣ асос ёфта, якчанд марҳилаҳоро фаро мегирад. Ба ақидаи Г.П. Беляков, А.А. Рыжая ва С.А. Беляков «Рушди илмӣ-технологӣ чунин самтҳои асосии фаъолиятро муайян мекунад: рушди илмҳои фундаменталӣ ва татбиқӣ, ташкил ва гузаронидани коркардҳо; ташкил, тиҷоратикунонӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта; баланд бардоштани дараҷаи салоиятнокии технологии мутахассисон; ташаккул ва рушд додани инфрасохтори технологӣ; таҷдид технологии сохторҳои иқтисодӣ ва ба роҳ мондани истеҳсолот дар асоси маҳсулоти бо технологияҳои баланд истеҳсол шуда»[1]. Ҳамин тавр самтҳои асосии ташаккул ёфтани рушди илмӣ-технологии муҷтамаъҳои саноатиро ба инобат гирифта, марҳилаҳои ташаккулёбии стратегияи рушди илми-технологии муҷтамаъҳои саноатиро пешниҳод менамоем.

**Марҳилаи якум**. Пеш аз ҳама сохторҳои афзалиятноки ҳолати технологияшон беҳтарин ва маҳсулоти истеҳсолиашон рақобатпазир ҷудо кардашуда, бо тамоюлҳои ҷаҳонии рушди илмиву техникӣ муқоиса карда мешаванд ва самтҳои марҳилавии таҷдидсозии муҷтамаъҳои саноатӣ муайян мегарданд. Чи хеле ки Е.Б. Ленчук ва В.И. Филатов қайд менамоянд: «Афзалиятҳои дар стратегияи рушди илми-техникӣ ташаккул дода шуда, бояд контури самтҳои азнавсозии иқтисодиёти миллиро муайян созанд ва бо стратегияи умумии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии дарозмуддат ҳамҷавор бошанд. Чунки роҳҳои татбиқи он дар барномаҳои соҳавию минтақавӣ дарҷ мегарданд ва афзалиятҳои он ба ташаккулёбии асоси истеҳсолоти саноатии тартибҳои технологӣ мусоидат мекунанд»[2] .

**Марҳилаи дуюм.** Дар ин марҳила таҳлили ҷиддии рушди технологии муҷтамаъҳои саноатӣ ҳам дар сатҳи минтақаҳо ва ҳам дар

---

[1] Беляков Г.П., Рыжая А.А. и Беляков С.А. Формирование государственной системы научно-технологического развития в условиях рыночной экономики // Россия: тенденции и перспективы развития / Г.П. Беляков, А.А. Рыжая и С.А. Беляков. – М., 2021. - № 16-2. – С. 285 (284-291).

[2] Ленчук Е.Б., Филатов В.И. Стратегическое планирование как инструмент преодоления технологического отставания России // Мир новой экономики / Е.Б. Ленчук, В.И. Филатов. – М., 2019. - № 13 (2). – С. 32-42.

сатҳи миллӣ гузаронида мешавад, ки, пеш аз ҳама, он таҳлили сохтор ва самаранокии рушди муҷтамаъҳои саноатиро дар бар мегирад. Таҳлили мазкур равандҳо ва омилҳои васеъро фарогирӣ намуда, дар он арзёбии нишондиҳандаҳои фаъолияти муҷтамаъҳои саноатӣ, таҳлили сохтори он, арзёбии алоқаҳои технологии корхонаҳо ва фаъъолии инноватсионии онҳо, натиҷаҳои фаъолияти инноватсионии онҳо рушди соҳибкории хурду миёна дар минтақаҳо сурат мегирад. Дар идома арзёбии сатҳи рушди технологии худи корхонаҳои саноатӣ тариқи таҳлили сатҳи истифодаи таҷҳизоту технологияҳо ва арзёбии қафомондагии рушди технологии корхонаҳо нисбат ба рушди технологии милливу ҷаҳонӣ гузаронида мешавад. Дар раванди мазкур ҳамчунин омилҳои вобастагии технологӣ аз воридоти таҷҳизоту техника ва фаъолнокии инноватсионӣ дар рушди технологӣ, сатҳи тахассусияти кадрии кормандони корхонаҳо, алоқаҳои корхонаҳо бо ташкилотҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва макотиби олӣ, ҳолати молиявию иқтисодии онҳо муайян карда, таҳлили имкониятҳои маблағгузории корхонаҳо ба таҷдиди технологӣ гузаронида ва арзёбӣ карда мешаванд.

**Марҳилаи сеюм.** Дар марҳилаи мазкур таҳлили таъминоти илмии рушди технологии муҷтамаъҳои саноатӣ гузаронида мешавад, ки он аз муайян сохтани мавҷудияти ташкилотҳои илмӣ дар минтақа оғоз меёбад, ки онҳо маҳз ба хотири рушди технологии муҷтамаъҳои саноатӣ ба корҳои тадқиқотӣ-илмӣ ва лоиҳакашиву банақшагирӣ машғул мебошанд. Ҳамчунин дар доираи ҳамин таҳлил фаъолияти илмии муассисаҳои олии илмии ба манфиатҳои муҷтамаъҳои саноатӣ фаъолиятдошта баҳогузорӣ ва мавҷудияти зершӯъбаҳои онҳо дар корхонаҳо ва маблағгузорӣ шудани онҳо аз ҷониби корхонаҳо муайян карда мешавад. Ғайр аз ин таҳлили системаҳои омодасозӣ ва бозомӯзии мутахасисон, таъмин будани корхона бо мутахассисони варзида, сатҳи омодагии онҳо, саҳми ташкилотҳои бозомӯзонандаи минтақаҳо мавриди таҳлил қарор дода мешаванд.

**Марҳилаи чорум.** Дар ин давра таҳлили инфрасохтори технологии корхонаҳо дар сатҳи минтақаҳо ба таври алоҳида гузаронида шуда, фаъолияти онҳо мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд ва дар ҳолати мавҷудияти норасо роҳҳои бартараф намудани онҳо ва ташаккули марказҳои дахлдор, ба монанди марказҳои инжирингӣ, инкубаторҳои тичоратӣ (инноватсионӣ-технологӣ), брокерҳои технологӣ ва ғ. пешниҳод карда мешаванд. Баъдан таҳлили системаҳои идоракунии рушди технологии муҷтамаъҳои саноатӣ гузаронида мешаванд, ки дар он таҳлили сохтори ҳудудии идоракунии саноат гузаронида шуда, стратегияҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва инноватсионии муҷтамаъҳо ва тадбирҳои ҳавасмандгардонии давлатии рушди муҷтамаъҳои саноатии минтақаҳо баҳогшузорӣ карда мешаванд.

**Марҳилаи панҷум**. Марҳилаи мазкур аз коркарди сиёсати саноати инноватсионӣ ва илмиву технологӣ оғоз мегардад, ки он ҳамчун ҳуҷҷати меъёрӣ баромад намуда, ташаккулёбии шарту шароитҳои рушди алоқамандиҳои илмӣ-технологӣ ва инноватсионӣ, тақсимоти ӯҳдадориҳои мақомотҳои давлатӣ ва мақомотҳои худидоракунандаи маҳаллиро ҳангоми амалисозии сиёсати саноативу инноватсионӣ ва илмиву технологӣ муайян менамояд, пояи меъёрии минтақавии таъминкунандаи рушди муҷтамаъҳо ва тартибҳои меъёрии ташаккулёбии системаи минтақавии идоракунии стратегии рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатиро бунёд мекунад.

**Марҳилаи шашум.** Дар марҳилаи шашумояндабинии рушди илмӣ-технологии муҷтамаъҳои саноатӣ коркард карда мешавад, ки равандҳои таҳлили ҳолати тамоюлҳои ҷаҳонии рушди илмӣ-технологии саноат, таҳлили омилҳои ба рушди технологии муҷтамаъҳои саноатӣ таъсиррасон ва муайян намудани сенарияҳои мухталифи рушди муҷтамаъҳои саноат ва зерсоҳахои ба онҳо алоқамандро дар бар гирифта, ҳамчунинояндабинии рушди технологии соҳаҳои муҷтамаъҳои саноатӣ ва ташаккулёбии номгӯи технологияҳои афзалиятнокро фаро мегирад. Дар интиҳои таҳлил таъминоти мутахассисони рушди илмӣ-

технологии муҷтамаъҳои саноатӣ ва натиҷаҳои имконпазири рушди онҳо мавриди таҳқиқ қарор доша мешаванд.

**Марҳилаи ҳафтум.** Дар ин марҳила мақсадҳои стратегии ниҳоӣ ва афзалиятҳои рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ, нишондиҳандаҳои аҳдофӣ муайян карда шуда, нақшаҳои (хатҳои) технологӣ коркард карда мешаванд, ки асоси онҳоро ба роҳ мондани истеҳсолоти технологии баланд (татбиқи роботҳо, татбиқи воситаҳои рақамии муосир дар раванди истеҳсоли маҳсулот) ташкил медиҳанд.

**Марҳилаи ҳаштум.** Дар марҳилаи мазкур таклифҳои мушаххас оид ба ташаккулёбии системаи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳо дар минтақаҳо пешниҳод карда мешаванд, ки аз масоили муайянсозии самтҳои фаъолияти илмие, ки новобаста дар худи минтақаҳо амалӣ мешаванд, иборат буда, ҳамчунин асоснок гардонидани ташкил ва рушди шӯъбаҳои илмӣ дар минтақаҳоро фаро мегирад. Ҳамчунин дар ҳамин ҷо пешниҳодҳои мушаххас оид ба омодасозӣ ва бозомӯзии мутахассисон ва асоснокунии ташкил намудани объектҳои инфрасохтори технологӣ, инчунин рушди сохтори минтақавии идоракунӣ ва ташаккули муҳити ниҳодӣ пешниҳод карда мешаванд.

**Марҳилаи нуҳум.** Дар ин марҳила масъалаҳои ташкил ва иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва тавсеавию лоиҳакашӣ аз қабили ташаккулёбии мавзеъҳои технологии минтақаҳо ва коркарди нақшаҳои стратегии таҳқиқотӣ дар онҳо баррасӣ мешаванд ва ташкили фондҳои минтақавии илмӣ ва ҷобаҷогузории технологияҳо мавриди таҳқиқ ва амалисозӣ қарор мегиранд.

**Марҳилаи даҳум.** Дар марҳилаи даҳум масъалаҳои стратегӣ ва тадбирҳо оид ба рушди технологияҳои муҷтамаъҳои саноатӣ муайян карда мешаванд. Дар ин марҳила, пеш аз ҳама, масъалаҳои стратегии рушди технологии муҷтамаъҳои соҳавӣ муайян карда, баъдан таклифҳо оид ба рушди технологии алоқаҳои корхонаҳо дар муҷтамаъҳои саноатӣ пешниҳод карда мешаванд. Баъдан масъалаи ҳавасмандгардонии

татбиқи технологияҳои пешқадами истеҳсолӣ ва гузаштан ба ин технологияҳо ва даст кашидан аз истифодаи технологияҳои камсамар баррасӣ мегарданд.

**Марҳилаи ёздаҳум.** Дар марҳилаи мазкур механизмҳои амлисозии стартегия ва назорати он амалӣ мешавад, ки он фарогири муайян кардани давраҳои амалишавии стратегия, муайян кардани тартиби ташкили коркарди нақшаҳои стратегии рушди технологии корхонаҳо буда, системаи назоратӣ ва ташкили назоратро ташккул медиҳад.

**Марҳилаи дувоздаҳум.** Дар марҳилаи ниҳоӣ стратегияи рушди илмӣ-технологии муҷтамаъҳои саноатӣ барои омӯзиш ва муҳокима ба аҳли ҷамъият пешниҳод карда мешавад ва баъдан аз ҷониби мақомоти давлатӣ тасдиқ карда мешавад. Дар ин раванд саҳми мақомоти маҳалливу минтақавӣ низ ба назар гирифта мешавад. Ба мақсади амалишавии пайдарпайии давраҳо ва тадбирҳо муҳлати муайяни татбиқ ва иҷрои супоришҳову ӯҳдадориҳо аниқ ва тасдиқ карда мешаванд.

Ҳамин тавр, бояд тазаккур дод, ки дар маҷмуъ ҳангоми коркарди стратегия равандҳои пешбинии рушди илмиву технологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди ичтимоиву иқтисодии субъектони муҷтамаъҳои саноатӣ дар давраҳои дарозмуддат, стратегияи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии онҳо, ҳамчунин ҳуҷҷатҳои стратегии соҳавии рушди илмиву технологӣ муайян гардида, бо тамоюлҳои ҷаҳонии рушди илмиву технологӣ муқоиса карда шуда, самтҳо ва мақсадҳои асосии рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ, интизорҳои рушди технологии саноат дар минтақаҳо аниқ карда мешаванд. Ҳамчунин бояд дар назар дошт, ки стратегия барои ноил гардидан ба мақсадҳои ниҳоӣ мусоидат намуда, нуқтаҳои ба мақсад расонандаи рушди технологиро барои корхонаҳо муайян карда, барои амалӣ шудани таҳқиқотҳои илмӣ ва коркардҳои ташкилотҳои илмӣ, омодасозии мутахассисон замина гузошта, тадбирҳои амалишавии тамоми ҷанбаҳоро татбиқ созад.

Ғайр аз ин, барои ноил гардидан ба ҳадафҳои ташаккулдодашуда ҳам дар давраи ибтидоӣ ва ҳам дар давраҳои дарозмуддат стратегия бояд самтҳои мукаммалсозии муҳити ниҳодиро бо дарназардошти шароитҳои мавҷудаи механизмҳои ҳавасмандкунии манфиатҳои тарафҳо ва муттаҳидсозии иштирокдорони равандҳо дар тамоми минтақаҳои саноатӣ ва махсусан дар марказҳо фароҳам оварда тавонад.

Махсусан бояд дар назар дошт, ки баъд аз муҳокимаи ҳаматарафа ва тасдиқ гардидани стратегияи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ вай барои коркарди нақшаҳои рушди технологии корхонаҳо асос гардида, дар пояи самтҳои мухталифи он вобаста ба муҳимияти бандҳои ҷудогонаи он барномаҳои давлатӣ ва нақшаҳои асосии корхонаҳо татбиқ карда мешаванд.

Аз нуқтаи назари илмӣ ва ақоиди муаллифони гуногун, бештари нақшаҳои стратегии рушди илмӣ-технологии муҷтамаъҳои саноатӣ хусусияти индикативӣ, яъне тавсифӣ доранд, ки нишондиҳандаҳои онҳо ба ҳайси нуқтаи истинод баромад мекунанд. Барои ноил гардидан ба мақсадҳои вогузошташуда бояд татбиқи ҳавасмандкуниҳо ва воситаву абзори идоракунии хуб ба роҳ монда шаванд ва бояд дар назар дошт, ки ҳамзамон қисмати бештари масоили вогузошташуда дар доираи ваколоти мақомотҳои идоракунии маҳаллӣ ва марказӣ тавсифи ҳатмӣ доранд[1].

---

[1] Ниг. масалан ба: Разумовская Е.А. и др. Финансовое планирование и прогнозирование // Учеб. пособие / Е.А. Разумовская, М.С. Шуклин, В. И. Баженова, Е.С. Панфилова / под общ. ред. Е.А. Разумовской. - Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2017. - 284 с.; Ерыгина Л.В., Рыжая А.А. Методический подход к формированию стратегии научно-технологического развития промышленного комплекса региона // РЭиУ. 2017. №2 (50). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/metodicheskiy-podhod-k-formirovaniyu-strategii-nauchno-tehnologicheskogo-razvitiya-promyshlennogo-kompleksa-regiona (санаи мурочиат ба сомона: 09.09.2022); Белякова Е.В., Беляков Р.А. Принципы формирования стратегии технологического развития промышленного комплекса региона // Сибирский аэрокосмический журнал. – Красноярск 2014. - № 5 (57). – С.216-220.; Прогноз научно-технологического развития Российской Федерации на долгосрочную перспективу. Электронный ресурс: URL: https://www.ncfu.ru/export/uploads/Inovations/SKFUprognoz_ntr.pdf (санаи мурҷиат ба сомона: 11.09.2022); Мантуров Д.В. О промышленной политике России на

Ҳамин тавр бояд ҳангоми коркарди стратегияи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ пайдарпайии мантиқии татбиқшавӣ риоя гардад, зеро он заминаи асосии системаи банақшагирии стратегии рушди иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон дар назар доштан лозим аст, ки мафҳуму мундариҷаи стратегия бояд мураккаб набошад, Ҳамчунин раванди ташаккули барномаҳои дар заминаи стратегия омода шаванда низ сода ва дастрас буда, бояд танҳо фарогири масоили мубрам ва мушаххаси технологияҳои афзалиятнок бошад. Бо дарназардошти он, ки фаъолияти инноватсиониву илмӣ ва технологӣ тамоми соҳаҳои иқтисодиётро фарогирӣ менамояд, ба ташаккули системаи идоракунии равандҳои илмиву технологӣ диққати махсус додан зарур аст. Бешак дар омодасозии чунин асноди муҳим иштироки васеи кормандони илмӣ, ниҳодҳои марбута, муассисаҳои олии таълимӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, вазоратҳо ва муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ зарур мебошад.

### 3.2. Мукаммалгардонии механизмҳои рушди сиёсати саноатӣ ва соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба низому тартиб даровардан ва дар маҷмуъ рушд додани иқтисодиёт ва дар ин замина рушд додани муҷтамаъҳои саноатӣ дар шароити муосир аз худ тадбирҳоеро талаб менамояд, ки онҳо бояд дорои тавсифоти қонунӣ, назоратӣ ва иҷрошавандагӣ бошанд. Онҳо асосан аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо мақсади ба низом даровардани системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва мусоидат намудан ба тағйирёбии шароитҳо амалӣ карда мешаванд. Дар ин ҷода, барои муҳайё гардидани муҳити созгор тадбирҳои бартараф намудани монеъаҳои батанзимдарорӣ аз ҷониби мақомоти давлативу маҳаллӣ ба миён меояд, ки он талаботи низоми муосири хоҷагидорӣ мебошад. Ҳамзамон бояд дар хотир дошт, ки мутавозинии принсипҳову омилҳои

перспективу 2018-2030 гг. // Вестник МГИМО-УНИВЕРСИТЕТА / Д.В. Мантуров. – М., 2018. - № 4 (61). – С. 7-22.

амалисозии афзалиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бояд ба назар гирифта шаванд. Аз ин лиҳоз дар сиёсати саноатӣ ҳадафҳои ноил гардидан ба хоҷагидории самараноки тамоми субъектони иқтисодӣ ба назар гирифта шуда, дар ин замина барои муосидат намудан ба рушди тенникиву таҷдидсозии истеҳсолот ва баропо намудани рақобати солим, такмили ифрасохтори иҷтимоиву истеҳсолӣ ва баландбардории сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ кӯшиш ба харҷ дода шавад.

Зарурати мукаммалсозии механизмҳои ташаккулёбии сиёсати саноатӣ вобаста аз зуҳуроти макроиқтисодии мавҷудбуда ва ба вуҷудоянда ба миён омада аст. Дар сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати ҷумҳурӣ вобаста ба самтҳои устувор намудан ва рушд додани иқтисодиёт, ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии миллӣ - саноатикунонии босуръат қабул карда шуд. Аз ҷумла дар Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2019 қайд гардида аст, ки «Мо таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ–индустриалӣ ба индустриалӣ–аграрӣ амалӣ гардонида истодаем. Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3 фоиз афзоиш ёфт»[1]. Хукумати кишвар аҳамияти хосаи соҳаҳои саноатро ба инобат гирифта, мақсад гузошта аст, ки дар доираи саноатикунонии босуръати кишвар ҳиссаи саноат дар ММД-ро то соли 2030 ба 22 % расонад. Аз ин лиҳоз «...зарурати ташаккул додани

[1] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2019. – ш. Душанбе, 26.12. 2019.

консепсияҳои навини рушди стратегӣ ба ҳайси афзалиятнокии сиёсати саноатии миллӣ бештар аён мегардад. Дар ин раванд талаботи сахт на танҳо ба муайян кардани самтҳои дурусти стратегӣ барои иқтисодиёти кушода вҷуд доард, балки барои усулҳои ноил гардидан ба афзалиятҳо низ мавҷуд мебошад. Чи хеле ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад интихоби дурусти стратегияи ғизлати захираҳои миллӣ барои рушди инноватсионӣ ва устувор аҳамияти хоса дорад. Чунин стратегия дар доираи сиёсати саноатӣ муайян мегардад».[1]

Сиёсати саноатӣ тамоми сатҳҳои давлатӣ ва идоракуниро муттаҳид месозад ва дар ташаккулёбиву амалисозии он ҳам марказҳои идоракунандаи маҳаллӣ ва ҳам бахши хусусиву ҳам бахши давлатӣ ва соҳаҳои илмиву таҳқиқотӣ иштирок менамоянд. Ҳамзамон татбиқи роҳҳои самаранок гардонидани бахшҳои гуногуни саноат ва дар ин замина такон додан ба рушди иқтисодиёти миллӣ тадбирҳои махсусро талаб мекунад. Ҳоло масъалаҳои мубрами давраи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳҳои такмил додани системаи саноат ва ташаккули сиёсати саноатӣ ва татбиқи роҳҳои инноватсионӣ дар онҳо, мавриди таҳқиқи мутахассисон ва олимони иктисоддон қарор гирифта, маҷмӯи интишороти илмӣ, ки фарогири масоили мубрами рушди саноат ва рушди инноватсиониву мутобиқгардонии он ба тартиботи технологӣ мебошанд, зиёд шуда истодаанд. Дар ин замина системаи миллии рушди соҳаҳои саноатӣ ташаккул ёфта истодаанд, ки алоқамандиҳои онро метавон чунин инъикос намуд (расми 3.2.)

Дар шароити муосир рушд ёфтани соҳаи саноат, аз ҷумла рушд он дар самти инноватсияҳо ва таҷдиди бахшҳояш яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, муносибатҳо ва алоқамандиҳои корхонаҳои он бояд дар ҳамрадифӣ ба фаъолияти

[1] Рамазанова Б.К. Стратегические направления развития промышленности региона // Региональная экономика: теория и практика. – М., 2012 - № 46. – С. 21. (21-23).

инноватсиониашон ба ноил гардидан ба натиҷаҳои беҳтарин равона гарданд.




**Расми 3.2. Сохтори системаи идоракунии рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

***Таҳияи муаллиф***

Дар баробари ин расидан ба натиҷаҳои назаррас дар ҳама сатҳҳо ҳамҷоя бо татбиқи потенсиали инноватсионӣ ба роҳ монда шуда, ба иҷрои масъалаҳои вогузошташуда ва мушаххас гардонидани ҳадафҳо диққати махсус бояд дода шавад. Дар ин замина ҷустуҷӯи роҳҳои дурусти такмили бахши саноат талаботи асосии сиёсати саноатӣ мегардад.

Яке аз роҳҳои муҳимми ба рушди соҳаҳои саноати кишвар таъсиркунанда ин ташаккули сиёсати воридотивазкунанда мебошад. Вобаста ба ташаккул додани сиёсати воридотивзкунандаи соҳаҳои саноат олимони ватанӣ ва хориҷӣ аҳамияти муҳим доштани онро бо

тарзҳои гуногун ифода мекунанд. Аз ҷумла корҳои олимони ватанӣ С.Ҷ. Комилов, Ш.М. Бобошоев, М.М. Ахмедова, А.Ф. Комилов, А.М. Раҳимов, Ф.К. Шамсиев ва дигарон ба тавсияи мукаммалсозии пояи назариявӣ, меъёрии ҳуқуқӣ, пояи ниҳодӣ ва дар ин замина беҳтар кардани муносибатҳои дуҷониба байни кишварҳои дуру наздик бахшида шудаанд. Масалан Ҷ.А. Алиҷонов қайд мекунад, ки «Барои беҳтар гардонидани самараи мултипликативии ба миён омада зарур аст, ки стратегияи ҳавасмандгардониии истеҳсолкунандагони ватанӣ барои ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ бо молу масолеҳ коркард карда шавад. Ин ҷо гап дар бораи татбиқи стратегияи воридотивазкунанда меравад. Равишҳои назариявӣ исбот намудаанд, ки стратегияи воридотивазкунанда ба беҳтар гардидани шароитҳои тичорати берунаи кишвар мусоидат хоҳад кард».[1]

Дар маҷмуъ таҳлилҳои санадҳо ва барномаҳои соҳавӣ нишон медиҳанд, ки ҳарчанд барномаҳои стратегӣ баъзе тавсифҳо оид ба норасоҳои соҳаро муайян намуда бошанд ҳам, аммо дар барномаҳои қабулгардидаи рушди соҳаҳо дар сатҳи зарурӣ баъзе принсипҳои зарурӣ ба назар гирфта нашудаанд (масалан принсипҳои системанокӣ, ченшавандагӣ, амалишавандагӣ ва ғ.).

Масалан, соли 2016 «Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солхои 2016-2020» қабул гардида буд, ки он барои «таъмини болоравии истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва воридотивазкунанда тавассути андешидани тадбирҳо дар самтҳои пешниҳоди механизми самараноки дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон ва содиркунандагони молҳои ватанӣ ва гузаронидани ислоҳоти зарурӣ дар бахшҳои воқеӣ»[2]

---

[1] Алиджонов Дж.А. Импортозамещающий экономический рост в условиях переходной экономики (на примере Республики Таджикистан) / Дж.А. Алиджонов / Дисс. на соис. уч. степени док-ра экон. наук. 08.00.01. – Худжанд, 2021. –С. 255. (316 с.)

[2] Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумхурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 // Бо ққарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 503 тасдиққ шуда аст.

нигаронида шуда буд. Аммо вобаста ба натиҷаҳои амалисозии барнома аз ҷониби ташхисгарон ягон таҳлили системавӣ гузаронида нашуда аст, маълумотҳои пешниҳодгардида томияти равандҳо ва натоиҷи тадбирҳои ба амалисозӣ равонагардида, ҳамчунин ноил гардидан ба ҳадафҳои консепсияҳо ва дигар ҷузъҳоеро, ки самаранокӣ ва хароҷотҳои дар натиҷаи воридотивазкунӣ ба зуҳурояндаро инъикос карда тавонанд, пурра фаро намегиранд. Ҳамчунин роҳҳо ва усулҳои пайдо кардан ва ҷалб намудани маблағгузориҳо ба самаранoктар истифода шудани иқтидори мавҷудаи бахшҳои саноатӣ ва афзалиятҳои соҳавӣ дар доираи воридотивазкунии бахшҳо муайян карда нашуданд ва стратегияҳои бозориву идоракуние, ки ҳолатҳои гуногунро фарогирӣ намоянд, инчунин мақоми равандҳои инфрасохториву ниҳодӣ ва иттилоотӣ низ ба назар гирифта нашудаанд.

Агар ба инобат гирем, ки воридотивазкунӣ ин истеҳсоли масолеҳи дар дохил истеҳсолшаванда ва маҳсулоти аз берун воридшавандаро ивазкунанда аст, пас бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки он хушсифат бошад. Баъд аз ҳадафи чорум эълон намудани саноатикунонии кишвар, аз соли 2021 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равандҳои истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ба роҳ монда шуд, ки он аслан ба саноати сабук, хӯрока, нақлиёт, тандурустӣ тааллуқ дорад. Чи хеле ки аз маълумотҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд «Бештари корхонаҳои нави маҳсулоти воридотивазкунанда истеҳсол мекарда ба саноати сабук тааллуқ доранд. Махсусан истеҳсоли либосворӣ, ҷорӯб ва матоъҳои пахтагин ба роҳ монда шуда, дар ҷануби кишвар дар назар аст, ки 2 корхонаи калони нассоҷӣ сохта шавад. Дар ин замина дар бахши сохтмон ва маҳсулоти хӯрока ба натиҷаҳои назаррас ноил гардида, истеҳсолоти гӯшт, меваи хушк ва орд ба 90% талаботи аҳолии дохилӣ расонида шудаанд. Дар бахши сохтмон бошад

истеҳсоли гипсокартон ва семент аз талаботи дохилӣ зиёд буда, соли гузашта масолеҳи сохтмонӣ ба миқдори 60,3 млн. долл. фурӯхта шуд»[1].

Аз маълумотҳои ҷадвали 3.2 бармеояд, ки таносуби содирот нисбат ба воридот дар бештари бахшҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон камтар буда, танҳо дар бахши истеҳсоли нассоҷӣ ва маҳсулоти он ҳисссаи содирот калон мебошад ва соли 2020 нисбат ба соли 2015 ба 14,8 % афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми содироти он дар соли 2020, нисбат ба воридоташ 113,6 млн. долларро ташкил медиҳад. Ғайр аз ин ҳиссаи содироти пӯсти хом, чарм, мӯина ва маснуот аз онҳо дар соли 2020 нисбат ба соли 2015 ба 0,6 млн. дол. кам шуда бошад ҳам, аммо нисбат ба воридот1,8 маротиба зиёд мебошад.

**Ҷадвали 3.2. Таносуби воридот ва содироти бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. доллари ИМА**

| Маҳсулоти саноатӣ | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020/2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ дар саноат** | I | **3435,6** | **3031,0** | **2724,9** | **3451,0** | **3349,3** | **3150,9** | 91,7 |
| | II | **890,6** | **898,7** | **1198,0** | **1073,3** | **1174,3** | **1406,9** | 158,0 |
| Хӯрокворӣ, машруботи спиртӣ ва беспирт, тамоку | I | 243,2 | 190,6 | 216,8 | 232,0 | 277,5 | 295,2 | 121,4 |
| | II | 2,3 | 4,1 | 5,0 | 3,8 | 5,1 | 8,8 | 382,6 |
| Маҳсулоти маъданӣ | I | 571,0 | 484,8 | 485,6 | 582,6 | 628,1 | 551,1 | 96,5 |
| | II | 204,1 | 307,1 | 487,1 | 544,4 | 459,3 | 275,6 | 135,0 |
| Маҳсулоти саноати кимиё | I | 327,4 | 336,9 | 319,0 | 302,9 | 326,9 | 231,0 | 70,6 |
| | II | 0,7 | 2,2 | 2,8 | 8,0 | 8,1 | 5,9 | 842,9 |
| Пластмасса ва маснуот аз он | I | 82,1 | 91,3 | 93,9 | 105,8 | 127,5 | 116,9 | 142,4 |
| | II | 0,5 | 0,5 | 0,8 | 0,5 | 0,9 | 0,5 | 100,0 |
| Пӯсти хом, чарм, мӯина, ва маснуот аз онҳо | I | 1,7 | 1,0 | 1,7 | 1,6 | 2,4 | 1,1 | 64,7 |
| | II | 3,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,7 | 2,9 | 82,9 |
| Чӯбу тахта ва маснуоти чӯбу тахта | I | 205,2 | 131,0 | 131,8 | 123,9 | 127,5 | 120,8 | 58,9 |
| | II | 0,1 | 0,2 | 0,4 | 0,2 | 0,2 | 0,1 | 100,0 |
| Қоғазпораву, картон, қоғазкӯҳнаҳо | I | 40,9 | 54,5 | 51,6 | 48,9 | 43,9 | 40,3 | 98,5 |
| | II | 0,7 | 0,1 | 0,1 | 0,9 | 1,2 | 0,6 | 85,7 |
| Нассоҷӣ ва маснуоти нассоҷӣ | I | 57,0 | 70,7 | 66,4 | 60,1 | 80,6 | 82,7 | 145,1 |
| | II | 171,0 | 153,1 | 181,8 | 226,4 | 200,5 | 196,3 | 114,8 |
| Маснуот аз санг, гулгаҷ, семент | I | 83,9 | 102,6 | 91,8 | 84,7 | 70,8 | 60,9 | 72,6 |
| | II | 0,0 | 0,1 | 0, 0 | 0,0 | 0,3 | 0,2 | |
| Филизоти арзонбаҳо | I | 333,5 | 347,2 | 283,8 | 407,8 | 323,5 | 338,7 | 101,6 |
| | II | 232,1 | 225,4 | 229,4 | 235,4 | 217,9 | 187,1 | 80,6 |
| Мошинҳо, дастгоҳҳо, механизмҳо, қисмҳои онҳо ва ғайраҳо | I | 523,4 | 468,4 | 299,6 | 427,6 | 423,9 | 339,0 | 64,8 |
| | II | 14,6 | 18,4 | 14,9 | 10,6 | 7,0 | 5,3 | 36,3 |
| Воситаҳои нақлиёти заминӣ ва ҳавоӣ | I | 223,7 | 187,9 | 216,3 | 307,2 | 325,7 | 226,8 | 101,4 |
| | II | 10,5 | 39,2 | 25,9 | 16,3 | 16,0 | 6,0 | 57,1 |
| Молҳои гуногуни саноатӣ | I | 42,4 | 42,6 | 43,5 | 44,9 | 53,2 | 41,9 | 98,8 |
| | II | 0,3 | 0,7 | 0,3 | 0,3 | 0,6 | 1,2 | 400,0 |
| **Эзоҳ: I – Воридот; II – Содирот** | | | | | | | | |

[1] Сомонаи расмии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон. Захираи электронӣ. Режими дастраскунӣ ба маълумотҳо: http://industry.tj/tj/services/ (санаи муроҷиат ба сомона: 01.11.2022)

**Таҳияи муаллиф дар асоси:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, АОНПҶТ, 2021. – С. 51-59.

Ҳамин тавр таҳлил нишон медиҳад, ки ҳарчанд дар баъзе бахшҳои саноат нисбат ба содироти маҳсулот тамоюли афзоишёбӣ ба назар расад ҳам, вале тадбирҳои андешидашудаи ба самтҳои баланд бардоштани иқтидори содиротии бахши саноат равона гардида, нокифоя ба назар мерасанд. Баъд аз ба итмом расидани муҳлати «Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солхои 2016-2020» дар ҷумҳурӣ «Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» қабул гардида, амал карда истода аст, ки бар хилофи аз барномаи пештара ҳолатҳои фаъолияти ба содирот ва воридот алоқамандбуда мавриди таҳлил қарор гирифта шуда аст ва барои беҳтар гардонидани вазъ ва иқтидори содиротии корхонаҳои кишвар тадбирҳои мушаххас андешида шуда, андозаи дастгирии давлатӣ ва сарчашмаҳои маблағгузориҳои амалисозии лоиҳаҳои воридотивазкунӣ муайян гардидаанд.[1] Вале бояд қайд намоем, ки дар барномаи стратегии мазкур, ки ҳуҷҷати муҳимми ба равандҳои сиёсати саноатӣ марбутбуда ба ҳисоб меравад, механизмҳои маҷмуавии идоракунии рушди содироти кишвар дарҷ карда нашудаанд.

Бештари корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ дар бахшӣ саноати коркард, чӣ дар бахши саноати сабук ва ё истихроҷ дар ғанӣ гардонидани буҷаи кишвар саҳми беандоза доранд ва рушд додани равандҳои воридотивазкунӣ дар ин корхонаҳо ба баланд гардидани вазъи иқтисодии ҳам худи онҳо ва вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар оварда, инчунин дар маҷмуъ ба самаранок гардидани бехатарии иқтисодӣ мусоидат хоҳад кард. Барои ҳамин ҳам бояд дастгирии бевоситаи давлат дар раванди амалисозии стратегия ва консепсияҳои воридотивазкунии корхонаҳо дар чунин мавриди дар марҳилаи аввал бояд истад. Дар робита ба дастгирии давлатии равандҳои

[1] Ниг: Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 // Карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021 тасдиққ шуда аст. – ш. Душанбе, № 169.

воридотивазкунии корхонаҳои саноатаии кишвар ҳарчӣ бештар ба самтҳои маблағгузориҳо бояд аҳамият дода шуда, дастгирӣ дар ин раванд самт ба самт ва аз рӯи таъиноташон суроға ба суроға мавриди татбиқ қарор бигирад.

Агар маълумотҳои дар ҷадвали 3.3 овардашударо мавриди таҳлил қарор диҳем, он гоҳ мебинем, ки амалиётҳои содиротиву воридотӣ дар байни кишварҳои ИДМ нисбат ба амалиётҳои онҳо ба дигар кишварҳо афзунтар аст. Ин ба он шаҳодат медиҳад, ки муносибатҳои кишварҳои ИДМ боз ҳам густариш ёфта аст.

**Ҷадвали 3.3. Ҳаҷми умумии амалиётҳои содиротиву воридотии кишварҳои ИДМ дар соли 2021, млн. долл. ИМА**

| | | Содирот | Нисбат ба соли 2020 бо % | Воридот | Нисбат ба соли 2020 бо % | Салдои тавозуни тиҷоратӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 2020 | 2021 |
| Озарбойҷон | I | 22206,7 | 161,7 | 11705,8 | 109,1 | 3000,6 | 10500,9 |
| | II | 20415,6 | 164,3 | 8779,2 | 110,7 | 4496,4 | 11636,4 |
| Арманистон | I | 3022,4 | 119,1 | 5356,8 | 116,9 | -2046,3 | -2334,4 |
| | II | 2086,2 | 116,4 | 3345,6 | 116,2 | -1086,4 | -1259,4 |
| Беларус | I | 39889,0 | 136,7 | 41810,7 | 127,6 | -3588,3 | -1921,7 |
| | II | 15976,8 | 140,9 | 15883,6 | 110,7 | -3013,1 | 93,2 |
| Қазақистон | I | 60339,6 | 126,9 | 4173,8 | 105,8 | 8611,7 | 191165,8 |
| | II | 47943,9 | 124,9 | 20760,7 | 90,7 | 15509,4 | 27183,2 |
| Қирғизистон | I | 1658,9 | 84,1 | 5570,1 | 149,8 | -1745,6 | -3911,2 |
| | II | 634,8 | 52,1 | 2529,8 | 160,8 | -354,3 | -1895,0 |
| Молдова | I | 3144,4 | 127,5 | 7176,6 | 132,5 | -2948,9 | -4032,2 |
| | II | 2678,2 | 128,1 | 5271,3 | 128,6 | -2008,2 | -2593,1 |
| Россия | I | 491580,3 | 145,8 | 293420,1 | 126,7 | 105437,3 | 198160,2 |
| | II | 427001,6 | 148,0 | 262076,7 | 126,8 | 81837,3 | 164924,9 |
| **Тоҷикистон** | **I** | **2149,6** | **152,8** | **4209,5** | **133,6** | **-1744,0** | **-2059,9** |
| | **II** | **1574,9** | **140,9** | **1664,1** | **153,7** | **34,9** | **-89,2** |
| Узбекистон | I | 14063,1 | 107,4 | 23724,2 | 119,0 | -6835,1 | -9661,1 |
| | II | 9757,5 | 99,1 | 13912,3 | 110,6 | -2736,4 | -4154,8 |
| Украина | I | 68089,3 | 138,4 | 72816,8 | 134,0 | -5144,3 | -4727,5 |
| | II | 60805,1 | 140,6 | 59870,9 | 130,4 | -2658,5 | 934,2 |
| **Ҳамагӣ дар ИДМ** | **I** | **706143,3** | **141,7** | **506964,4** | **125,1** | **92997,4** | **199178,8** |
| | **II** | **588874,6** | **143,6** | **394094,3** | **123,2** | **90021,1** | **194780,3** |
| **Эзох:** I - Ҳаҷми умумии амалиётҳои содиротиву воридотӣ дар кишварҳои ИДМ; **II** – Содирот ва воридот дар тиҷорати кишварҳои ИДМ бо дигар кишварҳо. | | | | | | | |

**Таҳияи муаллиф аз рӯи:** Маълумотҳои омории Кумитаи омори ИДМ // Захираи электронӣ: http://www.cisstat.com/rus/relis2022-03-05.pdf (санаи муроҷиат ба сомона: 28.11.2022)

Чӣ хеле ки дар бахшҳои пешинаи кори таҳқиқотӣ зикр гардида буд, то аввали соли 2021 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2283 корхонаи саноатӣ ба

қайд гирифта шудаанд, ки ҳамаи онҳо ба буҷети кишвар даромади назаррас меоваранд. Бояд қайд намоем, ки дар доираи ноил гардидан ба ҳадафи чоруми стратегии кишвар, вазъи кунунӣ ва ҳолати муосири системаи саноатии кишвар ҷавобгӯ нест. Айни замон алалхусус барои рушд ёфтани саноат ва рушди воридотивазкунӣ дар он таъсири омилҳои беруна ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ хело назаррас менамоянд. Масалан, ба рушди воридотивазкунӣ таъсири шиддат гирифтани рақобати кишварҳо (ба роҳҳо ва фишангҳои гуногун амалӣ карда мешаванд), дастрасӣ ба бозорҳои молиявӣ, харидории технологияҳо, аз лиҳози технологӣ ақибмонда будани саноати кишвар ба таври амиқ ба назар мерасад. Ғайр аз ин паёмадҳои муноқишаи Россия бо Украина, таҳримҳои кишварҳои ғарбӣ низ ҳам ба муносибатҳои байнидавлатӣ ва ҳам ба муносибатҳои иқтисодӣ таъсир дорад, ки албатта бахши саноат низ гирифтори ин муассирот хоҳад гардид. Ин бошад, водор месозад, ки сиёсати саноатии кишвар ва сиёсати соҳавӣ дар бахшҳои иқтисодӣ бо такя ба захираҳои ғании мавҷудаи кишвар, таъмин будан бо захираҳои энергия (аз ҷумла барқи обӣ, ангишт) ва мавҷудияти қувваи корӣ беҳтар гардонида шавад ва имкониятҳои гузаштан ба тартиби нави технологӣ, рақамишавии иқтисодиёт, ҳамкориҳои байнидавлатӣ, афзоиши маҳсулнокӣ фарохтар гарданд. Дар ин замина дастгирии фарохи соҳаҳои алоҳидаи саноат аз ҷониби давлат метавонад таъсири синергетикии худро расонад, чун ин раванд на танҳо боиси рушди як самти мушаххас мегардад, балки метавонад бахшҳои дигарро низ аз қафояш барад (масалан иштиғол, ҷойҳои корӣ, ҳамкориҳои байнибахшӣ аз қабили бахши ашёи хом ва истеҳсоли маҳсулот ва ғ).

Аммо бояд дар назар дошт, ки амалишавии стратегияи рушди соҳавӣ танҳо дар пояи сиёсати мақсадноки давлат ва дар доираи барномаҳои мақсадноки иҷтимоӣ имконпазир хоҳад шуд. Ҳамзамон мувофиқ ба мақсад бояд дар барномаҳои татбиқшаванда меъёрҳои интихоби соҳаҳое ба назар гирифта шаванд, ки онҳо, пеш аз ҳама, ба боварӣ сазовор бошанд ва аз уҳдадориҳои ба зимма гирифтаашон ба

хубӣ баромада тавонанд. Ғайр аз ин бояд дар назар дошт, ки ба танзим даровардан ва назорат кардани равандҳои рушди воридотивазкунандагии корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла амалисозии тадбирҳои нақшаҳои ба содирот намудан ва воридотивазкунӣ нигаронидашударо дар доираи механизми маҷмӯавии такмили иқтидори иқтисодии соҳаҳо амалӣ намудан ба мақсад мувофиқ хоҳад буд. Аз ҷониби мо дар таҳқиқот чунин намуди механизми амалисозии тадбирҳои равнақ додани сиёсати воридотивазкунии соҳаи саноат пешниҳод мегардад, ки ба рушди сиёсати саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар заминаи он равнақ ёфтани воридотивазкунандагии бахши саноат мусоидат хоҳад кард (расми 3.3).

Вобаста ба инъикоси муҳтавои модели консептуалии рушди сиёсати саноатӣ ва рушди вордотивазкунии саноат дар доираи механизмҳои равнақёбии воридотивазкунии системаи саноат бояд қайд намоем, ки, пеш аз ҳама, иқтисодиёти инноватсионӣ ба идора ва танзими давлатӣ, инчунин ба назарияи кластерӣ такя мекунад. Ба ин ваҷҳ пешниҳоди нуктаҳои муҳимми равнақдиҳии сиёсати саноатӣ ва, дар ин замина, рушд ёфтани системаи саноатӣ, методологияи ташкили унсурҳои ба онҳо мусоидаткунандаро ироа месозем, ки ба мақсади дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда мувофиқ мебошад:

**1. Идора ва танзими давлатӣ.** Дар бобати **и**дора ва танзими давлатӣ олимони гуногун ақидаҳои мухталиф пешниҳод кардаанд. Масалан, Демерчи В.В. нақши танзими давлатиро дар сатҳи минтақаҳо (вилоятҳои федеративӣ) ва ба роҳбарияти минтақаҳо вогузор кардани идоракунии сиёсати саноатӣ мебинад[1]. Аммо дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор намудани танзим ва идораи комили равандҳои ба рушди сиёсати саноатӣ ва бахши саноат тааллуқ дошта ба дӯши ниҳодҳои минтақавӣ ғайрисамар хоҳад буд. Чун хатари афзоиш ёфтани сатҳи бюрократия,

---

[1] Демерчи В.В. Государственное регулирование развития промышленной политики в рамках региона // Известия Санкт-Петербургского государственного экономического университета. - СПб, 2015. № 6 (96). – С. 106-109.

фасод, зиёдаравӣ, изофанависӣ, рақобати носолим ва ғ. ҷой доранд. Сиёсати саноатии давлатӣ бояд фарогири манфиатҳои рушди умумие бошад, ки он дар барномаҳои минтақавӣ дарҷ гардида, самтҳои асосии макроиқтисодии ҳар як минтақаро муайян созад. Муайян кардани минтақаҳо вобаста ба масъулиятҳои ба ӯҳда гирифтаашон, ва иқтидори иқтисодии онҳо бо афзалиятнокии то чӣ андоза аз ӯҳда баромаданашон ва табиқ кардани равандҳои дар сиёсати санонатӣ пешгирифта бояд амалӣ шавад.




**Расми 3.3. Модели консептуалии рушди сиёсати саноатӣ ва рушди воридотивазкунии саноат**

Дар навбати худ, танзими давлатӣ ва идораи сиёсати саноатӣ аз ҷониби давлат бояд на танҳо иҷтимои умумии амалишавии сиёсати саноатиро таъмин намояд, балки ба доираҳои сифатноку ҳавасмандкунии субъектони истеҳсолоти саноатӣ дар минтақаҳо низ диққати махсус диҳад. Барои ин ташкили ассотсиатсияҳои минатқавии таъсиррасонандаро ба роҳ мондан зарур аст.

Олимони ватанӣ Низомова Т.Д., Комилов С.Ҷ., Файзуллоев М.Қ. ва дигарон рушд додани системаи саноатӣ дар партави идора ва танзими давлатиро дар бархӯрди дастгирии давлатии равнақдиҳии сиёсати инноватсионӣ мебинанд. Аммо бояд дар назар дошт, ки давлат субъекти асосии сиёсати воридотивазкунандагии соҳаи саноат буда, ҳамчун объекти асосии сиёсати саноатии давлат - ҳамаи соҳаи саноат дар маҷмӯъ (ҳамчун системаи ягона) бояд бошад.

Дар навбати худ масъалаи мудохилаи давлат ба иқтисодиёт, усулҳо ва тарзҳои идоракунӣ, таъсиррасонии давлат ба соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла бахши саноат, масъалаи мубрам буда, дар доираҳои илмӣ мавриди мубоҳисаҳои сершуморе, карор гирифта аст ва дар доираи мубоҳисаҳо моделҳои серушморе пешниҳод гардидаанд[107]. Вале дар амал татбиқ намудани яке аз ин моделҳо номувофиқатиро ба миён оварда, ногузир ба татбиқи яклухти онҳо водор месозад. Воқеъияти иқтисодиёти муосири кишвар инъикос мекунад, ки фаъолияти табдилёбиҳои ниҳодии охирин боиси ташаккули муҳаррики пурқуввати рушддиҳанда дагардад. Аз ин рӯ таҷдиди назар кардани сиёсати саноатие, ки иқтидорманд бошад, ба миён омада аст. Ба ақидаи Бидтаева Э.Е. «Усули муассири

[107] Ниг. масалан ба: Винслав Ю.Б. Государственное управление и национальная промышленная политика: Актуальные задачи совершенствования // Правовая информатика. – М., 2016. - № 1. - С. 45-57; Взаимодействие бизнеса и власти в современной России. Промышленная политика / В.П. Евтушенков и др. // Под ред. А.Н. Шохина. - М.: «РСПП», 2021. - 183 с.; Теоретические основы формирования промышленной политики // Колл. Монография / Под ред. д-ра экон. наук, проф. А.В. Бабкина. - СПб., 2015. – 462 с.; Симачев Ю.В., Кузык М. Г., Погребняк Е.В. Промышленная политика федерального уровня: базовые модели и российская практика // Новая экономическая ассоциация. 2018. № 3 (39). - С. 146-154. URL: https://publications.hse.ru/articles/223997868 (санаи мурочиат ба сомона: 06.01.2023).

амалисозии сиёсати саноатӣ ин пешниҳод кардани захираҳои иловагӣ ба субъектони ҷудогонаи иқтисодӣ дар асоси муайян сохтани «нуқтаҳои рушд» мебошад. Ин истифодаи нисбатан шиддатноки имкониятҳои буҷетиро дар назар дорад. Ба ҳайси «нуқтаи рушд» метавонанд гурӯҳҳои саноатӣ-молияве баромад кунанд, ки онҳо постулатҳои модели тиҷоратии рушди иқтисодӣ мебошанд».[108]

Идора ва танзими давлатӣ ҳамчунин маблағгузориҳои мустақими бахши саноатиро дар назар дорад, ки тавассути он давлат ба иқтисодиёт таъсир расонида метавонад. Дар ин замина идоракунии молиявӣ давлат ва танзими пуливу қарзӣ, ки аз унсурҳои сиёсати андозбандӣ, истеҳлокӣ, гумрукӣ ва ғ. иборат мебошад, таъсиргузор аст. Ғайр аз ин сиёсати саноатии давлат самараноктар мегардад агар, дараҷаи таъсири давлат ба объектҳои идоракунӣ муайян гардида, ташаккули фазои мусоиди содиротӣ тавассути такмилдиҳии пояи меъёрии ҳуқуқии бахши саноат ва таҷдиди инфрасохтори нақлиётиву логистикӣ, ҷалби сармоягузориҳо амалӣ гарданд.

Боиси қайди зарурӣ аст, ки дар таркиби идораи давлатии рушди сиёсати саноатӣ ва ташаккули барномаҳои соҳавию минтақавӣ, ба таври ҳатмӣ бояд бехатарии иқтисодӣ мақоми хос дошта бошад. Чун замони муосир аз лиҳози бархӯрдҳои сиёсии «абарқудратҳо» равандҳои шиддатнокро аз сар гузаронида истода аст. Бинобар ин гирифторӣ ба «гегемония»-и ягон кишвари абарқудрат ва эҷоди монеаҳои сиёсӣ ба манфиатҳои миллӣ, рушди иқтисодӣ «латма» хоҳад зад. Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати «дарҳои кушод»-ро пеша карда, барои рушди соҳаҳои саноати кишвар сармоягузориҳои кишварҳои гуногунро ҷалб намуда аст, ки солҳои охир кишвари Чин дар ин мақом пешсаф мебошад. Дар ин раванд бояд ба назар гирифтани принсипи «бехатарии иқтисодӣ» мақоми хоса дошта бошад.

---

[108] Bydtaeva E.E. State regulation of regional industrial development // Regional economy and management: electronic scientific journal. ISSN 1999-2645. - №3 (3). Art. #304. Date issued: 25.09.2005. URL: https://eee-region.ru/article/304/ (date of the application:09.01.2023)

Ҳамин тавр, идораи давлатӣ дар самти рушд додани сиёсат ва соҳаҳои саноатии кишвар бояд бархурдор аз консепсияҳое бошад, ки дар он манфиатҳои минтақавӣ, миллӣ, соҳавӣ ва ғайра ба инобат гирифта шуда, аз принсипҳои бехатарии иқтисодии соҳаҳо, минтақаҳо, бахшҳо ва дар маҷмуъ иқтисоди миллӣ, принсипи бартарияти афзалиятҳои миллӣ бар афзалиятҳои минтақавӣ, принсипи муттаҳидии иқтисодиёти минтақаҳои ҷумҳурӣ бархурдор бошад, чун мақсади мушаххаси сиёсати саноатии давлат ба усулҳо ва воситаҳои ба рушд ноил гардидан такя мекунад.

**2. Кластеркунонии субъектҳои соҳаи саноат.** Равиши кластерӣ ва кластеркунонии бахшҳову соҳаҳо дар доираҳои илмӣ ҳамчун зуҳуроти замонавӣ ва мубрам баромад намуда, дар адабиёти муосир бештар ба назар мерасад. Масалан И.И. Фархутдинов, А.Г. Исавнин қайд менамоянд, ки «Равиши кластерӣ дар созмон додани саноати минтақаҳо абзори муосир ва самараноки рушди иқтисодиёти минтақавӣ ва дар маҷмуъ иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки дар хориҷа хело рушд карда аст… Айни замон сенарияҳои аз боло ба поён, аз поён ба боло ва сенарияи ҳамҷояи ташкил ва рушди кластерҳо ба таври фаъол пешниҳод шуда истодаанд»[109]. Ҳамчунин Закиров Н.И. қайд менамояд, ки «Кластеркунонӣ ин шакли инноватсионии равандҳои таҷдидсозӣ ва рушди ракобатпазирии динамикии кишвар тариқи ҳамкориҳои субъектони хоҷагидори иқтисодиёт дар равандҳои истеҳсолӣ бо мақсади гирифтани самараи истеҳсолӣ-технологӣ, тиҷоратӣ, коммуникатсионӣ-синергетикӣ мебошад. Кластер ҳамчун асоси раванди мазкур аз худ муттаҳидшавии субъектони хоҷагидори инноватсионии сатҳҳои гуногуни иқтисодиёт дар доираи соҳаҳои гуногунро инъикос мекунад, ки

[109] Фархутдинов И.И., Исавнин А.Г. Кластеризация промышленности региона посредством применения моделей сорсинга // Региональная экономика: теория и практика. – М.: «ФИНАНСЫ и КРЕДИТ», 2017. - № 6 (441), Том 15. - С. 1112-1125.

кушиши дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ мавқеъ пайдо карданро доранд»[110].

Олимони ватанӣ низ оид ба равишҳои кластеркунонӣ дар бахшҳои мухталифи саноатӣ пешниҳодҳои мушаххас намудаанд. Масалан Ҳофизов Ҳ.А. равиши кластеркунонии субъектони истихроҷи маъданҳои кӯҳиро ҳамчун абзори ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ барои азхуд кардани захираҳои табиӣ минтақаҳо пешниҳод менамояд[111]. Ҳамчунин ба ақидаи Низомова Т.Д., Муҳсинова П.А. «Яке аз самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси кластрекунонӣ мебошад. Алоқамандиҳои корхонаҳои ба кластер дохилшаванда сабабгори иҷтимоъ ва рақобатпазир гардидан мешаванд»[112].

Ақидаҳои муҳаққиқони сершумори ватаниву хориҷиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, аз нигоҳи мо дар замони муосир дар муайян сохтани самтҳои асосии рушди сиёсати саноатӣ ва воридотивазкунии маҳсулоти саноатӣ, кластеркунонии субъектҳои соҳаи саноат мавқеи аввалиндараҷаро ишғол мекунад. Яке аз нишондиҳандаи барои кластеркунонӣ мувофиқ – ин ҷойгиршавии наздики корхонаҳо аз лиҳози мавқеи географӣ мебошад. Илова бар ин, ба ақидаи мо, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози географӣ ҷойгиршавии минтақаҳои кишвар, мавҷудияти захираҳои табиӣ онҳо, корхонаҳои

---

110 Закиров Н.И. Кластеризация инновационной деятельности промышленных предприятий в условиях модернизации российской экономики // Автореф. дисс. на соис. уч. степ. канд. экон. наук. Специальность 08.00.05. – Казань, 2010. – С. 12. (27 с.)

111 Ниг. масалан ба: Хофизов Х.А. Кластеризация субъектов горнодобывающей отрасли Зеравшанской долины, как способ привлечения прямых инвестиций в освоение природно-ресурсного потенциала региона//Проблемы перехода к системе национальных счетов и совершенствование методологии расчета статистических показателей / Материалы республиканской научно-практической конференции, (Душанбе, 10 апреля 2019г.). - Душанбе, 2019. - С.338-348; Хофизов Х.А. Инвестиционное обеспечение освоения и использования природно-ресурсного потенциала региона // Дисс. на соис. канд. экон. наук. - Душанбе, 2019. – С. 154 (191 с.)

112 Низамова Т.Д., Мухсинова П.А. Государственная кластерная политика: вопросы выбора реализации // Таджикистан: экономика и управление. – Душанбе, 2020. - № 1. – С.39-44.

саноатии дар айни замон фаъолияткунандаи минтақаҳо ва иқтидориминтақаҳоро ба инобат гирифтан зарур мебошад. Ин омилҳо ба таври гуногун таъсири бевосита ва бавосита расонида метавонанд. Аз ин лиҳоз ташаккули кластерҳои минтақавӣ (кластерҳои минтақавӣ ва зеркластрҳо) вобаста ба соҳаҳои саноатӣ, ки дар минтақа аз бартариятҳои афзалиятӣ бархӯрдоранд, самараи бештар хоҳад дод (ниг. ба расми 3.3). Аз модели консептуалии 3.3 намудор аст, кластерҳоро вобаста аз мавҷудияти корхонаҳои саноатии худи минтақаҳо ташаккул дода, тадриҷан алоқамандиҳои байникластерии тақозошаванда ба инобат гирифта, дар ҳамоҳангии шӯрои кластер ва ҳукумати кишвар барои васеъ намудани равандҳои кластеркунонии соҳаи саноати миллӣ ва расидан ба мақсадҳои стратегӣ амал кардан лозим аст.

Амалӣ гардидани равиши кластеркунонии соҳаи саноати кишвар пеш аз ҳама ба рақобатпазир гардидани маҳсулоти корхонаҳо мусоидат мекунад. Вале танҳо аз мавқеи наздик ҷойгиршавии корхонаҳои ба кластер дохилшаванда равиши кластериро амалӣ намудан нокифоя аст. Барои татбиқи дурусти ин кор тарафҳои мухталифи зуҳуроти онро ба инобат гирифтан ба манфиати кор аст (ҷадвали 3.4).

Пеш аз ҳама кластер бояд ҳамчун сохтори тиҷоратие ки аз корхона ва ташкилотҳои гуногуни бо ҳамдигар алоқамандидошта ташаккул дода шуда, дорои маркази идоракуние бояд бошад, ки стратегияи рушди кластер дар давраҳои дарозмуддат, қабули қарорҳои дахлдор вобаста ба рушд кардан ва муайян кардани хавфҳову монеаҳо, коркарди сиёсати сармоягузорӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда, риояи қавонини кишвар, мутаносибӣ ва адолат дар байни иштирокдорони кластер, созмони фазои мусоиди рушди соҳавӣ, татбиқи механизмҳои судмандро амалӣ карда тавонад.

Дар алоқа ба ин, бояд қайд намоем, ки дар ташаккули кластерҳои минтақавӣ «маркази (ядрои) кластер» нақши асосиро мебозад. Маркази кластер метавонад як ваё якчанд корхонаҳоро дар бар гирад.

**Ҷадвали 3.4. SWOT-таҳлили кластеркунонии корхонаҳои соҳаи саноатӣ дар минтақаҳои кишвар**

| ТАРАФҲОИ МУНОСИБ | ТАРАФҲОИ НОМУНОСИБ |
|---|---|
| - мавҷудияти таомулҳои қадимаи истифодабарӣ ва рушд додани корҳои саноатӣ;<br>- мавҷудияти инфрасохтори ибтидоӣ;<br>- аз лиҳози географӣ наздик ҷойгир будани корхонаҳо;<br>- таҷдиди инфрасохтор ва аз навсозӣ, барқарор намудани роҳҳои нақлиётиву логистикӣ;<br>- мавҷудияти захираҳои ғании ашёи хом;<br>- вазъи устувор ва ороми кишвар;<br>- боварӣ ба ниҳодҳои давлатӣ;<br>- ҷолиб будан барои сармоягузорон;<br>- бозоргир будани маҳсулоти истеҳсолшаванда;<br>- дастгирии давлатии соҳа тариқи пешниҳоди имтиёзҳо;<br>- имкониятҳои фарохи ҳамкориҳо бо корхонаҳои саноатии кишварҳои дуру наздик;<br>- мавҷудияти қувваи кории маҳаллӣ ва арзон | - фондҳои асосии фарсудашуда ва кӯҳнашуда;<br>- идораи нодрусти равандҳои фаъолияти корхонаҳо;<br>- рақобати носолим ва монеаҳои бюрократӣ;<br>- мавҷудияти коррупсия ва ноэътимодии сармоягузорӣ;<br>- норасидани мутахассисони варзидаи соҳавиву техникӣ;<br>- таъсири кам доштани ҳамкориҳои байни ниҳодҳои илмӣ ва истеҳсолот барои ташкили кластер;<br>- ҷолибияти сусти сармоягузории минтақаҳо;<br>- мавҷуд набудани ҳавасмандии комил;<br>- кам будани худмаблағгузориҳои корхонаҳо;<br>- мақсади гирифтани танҳо фоида бидуни ба назар гирифтани омилҳои дигар (экологӣ, иҷтимоӣ ва ғ);<br>- марoқ зоҳир накардан ба маблағгузориҳои таҷдидсозии техникӣ |
| **ИМКОНИЯТҲО** | **ТАҲДИДҲО** |
| - баланд шудани сатҳи касбии кормандони соҳавӣ;<br>- афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ;<br>- ба бозорҳои беруна баромадан;<br>- созмон додани фондҳову ташкилотҳои гуногун ва инкубаторҳои тиҷоратӣ;<br>- коркарди барномаҳои соҳавӣ ва рушд додани кластерҳо ва равишҳои кластерӣ;<br>- ҷалби бештари сармояҳои мустақими хориҷиву дохилӣ;<br>- ҳамкориҳои судманди корхонаҳои ватанӣ бо корхонаҳои хориҷӣ;<br>- баланд гардидани сатҳи тахассусияти кормандону шахсони роҳбарикунанда;<br>- истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир;<br>- рушди ҳамгироии байникорхонаҳо;<br>- бартараф шудани монеаҳои сунъӣ ва рушди техникиву технологии иқтидори корхонаҳо | - серхароҷот шудани равандҳои истеҳсолӣ (кам шудани захираҳо, истихроҷи серхарҷи онҳо ва ғ.);<br>- номусоидати пояи меъёрии ҳуқуқии равандҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ;<br>- талафоти маҳсулоти истеҳсолшаванда;<br>- кам гардидани талабот ба маҳсулоти истеҳсолмегардида;<br>- вазъи ноустувори сиёсии минтақаҳои ҳамҷавор;<br>- бӯҳронҳои иқтисодӣ;<br>- берун шудани сармоягузорони эҳтимолӣ;<br>- ба муҳоҷират рафтани қувваҳои корӣ ва мутахассисон;<br>- ногувории вазъияти экологии минтақаҳо ва офатҳои табиӣ;<br>- номувофиқатии манфиатҳои иштирокдорони кластер ва роҳбарияти корхонаҳо |

***Коркарди муаллиф***

Ба замми ин нақши дигари маркази кластер дар он ифода меёбад, ки вай метавонад муттаҳидкунандаи бахшҳои сершумори саноатӣ гардида, ба марказонидашавии «кластери миллӣ» поя гузорад. Масалан дар навбати аввал, «Ширкати алюминийи тоҷик» (ТАЛКО) дар ҳудуди НТҶ ҳамчун маркази кластери саноати филизоти ранга баромад намуда, ҳамчун

«муҳаррики»-и равандҳои кластеркунонӣ тадриҷан метавонад алоқамандиҳои байни кластерии минтақаҳои кишварро амалӣ созад. Зеро «ТАЛКО яке аз бузургтарин корхона дар ҳудуди ИДМ буда, ягонаи корхонаи истеҳсолкунандаи филизоти ранга дар Осиёи Миёна мебошад. Иқтидори солонаи завод 517 ҳазор тонна алюминийро ташкил дода, корхона бо технологияи навтарини ҷаҳонӣ таҷҳизонида шудааст ва яке аз корхонаҳои бузургтарини истеҳсоли алюминий дар миқёси ҷаҳон ба шумор меравад. ТАЛКО –корхонаи бузургтарини ҷамҳурӣ оид ба коркарди фулузоти ранга дар соҳаи саноати Тоҷикистон аст»[113].

Ҳарчанд дар навбати аввал вобаста ба мавқеи афзалиятҳои географӣ ташкили кластер ба роҳ монда шавад ҳам, аммо батадриҷ таъиноти кластерҳо дар алоқамандии байниминтақавӣ ва марказонидашавандагӣ бояд ҳамкориҳо ва муттаҳидшавии корхонаҳои дигар минтақаҳоро фаро гирифта, кластери миллии саноатиро ташаккул диҳанд. Ба таври мисоли мушаххас барои ТАЛКО барпо намудани алоқамандиҳо дар доираи истеҳсоли маҳсулоти маъданҳои кӯҳӣ бо корхонаҳои вилояти Суғд, аз қабили «КМ-Зарафшон», «Алтин-Топкан», «Адрасмон», комбинатҳои маъдани кӯҳии «Тагоб», «Анзоб» ва ғ. ҳатмӣ мебошад. Танҳо дар ҳолати фарох гардонидани ҳамкориҳои дохилиминтақавӣ ба мақсадҳои стратегӣ расидан имконпазир гардида, ниҳоят ба рушди воридотивазкунии соҳаи саноат ноил гардидан мумкин аст.

**3. Гуногунсамт кардани ҷалби сармоягузориҳо ва маблағгузориҳои корхонаҳои саноатӣ.** Барои рушду пешрафти бахшҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузориҳо нақши калидӣ мебозанд. Маълумотҳои расмӣ оиди сармоягузориҳо дар давраи солҳои 2007-2021 нишон медиҳанд, ки аз 65 кишварҳои хориҷӣ дар ин давра ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағ ворид гардида аст (ҷадвали 3.5).

[113] https://www.talco.com.tj/ru/about санаи мурочиат ба сомона 02.02.2023)

**Ҷадвали 3.5. Воридоти сармоягузорӣ аз кишварҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2007-2021[114]**

| Кишвар | Сармоягузорӣ, бо млн. доллари ИМА | % |
|---|---|---|
| Ҷумҳурии Халқии Хитой | 300 252,0 | 29,5% |
| Федератсияи Россия | 100 647,9 | 15,0% |
| ИМА | 712,8 | 6,5% |
| Британия Кабир | 714,6 | 6,5% |
| Қазоқистон | 585,7 | 5,3% |
| Филиппин | 581,7 | 5,3% |
| Люксембург | 461,8 | 4,2% |
| Эрон | 314,4 | 2,9% |
| Озарбойҷон | 242,0 | 2,3% |
| Австрия | 254,8 | 2,3% |
| Кипр | 237,8 | 2,2% |
| Арабистони Саудӣ | 288,0 | 2,6% |
| Аморати Мутаҳидаи Араб | 204,5 | 1,9% |
| Туркия | 221,7 | 2% |
| Олмон | 197,2 | 1,8% |
| Швейтсария | 204,5 | 1,9% |
| Фаронса | 125,8 | 1,1% |
| Дигар давлатҳо | 765,2 | 6,9% |

**Таҳияи муаллиф аз рӯи:** https://investcom.tj/uploads/post_docs/11/rRcOjGzlhxUy.pdf

Аз ҳиссаи тамоми сармоягузориҳо дар соли 2021 ба соҳаи саноат 229,2 млн. долл. ИМА маблағгузорӣ шуда аст, ки аз ин микдор 194,6 млн. долл. ба саноати истихроҷ ва 34 млн. долл ба саноати коркард равона карда шудаанд. Чи тавре, ки дар боло зикр карда будем, Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи «сиёсати дарҳои кушод» ҷалби сармоягузориҳои хориҷиро ба миён монда аст. Аз маълумоти ҷадвали 3.5 бармеояд, ки дар радабандии сармоягузорони эҳтимоли кишвар Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Федератсияи Россия пешсаф мебошанд ва нисбат ба дигар кишварҳо ҳиссаи сармоягузориҳои онҳо бамаротиб бештар мебошад. Албатта ин маънои онро надорад, ки ҷумҳурӣ гирифтори ягон намуд «гегемония» шуда бошад. Вале аз нигоҳи мо, муҳтавои принсипи бехатарии иқтисодиро ба назар гирифта, бояд ба диверсификатсияи бозори сармоягузории кишвар диққати махсус дод. Аз ин лиҳоз ҷалби

114 https://investcom.tj/uploads/post_docs/11/rRcOjGzlhxUy.pdf (санаи муроҷиат ба сомона: 05.02.2023)

сармоягузориҳо, аз як тараф,хуб ба назар расад ҳам, аммо, аз тарафи дигар, ҷалби бевоситаи маблағҳои пулии аҳолии минтақаҳо барои рушду таҷдидсозии корхонаҳои саноатӣ аз нигоҳи мо таъсири хуби самаровари хоҳад дошт.

Пеш аз ҳама корҳои зиёдеро барои ба боварии халқ ноил гардидан анҷом додан даркор аст. Чун ҳолатҳои ногувор ва тарҷрибаи чандин бонкҳои ҷумҳурӣ дар солҳои охир каму беш боварии аҳолӣ барои маблағгузорӣ ба соҳаҳои иктисодиро коста намуда аст. Аз ин рӯ тавассути созмон додани фондҳои махсус, бо роҳҳои баланд бардоштани эътимоди ниҳодӣ ва боварии аҳолӣ тариқи усулҳои муосири молиявӣ аз қабили «хеҷироникунӣ», вогузории маблағҳо бо асъори гуногун, созмони додани аудити иҷтимоӣ (халқӣ) ва амсоли инҳо маблағҳои аҳолиро ҷалб сохтан лозим аст. Халқи тоҷик тибқи вижагиҳои эътиқодӣ ва миллӣ одати ҷамъоварии захираҳои молиявии таърихӣ дорад. Чун анъанаҳои миллӣ, аз қабили тую ҷашну маросимҳо водор месозанд, ки як миқдори муайяни пасандоз захира карда шаванд. Солҳои охир некӯаҳволии аҳолии кишвар низ бамаротиб афзоиш ёфта аст.

Роҳи дигари рушд додани маблағгузорӣ ва таҷдидсозии техникии соҳаи саноат ин истифодаи маблағгузориҳои худи корхонаҳо мебошад. Барои амалӣ сохтани ин раванд лоиҳаҳои тиҷоратии эътимоднок ва самаранокро коркард кардан лозим аст. Дар адабиёти илмӣ методикаҳои ҳисоб кардани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба таври фарох пешниҳод карда шудаанд. Масалан муаллифон[115] усулҳои ҳисоби банақшагирии сармоягузориро барои таҷдиди корхонаҳо бо усули дисконтиронии селаи маблағҳоро пешниҳод намудаанд. Методикаи пешниҳоднамудаи онҳоро ба инобат гирифта, самаранокии лоиҳаи сармоягузорӣ барои харид ва таҷдидсозии корхонаи миёнаи саноатиро дар пояи ҶСП «Норд

[115] Ниг ба: Яшин С.Н. и др. Инвестиционное планирование модернизации оборудования производственной компании // Монография / С.Н. Яшин, Е.В. Кошелев, А.В. Купцов, Д.В. Подшибякин. - Нижный Новгород, 2015. – С.115-139. (201 с.)

Азия металл» дида мебароем, ки маҳсулоти он дар бозор харидори хешро дорад. Корхона истеҳсоли қубурҳои профилии металли даврашакл ва чоркунҷашаклро (иқтидори истеҳсолӣ - 60 ҳаз. тонна маҳсулот дар як сол) бо истифода аз хати технологии муосир ба роҳ монда аст. Музди миёнаи меҳнати кормандони корхона 2800-3000 сомониро ташкил медиҳад. Фарз мекунем барои корхона харидани таҷҳизоти нав барои васеъ намудани иктидори истҳесолӣ ва истеҳсоли маҳсулоти нави саноатӣ бо дарназардошти арзиши кунунии таҷҳизот ба миён омада аст. Арзиши таҷҳизоти аз Чин харидоришаванда ва хароҷотҳои дигарро ба назар гирифта, лоиҳаи сармоягузориро ба намуди ҷадвали 3.6 тартиб медиҳем

**Ҷадвали 3.6. Лоиҳаи сармоягузории таҷдидсозӣ ва хариди техникаи корхонаи саноатӣ**

| **Хароҷотҳои таҷҳизонидани корхона** | **Маблағҳои сарфмешуда, млн. сомонӣ** |
|---|---|
| Хариди таҷҳизот | 2,5 |
| Сохтмони бинои истеҳсолӣ | 0,4 |
| Хароҷотҳои бақайдгирӣ ва хизматрасониҳои сатҳҳои гуногун | 0,09 |
| Музди меҳнати кормандон | 0,35 |
| Хариди масолеҳи истеҳсолӣ | 0,53 |
| Хароҷотҳо барои корҳои таблиғотӣ ва реклама | 0,11 |
| Хариди масолеҳи хоми истеҳсолӣ | 0,65 |
| Бозомӯзӣ ва омодасозии мутахассисон | 0,08 |
| Хароҷотҳои нақлиётӣ | 1,54 |
| Дигар намуди хароҷотҳо | 0,42 |
| **Ҳамагӣ:** | 6,67 |

***Муаллиф тартиб дода аст***

Дар маҷмӯи сармоягузории таҷдидсозии корхона маблағҳои зерини имконпазир масраф мешаванд:

1,8 млн. сомонӣ (сармояи беруна) + 2,8 млн. сомонӣ (маблағҳои худи корхона) + 0,57 млн. сомонӣ (ёрдампулиҳои давлатӣ) + 1,5 млн. сомонӣ (қарзи бонкӣ бо меъёри фоизи 12%-и солона) = 6,67 млн. сомонӣ

Тавассути муҳити кории ҷадвали электронии MS-EXCEL дар доираи татбқи функсияҳои молиявии он, даромади эҳтимолӣ ($CF_i$) дар муддати 5 сол ҳисоб карда мебароем (ҷадвали 3.7)

Хулоса, маблаги умумии лоиҳаи сармоягузорӣ 6,67 млн. сомониро ташкил дода, муддати баргардонидани маблағҳои гузошта шуда 4,9

солро ташкил медиҳанд ва даромади дар назар дошта шуда дар муддати 5 сол, яъне $CF_5$=7,085 млн. сомониро ташкил медиҳад. Албатта мӯҳлати қариб 5 сол барои соҳаҳои коркард ва истеҳсоли масолеҳи саноатӣ муҳлати начандон тӯлонӣ бошад ҳам, аммо дар раванди банақшагирии лоиҳаҳо коркарди муҳлатҳои камтарини самарабахш ба манфиати кор мебошад.

**Ҷадвали 3.7. Натиҷаҳои ҳисоби нишондиҳандаҳои самранокии лоиҳаи сармоягузорӣ, млн. сомонӣ**

| Нишондиҳанда / Солҳо | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 |
|---|---|---|---|---|---|
| Селаи маблағҳои соф | *0,88* | *1,50* | *2,1* | *3,46* | *4,59* |
| Селаи маблағҳои софи дисконтиронидашуда | 0,71 | 1,09 | 1,29 | 2,08 | 2,19 |
| **Натиҷаи таҳлил** | | | | | |
| Самараи дисконтиронии фаъолияти панҷсола | 7,085 | | | | |
| Маблағҳои сарфшуда | 6,670 | | | | |
| Муҳлати баргардонидашавии дисконтӣ | **4,9** | | | | |

***Ҳисоби муаллиф***

Барои амалан татбиқ шудани самараи хуби лоиҳаҳо дар даврони камтарин дастгирии давлатӣ ва меъёри пасти қарзҳои бонки нақши муҳим мебозанд. Зеро муҳлати ду ё се соли баргардонии маблағҳо барои соҳаҳои саноат оптималӣ ба назар мерасанд. Бояд дар назар дошт, ки чунин ҳолати рушди равандҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои бахши саноатӣ метавонад ба хавфҳои гуногун ҳам барои сармоягузорон ва ҳам барои худи корхонахо рӯ ба рӯ гардад. Аз як тараф, норасоии маблағ, аз тарафи дигар танг шудани бозор аз ҷониби корхонаҳои хориҷӣ, ки пайваста барои васеъ намудани нуфузи худ кушиш ба ҳарҷ медиҳанд, ҷой дорад. Барои ҳамин ҳам истеҳсолкунандагони ватаниро мебояд, ки маҳорати баланди касбӣ нишон дода, барои самрабахш гардидани лоиҳаҳо аз таҷрибаи пешрафта истифода намуда, тамоми тарафҳои мусбату манфиашро баркашида, усулҳои хубу чандири идоракунӣ ва банақшагириро истифода намоянд.

Ҳамин тавр, мукаммалгардонии механизмҳои сиёсати саонатӣ ва рушди додани соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи тавсияҳоеро фарогир мебошад, ки барои рушди ояндаи соҳаи саноати кишвар бо дарназардошти истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунандаи рақобатпазир на танҳо дар бозори дохила, балки дар бозорҳои беруна саҳм хоҳанд гузошт. Сиёсати саноатии давлатӣ, ки барои аз рушди аграрӣ-саноатӣ ба рушди саноатӣ-аграрӣ гузаштанро дар назар дорад ва дар ин замина барномаҳои истифодаи самараноки муҷтамаъҳои саноатӣ ва зерсохторҳои онҳо коркард мешаванд, ки барои татбиқи босмараи онҳо бояд назорати ҷиддӣ, бозбинӣ, мукаммал гардонидани самтҳо ва усулҳои татбиқи фишангҳои таъсиррасонӣ барои ба мақсад ноил гардидан пайваста ба роҳ монда шавад.

Айни замон дар бозорҳои маҳсулоти саноатӣ тағйиротҳои назаррас ба миён омада, рақобат пуршиддат мебошад. Воситаҳо ва абзорҳои пешниҳодгардидаи мукамммалгардонии сиёсати саноатӣ ва воридотивазкунандагӣ дар соҳаҳои саноат, ки аз чониби мо дарҷ гардиданд, дар ҳамбастагӣ бо тадбирҳои дар доираи мақомотҳои ҳукуматӣ андешидашаванда, метавонанд абзори такомулёфтаи рушди сиёсати саноатӣ ва равнақ додани вридотивазкунандагӣ дар соҳаи саноати кишвар гарданд. Дар ин замина ба амалишавӣ ва коркарди механизмҳое, ки ба ҳалли масоили воридотивазкунандагии бахши саноат бо дарназардошти мушкилоти ҷойдошта ва тахассусияти соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона мегарданд, диққати махсус бояд дод. Албатта амалишавӣ ва татбиқи самараноки стратегия ва барномаҳо мавҷудияти муҷтамаъҳои саноатии тахассусияти баланди технологи доштаро талаб кунад ҳам, аммо аз нигоҳи мо омили асосии рушди соҳаҳои саноат ва зерсохтори онҳо аз сатҳ ва сифати идоракунӣ ва банизомдарорӣ вобаста мебошад.

## 3.3. Модели иқтисодӣ-риёзии фаъолият ва самаранокии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар замони муосир барои дуруст ба роҳ мондани равандҳои рушди самараноки бахшҳои саноатӣ бояд ба тағйироти ба таври эндогениву эгзогении бавуҷудоянда саривақт аҳамият дода шавад. Барои ба таври фаъол ба роҳ мондани равандҳои муайянсозӣ ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли масоили мавҷуда аз абзори васеи тадқиқотӣ истифода намудан лозим аст, ки дар ин миён таҷҳизоти моделсозии риёзии равандҳои иқтисодӣ ҳамчун яке аз воситаҳои маҳсулнок ва муассир баромад мекунад.

Самаранокии фаъолияти корхона дар назар дорад, ки арзиши он дар муддати вақти муайян бо дарназардошти омилҳои ба самаранокӣ таъсиррасони инноватсионӣ, сармоягузорӣ, таҷдидсозӣ, бозомӯзӣ, шиддатнокӣ, маҳсулнокӣ ва ғ. афзоиш ёфта, идоракунии самараноки рушди корхонаро талаб мекунад. Дар фаслҳои пешинаи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби мо идоракунӣ ва ташаккули равандҳои кластеркунонӣ ба хайси омили калидии рушд пешниҳод карда шудаанд. Чун «Идоракунӣ – ин пеш аз ҳама роҳнамоии ягон самт ва ё фаъолият буда, баъдан раванди банақшагирӣ, ташкил, ҳавасмандкунӣ ва назорати зарурӣ, ки барои ба мақсадҳои корхона ноил гардидан равона шуда аст, мебошад»[116]. Барои марҳилаҳои идоракунӣ судманд гардидан истифодаи усулҳои гуногуни ба натиҷаҳо ноил гардидан татбиқ карда мешаванд. Дар равандҳои муайянсозии самаранокии бахши саноат ва корхонаҳои он татбиқи таҷҳизотҳои риёзӣ дар пояи моделсозии риёзӣ-иқтисодӣ дар доираи барномаҳои татбиқӣ дар замони муосир мубрам буда, баҳодиҳӣ тавассути он объективона сурат мегирад. Аз ин лиҳоз дар идома истифодаи моделсозии математикии самаранокии фаъолияти

---

116 Семенов К.С. Экономико-математическое моделирование как функция управления (на примере регионального предприятия газовой промышленности) // Региональная экономика: теория и практика. – М.: «ФИНАНСЫ и КРЕДИТ», 2014. - № 45. - С. 46. (46-61).

корхонаҳои саноатӣ ва бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти миллиро дида мебароем.

Дар навбати аввал бо истифода аз маълумотҳои омории давраҳои муайян, нишондиҳандаҳои ибтидоиро интихоб мекунем, ки онҳо дар маҷрои хаттӣ иштирок карда тавонанд (ҷадвали 3.8.). Маҷмуи интихобиро ба тарзе муайян месозем, ки нишондиҳандаҳо дар функсияи хаттӣ ҷойгир шуда, аз ин миён саҳми нишондиҳандаи саноат маълум гардад.

**Ҷадвали 3.8. Маълумотҳои ибтидоӣ барои сохтани модели риёзӣ-иқтисодӣ, (бо нархҳои соли 2021), млн. сомонӣ**

| Давраҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД | 50977,8 | 54790,3 | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 83958,3 | 98910,7 |
| МММ | 43745,9 | 49921,1 | 56001,8 | 61368,4 | 68691,3 | 73870,5 | 91932,0 |
| Маҳсулоти саноатӣ | 16770 | 19453 | 23597 | 26098 | 29543 | 32143 | 38829 |
| Маҳсулоти кишоварзӣ | 27395,2 | 28802,4 | 30765,9 | 31984,5 | 34264,8 | 37298,5 | 39769,4 |
| Сармоягузорӣ | 9749,9 | 11179,7 | 11371,6 | 13361,0 | 12517,8 | 11775,5 | 15124,9 |
| Ба кор андохтани фондҳои асосӣ | 4129,5 | 5406,6 | 6678,5 | 4859,3 | 7033,3 | 7266,8 | 5561,3 |
| Ҳаҷми гардиши моли чакана | 22181,6 | 23512,5 | 24993,8 | 26843,4 | 300645,9 | 29433,2 | 33259,5 |
| Хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ | 14304,8 | 14236,3 | 14563,7 | 14272,5 | 14515,1 | 14094,1 | 15165,3 |
| Гардиши савдои хориҷӣ | 4326,2 | 3929,9 | 3972,9 | 4224,3 | 4523,7 | 4557,8 | 6359,1 |
| Содирот | 890,6 | 898,7 | 1198,0 | 1073,3 | 1174,4 | 1406,9 | 2149,6 |
| Воридот | 3435,6 | 3031,2 | 2774,9 | 3151,0 | 3349,3 | 3150,9 | 4209,5 |
| Даромади буҷети давлатӣ | 16586,5 | 18483,8 | 23307,3 | 24097,2 | 23490,4 | 25065,0 | 30053,8 |

**Таҳияи муаллиф аз рӯи:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, АОНПҶТ, 2022. – С. 12,13,212.

Тибқи талаботи моделсозии математикӣ, барои муайян сохтани то чӣ андоза дар маҷрои хаттӣ ҷойгир шудани нишондиҳандаҳо бояд зичии алоқамандии онҳоро аниқ созем. Барои иҷрои ин кор аз аз муҳити ҷадвали электронии «EXCEL» истифода намуда, алоқамандии коррелятсионии нишондиҳандаҳоро муайян месозем. Бояд дар назар дошт, ки гузаронидани раванди моделсозии регрессионӣ-коррелятсионӣ талаб мекунад, ки давраи таҳлил камаш аз 7 солро фарогир бошад. Дар сурати кам будани давра аз 7 сол саҳеҳии моделсозии математикӣ дуруст намешавад. Аз ин лиҳоз мо бо нишондиҳандаҳои давраи солҳои 2015-

2021 иктифо мекунем. Натиҷаи таҳлили коррелятсионӣ дар муҳити «EXCEL» дар намуди ҷадвали 3.9 инъикос карда мешавад.

## Ҷадвали 3.9. Натиҷаи таҳлили ибитидоии коррелятсионии нишондиҳандаҳо

| | ММД | МММ | Маҳсулоти саноатӣ | Маҳсулоти кишоварзӣ | Сармоягузорӣ | Ба кор андохтани фондҳои асосӣ | Ҳаҷми гардиши моли чакана | Хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ | Гардиши савдои хориҷӣ | Содирот | Воридот | Даромади буҷети давлатӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **ММД** | 1 | | | | | | | | | | | |
| **МММ** | 0,9935 | 1 | | | | | | | | | | |
| **Маҳсулоти саноатӣ** | 0,9990 | 0,9951 | 1 | | | | | | | | | |
| **Маҳсулоти кишоварзӣ** | 0,9895 | 0,9853 | 0,9911 | 1 | | | | | | | | |
| **Сармоягузорӣ** | 0,8570 | 0,8713 | 0,8596 | 0,7961 | 1 | | | | | | | |
| ***Ба кор андохтани фондҳои асосӣ*** | *0,4695* | *0,4237* | *0,4829* | *0,5138* | *0,1443* | 1 | | | | | | |
| ***Ҳаҷми гардиши моли чакана*** | *0,2236* | *0,1728* | *0,2044* | *0,1696* | *0,1243* | *0,4569* | 1 | | | | | |
| ***Хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ*** | 0,5980 | 0,6460 | 0,5988 | 0,5272 | 0,6908 | -0,0076 | 0,1026 | 1 | | | | |
| **Гардиши савдои хориҷӣ** | 0,8142 | 0,8559 | 0,8084 | 0,7918 | 0,7617 | -0,0064 | 0,0133 | 0,8183 | 1 | | | |
| **Содирот** | 0,9041 | 0,9357 | 0,9088 | 0,8964 | 0,8063 | 0,2547 | -0,0490 | 0,7983 | 0,9331 | 1 | | |
| ***Воридот*** | *0,6275* | *0,6734* | *0,6122* | *0,5938* | *0,6246* | *-0,2544* | *0,0711* | *0,7357* | *0,9395* | *0,7534* | 1 | |
| **Даромади буҷети давлатӣ** | 0,9537 | 0,9489 | 0,9590 | 0,9276 | 0,9012 | 0,4382 | 0,0823 | 0,6471 | 0,7472 | 0,8983 | 0,5104 | 1 |

***Ҳисоби муаллиф***

Аз маълумоти ҷадвали 3.9 маълум мегардад, ки аз 12 нишондиҳандаи дар модел истифодашуда, 4 нишондиҳанда (дар ҷадвал бо ранги тира ва хати курсив нишон дода шудаанд) алоқамандии аз қимати ниҳоии вобастагӣ паст (қиммати ниҳоии вобастагиро баробар ба 0,75 қабул мекунем) доранд. Аз лиҳози иктисодӣ ин маънои онро дорад, ки нишондиҳандаҳои мазкур новобаста аз ворид будан ба маҷрои хаттӣ барои рушди соҳаҳои ҳамҷавор таъсири начандон хуб доранд ва онҳоро метавонем аз таҳлили минбаъда хориҷ созем. Дар ҳолати баракс метавонад проблемаи мултиколлинеарии модели регерссионӣ ба вуҷуд ояд. Нишондиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ бо коэффитсиенти баландтарин (0,999) ба омили муҳимми таъсиррасон ва вобастагии баланд доштанаш ишора мекунад.

Дар идома ҳаминро бояд қайд намоем, ки дар ташкили маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) боқимонда нишондиҳандаҳо низ бевосита алоқамандии зич доранд, пас онро ба ҳайси нишондиҳандаи вобаста (У) қабул намуда, таҳлили регрессиониро иҷро менамоем.

**Ҷадвали 3.10. Натиҷаи таҳлили регерссионӣ**

| Натиҷа | |
|---|---|
| *Омори регрессионӣ* | |
| R-маҷмуавӣ | 1 |
| R-квадрат | 1 |
| R- квадрати меъёришуда | 65535 |
| Хатоии стандартӣ | 0 |
| Мушоҳида | 7 |
| *Коэффитсиентҳо* | |
| Y-аъзои озод | 28668,93 |
| МММ | -2,74763 |
| Маҳсулоти саноатӣ | 7,698806 |
| Маҳсулоти кишоварзӣ | 0,306955 |
| Сармоягузорӣ | 3,18285 |
| Содирот | 20,04683 |
| Даромади буҷети давлатӣ | -2,64659 |

***Ҳисоби муаллиф***

Барои муайян сохтани муодилаи регрессионӣ одатан аз усули классикии «квадратҳои хурдтарин» истифода менамоянд, ки он ҳамчун усули базавӣ дар моделсозии муҳити электронии «EXCEL» табиқи худро

ёфта аст. Пас аз гузаронидани таҳлили регерессионӣ муодилаи регрессия чунин намудро мегирад:

$$У=28668,93 - 2,74763X_1 + 7,698806\ X_2 + 0,306955\ X_3 + 3,18285\ X_4 + 20,04683\ X_5 - 2,64659X_6$$

Ҳамин тавр бо истифода аз муодилаи регрессия натиҷаи ояндабинӣ (пешгӯӣ) чунин мешавад (ҷадвали 3.11)

**Ҷадвали 3.11. Натиҷаи таҳлили регерссионӣ ва маълумотҳои пешгӯӣ**

| Давраҳо | ММД | МММ | Маҳсулоти саноатӣ | Маҳсулоти кишоварзӣ | Сармоягузорӣ | Содирот | Даромади буҷети давлатӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | 50977,8 | 43745,9 | 16770 | 27395,2 | 9749,9 | 890,6 | 16586,5 |
| 2016 | 54790,3 | 49921,1 | 19453 | 28802,4 | 11179,7 | 898,7 | 18483,8 |
| 2017 | 64434,3 | 56001,8 | 23597 | 30765,9 | 11371,6 | 1198 | 23307,3 |
| 2018 | 71059,2 | 61368,4 | 26098 | 31984,5 | 13361 | 1073,3 | 24097,2 |
| 2019 | 79109,8 | 68691,3 | 29543 | 34264,8 | 12517,8 | 1174,4 | 23490,4 |
| 2020 | 83958,3 | 73870,5 | 32143 | 37298,5 | 11775,5 | 1406,9 | 25065 |
| 2021 | 98910,7 | 91932 | 38829 | 39769,4 | 15124,9 | 2149,6 | 30053,8 |
| **Ояндабинӣ (пешгӯӣ)** | | | | | | | |
| **2023** | 110607,6 | 100280,6 | 44044,54 | 43185,4 | 15451,27 | 2107,679 | 32609,75 |
| **2024** | 118350,8 | 107607,3 | 47526,79 | 45243,04 | 16110,66 | 2278,029 | 34529,3 |
| **2025** | 126094 | 114933,9 | 51009,04 | 47300,67 | 16770,04 | 2448,379 | 36448,85 |
| **2026** | 133837,3 | 122260,6 | 54491,29 | 49358,3 | 17429,43 | 2618,729 | 38368,4 |
| **2027** | 141580,5 | 129587,3 | 57973,54 | 51415,93 | 18088,81 | 2789,079 | 40287,95 |
| **2028** | 149323,7 | 136913,9 | 61455,79 | 53473,56 | 18748,2 | 2959,429 | 42207,5 |
| **2029** | 157066,9 | 144240,6 | 64938,04 | 55531,2 | 19407,59 | 3129,779 | 44127,05 |
| **2030** | 164810,1 | 151567,3 | 68420,29 | 57588,83 | 20066,97 | 3300,129 | 46046,6 |

***Ҳисоби муаллиф***

Ҳамин тавр мебинем, ки дар баробари нишондиҳандаҳои асосии таъсиррасони ММД таъсири маҷмуи маҳсулоти саноатӣ (ММС) хело баланд мебошад, ки ба соҳаҳаи асосии иқтисодиёти миллӣ даромади назаррас меорад. Акунун бо ҳамин тартиб моделсозии риёзии омилҳои таъсиррасон ба ММС-ро дида мебароем. Барои ин дар навбати аввал нишондиҳандаи ММС-ро ба ҳайси омили вобаста (У) қабул намуда, омилҳои новобастаро (Х-ҳо) интихоб мекунем, ки онҳо бевосита ба омили асосӣ вобастагӣ дошта, барои ташкили он таъсир расонида

тавонанд. Дар ин раванд омилҳоеро ба назар гирифтан лозим аст, ки самарнокии фаъолияти корхонаҳои саноатиро муайян созанд ва дар навбати худ, нақши онҳо дар ташаккулдиҳии равандҳои кластеркунонӣ аниқ шаванд. Ин омилҳоро дар намуди ҷадвали 3.12 инъикос менамоем.

**Ҷадвали 3.12. Маълумотҳои ибтидоӣ барои сохтани модели риёзӣ-иқтисодии муайянсозии вобастагии саноат**

| Давраҳо | У | $X_1$ | $X_2$ | $X_3$ | $X_4$ | $X_5$ | $X_6$ | $X_7$ | $X_8$ | $X_9$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **2015** | 16770 | 9749,9 | 4129,5 | 22181,6 | 14304,8 | 4326,2 | 890,6 | 3435,6 | 16586,5 | 52,8 |
| **2016** | 19453 | 11179,7 | 5406,6 | 23512,5 | 14236,3 | 3929,9 | 898,7 | 3031,2 | 18483,8 | 58,4 |
| **2017** | 23597 | 11371,6 | 6678,5 | 24993,8 | 14563,7 | 3972,9 | 1198 | 2774,9 | 23307,3 | 70,6 |
| **2018** | 26098 | 13361 | 4859,3 | 26843,4 | 14272,5 | 4224,3 | 1073,3 | 3151 | 24097,2 | 66,8 |
| **2019** | 29543 | 12517,8 | 7033,3 | 300645,9 | 14515,1 | 4523,7 | 1174,4 | 3349,3 | 23490,4 | 74,1 |
| **2020** | 32143 | 11775,5 | 7266,8 | 29433,2 | 14094,1 | 4557,8 | 1406,9 | 3150,9 | 25065 | 75,3 |
| **2021** | 38829 | 15124,9 | 5561,3 | 33259,5 | 15165,3 | 6359,1 | 2149,6 | 4209,5 | 30053,8 | 85,6 |

**Эзоҳ:** У - Маҳсулоти саноатӣ; $X_1$- Сармоягузорӣ; $X_2$ - Ба кор андохтани фондҳои асосӣ; $X_3$ - Ҳаҷми гардиши моли чакана; $X_4$ - Хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ; $X_5$ - Гардиши савдои хориҷӣ; $X_6$ - Содирот; $X_7$ - Воридот; $X_8$ - Даромади буҷети давлатӣ; $X_9$ - Иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ

**Таҳияи муаллиф аз рӯи:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, АОНПҶТ, 2022. – С. 12,13,212, 254. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, АОНПҶТ, 2022. – С. 14.

Таҳлили коррелятсионии маълумотҳои дар ҷадвали 3.12 овардашударо гузаронида, натиҷаашро дар намуди ҷадвали 3.13 тасвир мекунем. Натиҷаи таҳлили корреслятсионии маълумотҳои ҷадвали 3.13 нишон медиҳад, ки дар байни нишондиҳандаҳо омилҳои $X_2$ (ба кор андохтани фондҳои асосӣ), $X_3$ (ҳаҷми гардиши моли чакана), $X_4$ (хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ) ва $X_7$ (воридот) алоқамандии пасти коррелятсионӣ ба омили вобаста дошта, онҳо дар ташаккули он таъсири назаррас надоранд. Бинобар ин ин омилҳо аз қатори нишондиҳандаҳо хориҷ карда мешаванд.

Дар ин росто, алоқамандии бениҳоят зич доштани нишондиҳандаи $X_9$ (иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ) бо коэффитсиенти баробар ба 0,9705 ба назар хело хуб мерасад. Ин маънои онро дорад, ки алоқамандии илму истеҳсолот дар кишвар ба таври зарурӣ фаъолият карда истодааст. Аммо алоқамандии кам доштани омили $X_2$ (ба кор андохтани фондҳои асосӣ) нишон медиҳад, дар ташаккулёбии рушди бахшҳои саноати ҷумҳурӣ то ба ҳол ба равандҳои таҷдиди фондҳои асосӣ аҳамияти хос дода

намешавад. Ҳарчанд нишондиҳандаи «сармоягузорӣ» ($X_1$) алоқамандии зичи баробар ба коэффитсиенти 0,8596 дошта бошад ҳам, аммо, аз нигоҳи мо, он бояд дар қатори дигар омилҳо алоқамандии баландтарини нишондиҳандаи омилиро дошта бошад.

**Ҷадвали 3.13. Натиҷаи таҳлили корреслятсионии маълумотҳои ибтидоии модели риёзӣ-иқтисодии муайянсозии вобастагии саноат**

| | *У* | $X_1$ | $X_2$ | $X_3$ | $X_4$ | $X_5$ | $X_6$ | $X_7$ | $X_8$ | $X_9$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| У | 1 | | | | | | | | | |
| $X_1$ | 0,8596 | 1 | | | | | | | | |
| $X_2$ | 0,4829 | 0,1443 | 1 | | | | | | | |
| $X_3$ | 0,2044 | 0,1243 | 0,4569 | 1 | | | | | | |
| $X_4$ | 0,5988 | 0,6908 | -0,0076 | 0,1026 | 1 | | | | | |
| $X_5$ | 0,8084 | 0,7617 | -0,0064 | 0,0133 | 0,8183 | 1 | | | | |
| $X_6$ | 0,9088 | 0,8063 | 0,2547 | -0,0490 | 0,7983 | 0,9331 | 1 | | | |
| $X_7$ | 0,6122 | 0,6246 | -0,2544 | 0,0711 | 0,7357 | 0,9395 | 0,7534 | 1 | | |
| $X_8$ | 0,9590 | 0,9012 | 0,4382 | 0,0823 | 0,6471 | 0,7472 | 0,8983 | 0,5104 | 1 | |
| $X_9$ | 0,9680 | 0,8274 | 0,5963 | 0,2349 | 0,6490 | 0,7291 | 0,8895 | 0,4857 | 0,9705 | 1 |

***Ҳисобҳои муаллиф***

Сухан дар бораи он меравад, ки кадом вақт омилҳои зикргардида метавонанд алоқамандии баланд ва вобастагии зичи нишондиҳандаҳои омилӣ бо тағйирёбандаи вобастаро доро шаванд? Барои ба ин савол ҷавоб додан, кушиши сенариясозии модели иқтисодӣ-риёзиро амалӣ сохтан лозим аст.

Дар марҳилаи навбатӣ, нишондиҳандаҳои $X_1$, $X_5$, $X_6$, $X_8$, $X_9$ – ро дар ҷадвал боқӣ монда, нишондиҳандаҳои $X_1$ – ро ба сутуни охири ҷадвал кӯчонида, баъди он сутуни дигарро илова мекунем, ки дар он маълумотҳои нишондиҳандаи $X_2$ (ба кор андохтани фондҳои асосӣ) – ро ҳамроҳ мекунем. Баъдан нишондиҳандаҳои омилҳои $X_1$ ва $X_2$ – ро бо навбат ба як коэффитсиент ва дар давраи оянда ба як коэффитсиент зиёд (n+1) афзоиш медиҳем, ки онро сенарияи шиддатнокӣ гуфтан мумкин аст (ҷадвали 3.14).

Бо дарназардошти сенариясозии моделиронӣ таҳлили коррелятсионии нишондиҳандаҳои омилҳоро гузаронида, натиҷаи ҳисобкуниҳоро дар намуди ҷадвали 3.15 тасвир месозем.

**Ҷадвали 3.14. Нишондиҳандаҳои сенариявии моделсозии иқтисодӣ – риёзии омилҳои ба ММС таъсиррасони Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо | У | $X_5$ | $X_6$ | $X_8$ | $X_9$ | Сенариякунонии нишондиҳандаҳо: Пеш аз шиддатдиҳӣ $X_1$ | Пеш аз шиддатдиҳӣ $X_2$ | Коэффитс. шиддатнокӣ | Баъд аз шиддатдиҳӣ $X_1$ | Баъд аз шиддатдиҳӣ $X_2$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **2015** | 16770 | 4326,2 | 890,6 | 16586,5 | 52,8 | 9749,9 | 4129,5 | 1 | 9749,9 | 4129,5 |
| **2016** | 19453 | 3929,9 | 898,7 | 18483,8 | 58,4 | 11179,7 | 5406,6 | 2 | 22359,4 | 10813,2 |
| **2017** | 23597 | 3972,9 | 1198 | 23307,3 | 70,6 | 11371,6 | 6678,5 | 3 | 34114,8 | 20035,5 |
| **2018** | 26098 | 4224,3 | 1073,3 | 24097,2 | 66,8 | 13361 | 4859,3 | 4 | 53444,0 | 19437,2 |
| **2019** | 29543 | 4523,7 | 1174,4 | 23490,4 | 74,1 | 12517,8 | 7033,3 | 5 | 62589,0 | 35166,5 |
| **2020** | 32143 | 4557,8 | 1406,9 | 25065 | 75,3 | 11775,5 | 7266,8 | 6 | 70653,0 | 43600,8 |
| **2021** | 38829 | 6359,1 | 2149,6 | 30053,8 | 85,6 | 15124,9 | 5561,3 | 7 | 105874,3 | 38929,1 |

**Эзоҳ:** У - Маҳсулоти саноатӣ; $X_1$- Сармоягузорӣ; $X_2$ - Ба кор андохтани фондҳои асосӣ; $X_5$ - Гардиши савдои хориҷӣ; $X_6$ - Содирот; $X_8$ - Даромади буҷети давлатӣ; $X_9$ - Иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ

**Ҳисоби муаллиф аз рӯи:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, АОНПҶТ, 2022. – С. 12,13,212, 254. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, АОНПҶТ, 2022. – С. 14.

Чи хеле ки аз натиҷаи таҳлили дар ҷадвали 3.15 оварда шуда бармеояд, нишондиҳандаҳои омилҳо баъди сенариясозӣ, яъне шиддат бахшидан ба таври куллӣ тағйир ёфта, алоқамандии баландро инъикос мекунанд.

**Ҷадвали 3.15. Натиҷаи таҳлили корреслятсионии маълумотҳои ибтидоии модели иқтисодӣ - риёзии муайянсозии вобастагии саноат**

| | У | X5 | X6 | X8 | X9 | X1 | X2 | X1 | X2 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **У** | 1 | | | | | | | | |
| **X5** | 0,808356 | 1 | | | | | | | |
| **X6** | 0,908847 | 0,933105 | 1 | | | | | | |
| **X8** | 0,958992 | 0,747194 | 0,898289 | 1 | | | | | |
| **X9** | 0,967984 | 0,729092 | 0,889465 | 0,970481 | 1 | | | | |
| ***X1*** | *0,859646* | *0,761711* | *0,806252* | *0,901165* | *0,827417* | *1* | | | |
| ***X2*** | *0,48286* | *-0,00642* | *0,254693* | *0,438233* | *0,596275* | *0,144325* | 1 | | |
| **X1** | 0,994815 | 0,832603 | 0,909834 | 0,956886 | 0,949038 | *0,899256* | *0,404809* | 1 | |
| **X2** | 0,923854 | 0,581215 | 0,733253 | 0,839804 | 0,909117 | *0,641867* | *0,739961* | 0,88869 | 1 |

**Ҳисоби муаллиф**

Нишондиҳандаи $X_1$ (сармоягузорӣ) ба 0,994815 ва нишондиҳандаи $X_2$ (ба кор андохтани фондҳои асосӣ) бошад, ба 0,923854 расидаанд. Ҳам акнун нишондиҳандаҳои мазкурро, ки аз натиҷаи таҳлили сенариявӣ берун омадаанд, истифода намуда, равандҳои таҳлили регрессияи маҷмуавиро амалӣ месозем (ҷадвали 3.16).

**Ҷадвали 3.16. Натиҷаи таҳлили регерссионӣ тибқи сенарияи сохташуда**

| **Натиҷа** | | | | |
|---|---|---|---|---|
| *Омори регрессионӣ* | | | | |
| R-маҷмӯавӣ | 1 | | | |
| R-квадрат | 1 | | | |
| R- квадрати меъёришуда | 65535 | | | |
| Хатогии стандартӣ | 0 | | | |
| Мушоҳида | 7 | | | |
| *Таҳлили дисперсионӣ* | | | | |
| | *df* | *SS* | *MS* | |
| Регрессорҳо | 6 | 3,46 | 57650884 | |
| Боқимонда | 0 | 0 | 65535 | |
| *Коэффитсиентҳо* | | | | |
| | *Коэффитсиентҳо* | Хатогии стандартӣ | *Поёнӣ 95%* | *Болоӣ 95%* |
| Y-аъзои озод | 6825,187 | 0 | 6825,187 | 6825,187 |
| X5 | 0,688521 | 0 | 0,688521 | 0,688521 |
| X6 | 0,536988 | 0 | 0,536988 | 0,536988 |
| X8 | 0,217546 | 0 | 0,217546 | 0,217546 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| X9 | 21,67613 | 0 | 21,67613 | 21,67613 |
| X1 | 0,123267 | 0 | 0,123267 | 0,123267 |
| X2 | 0,129126 | 0 | 0,129126 | 0,129126 |

**Ҳисоби муаллиф**

Намуди илюстратсионии раванди мазкурро дар шакли расми 3.4. инъикос намудан мумкин аст.

Натиҷаи таҳлили регрессионии ҷадвали 3.16 ва расми 3.4 нишон медиҳад, ки қиматҳои R-маҷмӯавӣ ва R-квадрат ба 1 баробар буда, маънои онро дорад, ки модели тартибдодашудаи коррелятсионӣ-регрессионӣ тавсифи хуб дошта, байни нишондиҳандаҳо вобастагии зич ва алоқамандии баланд мавҷуд мебошад.




**Расми 3.4. Нишондиҳандаҳои маҷрои хаттии регрессияи маҷмӯавӣ тибқи сенарияи сохташуда**

Дар моделсозии риёзӣ хатоии стандартӣ вуҷуд надошта, қиматҳои ҳисобшуда оморӣ-аҳамиятнок мебошанд. Ҳамин тариқ натиҷаи таҳлили регерсиониро истифода намуда, муодилаи регрессиониро дар намуди зерин тартиб медиҳем:

$$Y = 6825{,}187 + 0{,}123267X_1 + 0{,}129126X_2 + 0{,}688521X_5 + 0{,}536988X_6 + 0{,}217546X_8 + 21{,}67613X_9$$

Дар муодилаи регрессионӣ қимати омили вобаста (аъзои озод) калон буда, боқимонда қиматҳои нишондиҳандаҳои новобаста ҳамагӣ мусбат мебошанд. Маънои иқтисодии он чунин аст, ки дар ташаккули

қиматҳои пешгӯишавандаи омили вобаста, нишондиҳандаҳои омилӣ саҳми назаррас дошта, дар раванди афзоиш ёфтани он алокамандии зич доранд. Баъд аз тартиб додани муодилаи регрессия онро истифода намуда, маълумотҳои пешгӯикуниро ҳисоб намудан мумкин аст (ҷадвали 3.17)

**Ҷадвали 3.17. Натиҷаи таҳлили регерссионӣ ва маълумотҳои пешгӯӣ**

| Давраҳо | У | X5 | X6 | X8 | X9 | X1 | X2 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | 16770 | 4326,2 | 890,6 | 16586,5 | 52,8 | 9749,9 | 4129,5 |
| 2016 | 19453 | 3929,9 | 898,7 | 18483,8 | 58,4 | 22359,4 | 10813,2 |
| 2017 | 23597 | 3972,9 | 1198 | 23307,3 | 70,6 | 34114,8 | 20035,5 |
| 2018 | 26098 | 4224,3 | 1073,3 | 24097,2 | 66,8 | 53444 | 19437,2 |
| 2019 | 29543 | 4523,7 | 1174,4 | 23490,4 | 74,1 | 62589 | 35166,5 |
| 2020 | 32143 | 4557,8 | 1406,9 | 25065 | 75,3 | 70653 | 43600,8 |
| 2021 | 38829 | 6359,1 | 2149,6 | 30053,8 | 85,6 | 105874,3 | 38929,1 |
| **Ояндабинӣ (пешгӯӣ)** | | | | | | | |
| **2023** | 44044,5 | 5967,9 | 2107,7 | 32609,8 | 93,3 | 125082,5 | 57641,9 |
| **2024** | 47526,8 | 6250,3 | 2278,0 | 34529,3 | 98,2 | 139848,0 | 64252,8 |
| **2025** | 51009,0 | 6532,6 | 2448,4 | 36448,9 | 103,0 | 154613,6 | 70863,7 |
| **2026** | 54491,3 | 6814,9 | 2618,7 | 38368,4 | 107,9 | 169379,1 | 77474,5 |
| **2027** | 57973,5 | 7097,3 | 2789,1 | 40288,0 | 112,7 | 184144,6 | 84085,4 |
| **2028** | 61455,8 | 7379,6 | 2959,4 | 42207,5 | 117,6 | 198910,1 | 90696,3 |
| **2029** | 64938,0 | 7661,9 | 3129,8 | 44127,1 | 122,4 | 213675,7 | 97307,2 |
| **2030** | 68420,3 | 7944,3 | 3300,1 | 46046,6 | 127,2 | 228441,2 | 103918,1 |

***Ҳисоби муаллиф***

Ҳамин тавр, таҳлил нишон дод, ки дар ҳолати бамаротиб афзоиш ёфтани нишондиҳандаҳое, ки ба рушди бахши саноат алокамандии зич доранд, метавонанд ба бахши саноат такони ҷиддӣ диҳанд. Аз натиҷаҳои тахлили дар моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ истифодашуда бармеояд, ки дар раванди ташкили сиёсати саноатӣ ва равандҳои кластеркунонии саноат пеш аз ҳама ба таъмини кифояи сармоягузорӣ ва таҷдидсозии фондҳои асосӣ диққати махсус бояд дод. Дар баробари таъсири омилҳои зикргардида ва рушд ёфтани омили аслӣ дигар омилҳо, ба монанди содирот, даромади буҷети давлатӣ мутаносибан афзун мешавнд, ки ба сатҳу сифати иқтисодиёти миллӣ таъсиргузор мегарданд.

Ҳамин тавр, моделсозии иқтисодӣ-риёзии дар таҳқиқот коркардшуда инъикосгари равнақёбии корхонаҳои саноатии кишвар буда, барои мукаммал гардонидани равандҳои таҳлилкунӣ ва идоракунӣ

мусоидат хоҳад кард. Дар навбати худ коркарди муаллиф ва татбиқи он ба тавсияҳои назариявии муаллиф мусоидат намуда, далолат ба асоснок будани онҳо мекунад. Ҳамин тариқ модели коркардшуда ва татбиқгардида метавонад дар доираи банақшагирӣ ва идораи давлатӣ ҳангоми муайянсозии самаранокии соҳаҳои саноат бо дарназардошти ҷалби сармоягузориҳо, таҷдидсозии воситаҳои асосӣ, равандҳои молиявии корхонаҳо ва самарнокии фаъолияти онҳо ва ғ. ҳамчун абзори иловагӣ барои идоракунӣ ва баҳодиҳии иқтисодӣ истифода шавад.

## ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ

Таҳқиқи басубутрасонидаи мавзӯи кори илмӣ имкон медиҳад, ки чунин хулоса ва тавсияҳо пешниҳод гарданд:

1. Сиёсати саноатӣ дар баробари зарурати хос доштанаш, инчунин дар маҷмуъ элементи марказии фаъолияти мақомотҳои давлатӣ буда, инъикоскунандаи тараққиёт ва пешрафт давлат мебошад. Айни замон, ягон назарияи мувофиқи сиёсати саноатӣ коркард карда нашуда аст, ва дар ҳар ҳолати мушаххас ва ҳар як давлат коркарди мутобиқ ба худи ҳамон давлат дида мешавад ва ё нусхабардории моделҳои дигарон ба назар мегирад. Ҳангоми коркард кардани сиёсати саноатии мушаххас як қатор омилҳои тахассусияти ин ё он кишварро инъикос кунанда, таърихи он, рушди иқтисодиву саноатии он бояд ба назар гирифта шаванд. Чунки дар маҷмуъ системаи онҳо ва дар алоҳидагӣ элементҳои ҷудогонаи алоқамандиҳои онҳо яке аз масъалаҳои муҳимми назарияи ташаккулёбии сиёсати саноатӣ мебошад. Шароитҳои буҳрони ҷаҳонӣ ва натиҷаҳои манфии бо он алоқаманд, инчунин зарурати гузаштани иқтисодиёт ва ҷомеъа ба тартиби нави ҷаҳонӣ муайян кард, ки маҳз давлат бояд як қатор функсияҳои рушд кардани бахши воқеии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама истеҳсолоти саноатиро ба зимма гирад.

2. Таҳлили тахассусияти Тоҷикистони муосир нишон медиҳад, ки афзалиятҳои сиёсати саноати давлатӣ бояд пеш аз ҳама дар доираи васеи иштирокдорони чорабиниҳои асосии сиёсати саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне давлат, ниҳодҳои он, сохтори тиҷорат, намояндагони ҷамъиятҳо ва дигарон мавриди муҳокимаи кушод қарор гирад. Баъдан сиёсати саноатӣ манфиатҳои қонунии ҳамаи иштирокдорони фаъолияти саноатиро, новобаста аз иқтидори молиявӣ, шакли моликият, мақомашон дар ҷомеа бояд баробар ба инобат гирад ва дар ниҳоят сиёсати саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври афзалиятнок сарчашмаҳои маблағгузориҳои давлатии чорабиниҳои худро дошта бошад. Ин

имконият медиҳад, ки сиёсати саноатӣ аз ифодаҳои субъективӣ, вобастагиҳои равандӣ ва манфиатҳои муғризона орӣ бошад.

3. Тахассусияти сиёсати саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он ифода меёбад, ки барои гузаронидани он танҳо як механизми бозорӣ нокофист. Идоракунии бомаҳоратонаи давлатӣ, алоқамандиҳои чандирии ин идоракунӣ ва танзими бозор зарурати хоса доранд. Сухан оид ба системаи нави самтҳои иқтисодие меравад, ки субъектони хоҷагидориро баҳри рушди тавсияи тартиби нави технологӣ ҳавасманд месозад.

4. Ҳар як равиши тартиби технологӣ дорои аломати ҳам мусбат ва ҳам манфӣ мебошад, ки он аз кӯшишҳои таърифи муҷтамаъ додани муаллифон берун меояд ва воқеияти он, ки муаллифон дар таҳқиқотҳояшон дар баробари пешниҳод кардани таорифи гуногун ба якчанд гурӯҳ ҷудо шудаанд, шаҳодат аз он медиҳад, ки пеш аз ҳама омӯзиши ин мафҳум мураккаб буда, баъдан дар пояи донишҳои назариявии маллифон гуногунандешӣ ба назар расида, мавҷудияти ақоиди ягона вобаста ба ин мафҳум ба назар намерасад. Аммо инъикоси нисбатан пурра (фарогир) ва аниқтари мафҳуми «тартиби технологӣ» ба ташкили таъсиррасонии фишангҳо ба рушди техникӣ бо мақсади баланд бардоштани некӯаҳволии ҷамъият ёрӣ мерасонад. Зуҳуроти асосие, ки тартиби технологӣ дар худ доранд бештар бо чунин тавсифҳое инъикос карда мешаванд, ки иборат аз пайдо гардидани воситаҳои навини ба баланд гардидани ташкили самаранокии истеҳсолот мусоидкунанда ва пайдо гардидани модели нави мукаммали сохтори идоракунӣ ва ташкилдиҳии корхона мебошанд.

5. Тағйиротҳои технологию саноатие, ки дар асрҳои XX ва XXI ба вуҷуд омадаанд бо ду раванди ба ҳам алоқаманд бархӯрд доранд, ки яке зуд фарсуда шудани технологияҳо аст, дигарӣ бошад, танг гаштани мавқеи технологияҳои дуюмдараҷа ва фарсудашудаи аз марказҳо дур ҷойгиршудааст, ки дар онҳо ҳам музди меҳнати кормандон кам мебошад ва ҳам захираҳои табиияшон камарзиш аст. Барои ҳамин ҳам зарурати

дар байни соҳаҳои маъмулӣ бо маблағҳояшон, ки асоси некӯаҳволии ҳудудҳои кишвар мебошанд ва намудҳои пешсафи фаъолиятҳое, ки ба иқтидори рушд дар сатҳҳои иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, иҷтимоӣ ва ғ. такон медиҳанд, барқарор намудани мутавозинӣ зарур мебошад.

6. Рушди иҷтимоӣ-техникии субъектони иқтисодии ҳар як кишвар ва манотиқи вобаста ба он ба таври гуногун ба амал меоянд. Мешавад, ки тамоми тартибҳои технологӣ дар як ҷо ва дар як муддати вақт ба вуқуъ оянд ва ё ҳолати дигар. Кишварҳое (ва минтақаҳои онҳо), ки дар онҳо то ба ҳол рушди саноат такя ба соҳаҳои истихроҷи захираҳо доранд, бо истифода намудани технологияҳои аллакай фарсудашуда барои аз худ кардани тартибҳои навини муосир (панҷум ва шашум) тайёр нестанд. Равандҳои технологӣ ҳар кадом дар навбати худ ва дар лаҳзаи вақти муайян ба арсаи вуҷуд хоҳанд омад. Аз ин сабаб кишварҳо ва соҳаҳои саноатие, ки ба қабул ва татбиқ кардани онҳо омодаанд, пешсафиро ба даст меоранд шуд ва ҳамин тариқ рушд кардан ва ба самаранокии фаъолият расидан насиби онҳо хоҳад шуд.

7. Равандҳои табдилёбии технологӣ ва, махсусан, равандҳои табдилёбии рақамии корхонаҳо ба тағйирёбиҳои системаҳои муҳимми тиҷорат таъсир расонида, маданияти ташкилот, усулҳои корбарӣ ва корӣ дар ташкилотҳо, усулҳои алоқамандии одамону техника ва коркарди стратегияҳои рушдро тағйир медиҳад. Технологияҳо аз корхонаҳои алоҳида сар карда, то ба тамоми субъектони иқтисодӣ татбиқ гардида, пайдарпай тартиби зиндагии ҷамъиятиро тағйир хоҳанд дод. Тартиби технологӣ ҳамун маҷмуи пурраи истеҳсолоти марбута, дар ҳамҷоягӣ бо муносибатҳои ба он созгори иқтисодӣ–ташкилӣ, ки имконияти ташаккул додани сохторҳои ташкилиро фароҳам меоварад ва ба сатҳу тавсифҳои рушди технологӣ мусоидат мекунад. Тавассути чунин равиш ва мувофиқ ба мақсади гузошташуда шаклҳои ташкилоти истеҳсолот ва меҳнатро метавон ба нақша гирифта, сохторҳои ташкилиро муайян намуд, ки дар навбати худ онҳо ба тавсифҳову дараҷоти рушди теънологияҳо ва самаранокӣ мусоидат хоҳанд кард.

8. Рушди ин ё он кишвар метавонад танҳо бо гузаштани лаҳзаҳои муайяни вақт, ки барои баҳогузорӣ намудани самаранокии чорабиниҳои сиёсати саноатӣ заруранд, муайян гардад. Давраҳои эҳдои равишҳои сиёсати саноатӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки аз нигоҳи эволютсионӣ абзори онро ба умудӣ ва уфуқӣ ҷудо мекунанд ва аз лиҳози хусусиятҳои хоси рафтори ин ё он кишвар, дараҷаи рушди озод будан ва то чӣ андоза ниҳодӣ будани кишварҳо ва то чӣ андоза таъсир расонидани он ба рушди иқтисодӣ, тавсия додани амалӣ намудан ва гузаронидани он аз нигоҳи сиёсатмадорону иқтисоддорон мураккаб мебошад. Аммо абзору воситаҳо ва чорабиниҳо дар доираи сиёсати саноатӣ дар бисёр кишварҳо ҳамчун васоити сиёсати рақобатӣ инъикос карда мешаванд ва бештари онҳо дар айни замон дар аксари кишварҳо истифода ва татбиқ мешаванд ва аз ин лиҳоз сиёсати саноатии кишварҳои гуногун бештар ҳамчун сиёсати уфуқӣ ва рақобатӣ, ки ба шумораи бештари иштирокдорони фаъолияти иқтисодӣ равона карда шудаанд, тавсиф дода мешавад.

9. Тамоюли рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиши назаррас дошта, дар маҷмуъ нишондиҳандаи он дар соли 2020 нисбат ба соли 2015 2,5 маротиба зиёд шудааст. Тамоюли рушди корхонаҳои саноатии кишвар аз лиҳози истеҳсоли маҳсулот ва таъмини маҳсулоти содиротӣ рушд карда истода, бахши саноати кишвар ба нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардида аст. Аммо ин тамоюл дар ҳолати муосир дар байни кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла кишварҳои рушдкарда ва рӯ ба рушд ба миқдори кофӣ назаррас нест. Дар миёни 56 кишвари таҳлилгардида дар ҳиссаи ҳаҷми саноат дар ташкили маҷмуи маҳсулоти дохилӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми 38-умро касб менамояд.

10. Барои ноил гардидан ба рушди инноватсионӣ ва соҳавии корхонаҳои муосири саноатӣ ва дар маҷмуъ бахши саноатии кишвар, омода сохтан ва доштани мутахассисони баландихтисоси соҳибкасб заруранд. Зеро барои бо маҳорати касбӣ идора намудани равандҳои кориву истеҳсолӣ, бурдани назорати фондҳо, идораи дурусти корҳои

муҳандисӣ ва техникӣ, ба кор даровардан ва самаранок истифода намудани дастгоҳҳо, пултҳои идоракунӣ мутахассисони соҳибкасб ва сатҳи касбияташон баланд зарур мебошанд.

11. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои воқеии рушди инноватсионии соҳаи саноат мавҷуд аст, ки алоқамандии онро метавон бо мавҷудияти соҳаҳои технологияҳои пешрафта таҷассум намуд. Иқтидори мавҷудаи санотии кишвар, ки дорои шароитҳои созмон додани корхонаҳои муштарак бо дарназардошти ҷалби сармояҳои хориҷиву ватанӣ мебошад, алоқамандии зичи рушди инноватсиониашро метавонад бо ҳамкориҳои судманди марказҳои бонуфузи илмии кишвар ба роҳ монда, аз иқтидори илмии ниҳодҳои ватанӣ истифода намояд. Ҳам равишҳои соҳавӣ ва ҳам равишҳои фаъолиятиву амалиётӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бештар ба рушди бахши коркарди саноат дар дохили кишвар равона гардида, самтҳои афзалиятноки рушди соҳаро тариқи иваз кардани маҳсулотҳои воридотӣ бо истеҳсолоти дохилӣ, созмон додани фондҳои рушди соҳаҳои саноат ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои зич бо он, ҳавасманд гардонидани таҳқиқоти илмии ба саноат вобаста ба роҳ монад. Татбиқи равишҳои ҳавасмандгардонии корхонаҳои тадриҷан маҳсулоти ватаниро афзоишдиҳанда, таҷдиди техникии истеҳсолот бо техникаву технологияи муосири инноватсионӣ, ташаккул ва рушд додани инфрасохтори фаъолияти соҳаҳои ба саноат мададкунанда, ҳавасмандгардонии ташаккулдиҳии паркҳо ва кластерҳои саноатӣ дар баробари таъмин намудани соҳаи саноат бо сатҳи баланди касбияти кормандон метавонад равишҳои ба рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар натиҷа ба рушди иқтисодиёти миллӣ таъсиррасонро ба вуҷуд оварад.

12. Роҳбарони корхонаҳоро зарур аст, ки пеш аз татбиқи рақамикунонӣ пешакӣ таҳқиқоти пурраи ҳаматарафа гузаронанд, то қаблан аз таъсири консепсияҳо ва технологияҳои муосир ба раванди тиҷораташон бохабар шаванд. Бояд оид ба иктидорҳову имкониятҳо

маълумотҳои дақику аниқ дошта бошанд, ки вобаста ба онҳо битавонанд ба мақсадҳои тибқи табдилёбиҳои рақамӣ гузоштташаванда ноил гардида, ба натиҷаҳои мунтазираро ба даст оранд. Барои ба мақсадҳои гузоштташуда ноил гардидан бояд барномаҳои рақамикунонии системаи саноати кишвар тартиб дода шаванд, ки масъалаҳои фарогири тарафҳои мусбату манфии рақамикунониро доро бошанд. Дар ташкили ҳам санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳам барномаҳои соҳавӣ бартараф кардани монеъаҳои муосири мавҷуда, аз қабили маҳдуд будани дастрасии дастаҷамъона ба шабакаи Интернет, мавҷуд набудани талаботҳои корхонаҳои давлатӣ ба технологияҳои навин, аз ҷониби кормандону мутахассисон «дарк» нагардидани технологияҳои рақамӣ, норасоии маблағгузориҳо ба самтҳои рақамикунонии соҳаҳои саноат, пурзӯр гардонидани системаҳои идоракунӣ ва назорати татбиқи технологияҳо ва лоиҳаҳои рақамӣ, вусъат бахшидан ба ҳамкориҳои давлату бахши хусусӣ дар бахшҳои технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва соҳаҳои саноат, сатҳи пасти татбиқи технологияҳои ракамӣ аз ҷониби соҳибкорон ва амсоли онҳо ба таври аниқу возеҳ мавриди таҳлили чуқур қарор гирифта, роҳҳои мусоидат ба пешрафт ва бартараф кардани мушкилот пешниҳод карда шаванд.

13. Корхонаҳои бахши инноватсионии соҳаи саноати коркард барои татбиқ намудан ва ҷорӣ намудани инноватсияҳо марок зоҳир менамоянд. Раванди асосие, ки ба рушди корхонаҳои бахши саноати истихроҷ ва коркард таъсир мерасонад, сармоягузорӣ мебошад. Бидуни сармоягузорӣ истеҳсоли ҳаҷми калони маҳсулоти нав ва таҷҳизонидани равандҳои технологӣ номумкин аст. Барои нигоҳдорӣ ва афзоиш додани ҳаҷми истеҳсолот фонди саноати истихроҷ сармоягузориҳои бештар ба сармояи асосиро талаб менамоянд. Хароҷотҳои сармоягузориҳои солонаи зарурӣ барои нигоҳ доштани ҳаҷми мавҷудаи истеҳсолот ба ҳисоби миёна қариб 15-20 % аз фоидаи корхонаҳоро ташкил медиҳанд. Аммо равандҳои сармоягузорӣ дар бахши саноати коркард ҳолати

беҳтар дошта, дар он хароҷотҳои сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ 20-25 %-ро ташкил медиҳанд.

14. Ҳангоми коркарди стратегия равандҳои пешбинии рушди илмиву технологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди иҷтимоиву иқтисодии субъектони муҷтамаъҳои саноатӣ дар давраҳои дарозмуддат, стратегияи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии онҳо, ҳамчунин ҳуҷҷатҳои стратегии соҳавии рушди илмиву технологӣ муайян гардида, бо тамоюлҳои ҷаҳонии рушди илмиву технологӣ муқоиса карда шуда, самтҳо ва мақсадҳои асосии рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ, интизорияти рушди технологии саноат дар минтақаҳо бояд аниқ карда шаванд. Стратегия бояд барои ноил гардидан ба мақсадҳои ниҳоӣ мусоидат намуда, нуқтаҳои ба мақсад расонандаи рушди технологиро барои корхонаҳо муайян карда, барои амалӣ шудани таҳқиқотҳои илмӣ ва коркардҳои ташкилотҳои илмӣ, омодасозии мутахассисон замина гузошта, тадбирҳои амалишавии тамоми ҷанбаҳоро татбиқ созад. Стратегия бояд самтҳои такмили муҳити ниҳодиро бо дарназардошти шароитҳои мавҷудаи механизмҳои ҳавасмандкунии манфиатҳои тарафҳо ва муттаҳидсозии иштирокдорони равандҳо дар тамоми минтақаҳои саноатӣ ва, махсусан, дар марказҳо фароҳам оварда тавонад.

15. Баъд аз тасдиқ гардидани стратегияи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ вай асоси коркард гардидани нақшаҳои рушди технологии корхонаҳо гардида, дар пояи самтҳои мухталифи он вобаста ба муҳиммияти бандҳои ҷудогонаи он барномаҳои давлатӣ ва нақшаҳои асосии корхонаҳо татбиқ карда мешаванд. Барои ноил гардидан ба мақсадҳои вогузошташуда бояд татбиқи ҳавасмандкуниҳо ва воситаву абзори идоракунии хуб ба роҳ монда шаванд ва бояд дар назар дошт, ки ҳамзамон қисмати бештари масоили вогузошташуда дар доираи ваколати мақомотҳои идоракунии маҳаллӣ ва марказӣ тавсифи ҳатмӣ доранд.

16. Ҳангоми коркарди стратегияи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ пайдарпайии мантиқии татбиқшавӣ рияо гардида, мафҳуму мундариҷаи стратегия бояд мураккаб набуда, раванди ташаккули барномаҳои дар заминаи стратегия омодашаванда низ сода ва дастрас бошанд, ки танҳо масоили мубрам ва мушаххаси технологияҳои афзалиятнокро фаро гиранд. Дар омодасозии чунин асноди муҳим иштироки васеи кормандони илмӣ, ниҳодҳои марбута, муассисаҳои олии таълимӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, вазоратҳо ва муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ зарур мебошад.

